# ШАРҲИ ОСОНИ

# АҚИДАИ ТАҲОВӢ

Final

Муаллиф
**Доктор Муҳаммад ибни Абдурраҳмони ХУМАЙИС**

Мутарҷим
**Абдулҳалим ОРИФӢ**

ДАШАНБЕ



ББК 86.38+87.717
А-14

***Ин китоб бо иҷозаи Раёсати Шӯрои уламои Маркази Исломии Тоҷикистон таҳти № 54 аз 12 сентябри соли 2004 ба чоп пешниҳод шудааст.***

* * *

Худованди Мутаъол дар мазҳаби ҳанафӣ аз муқаддамтарин ва муҳимтарин китобҳост.

Шарҳи доктор Абдурраҳмон Х
Таҳовӣ» барои дарки осон ва нисбатан оммафаҳм гардидани муҳтавои он кӯмак карда ҳамчунин барои ҷамоъаи мусалмонони порсигӯ ва ба хатти кириллӣ ошно тӯҳфаи хубе хоҳад буд.

Ин рисола барои донишҷӯёни тоҷики риштаи омӯзиши улуми Исломӣ, муҳаққиқони адён ва мазоҳиб ва оммаи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст.

Final

* * *

| | |
|---|---|
| Номи китоб: | **Шарҳи осони Ақидаи Таҳовӣ** |
| Тафлифи: | **доктор Абдурраҳмон ХУМАЙИС** |
| Аз арабӣ тарҷумаи: | **Абдулҳалим ОРИФӢ** |
| Таҳрири муҷаддад: | **Саидаҳмад ҚАЛАНДАР** |

**ОРИФӢ**

بسم الله الرحمن الرحيم

Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

## МУҚАДДИМАИ МУТАРҶИМ

Ҳар коре ба асос ва зербино ниёз дорад. Илми ақида ҳам асосу таҳдоби ҳамаи корҳо ва илмҳост, зеро бидуни он некбахтии дунё ва мақбулияти аъмол ба даргоҳи Худованд имконпазир нест. Аз ҳамин ҷиҳат уламои гузашта илми ақидаро муҳимтарин ва сарогози тамоми улум мегуфтанд ва инчунин мусалмононро барои омӯзиши он ташвиқу тарғиб менамуданд ва ҳатто донистани он - “ақидаи тавҳид”-ро бар ҳар зану марди мусалмон фарзи айн шуморидаанд.

Final

Китобҳои таълифшуда дар илми ақида бисёранд, вале қадимтарин ва муҳимтарин китобҳое, ки дар ин замина дастраси мусалмонони ҳанафимазҳаб аст, яке “Фиқҳи Акбар”-и имоми бузургвор Абӯҳанифа ва дигаре “Ақидаи Таҳовӣ”-и имом Абӯҷаъфари Таҳовии Ҳанафӣ мебошад, ки ин ду матн мақбул ва писанди тамоми мусалмонони пешин ва уламои он гардида ва то ин рӯз мусалмонони аҳли суннат ва ҷамоъат дар шинохтани Худо бо асмову сифоташ ва шинохти аркону аҳкоми имон ва Ислом аз ин ду китоби арзишманд истифода мебаранд.

Азбаски китобҳои мазкур бо забони арабӣ таълиф шудаанд, лозим донистем, ки онҳоро ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда, дар дастрасии мусалмонон қарор диҳем. Бинобар ин банда ба тарҷумаи “Шарҳи осони Ақидаи Таҳовӣ”, ки бо қалами доктори илмҳои ақида Муҳаммад ибни Абдурраҳмон Хумайис тааллуқ дорад, пардохтам, зеро ӯ матни “Ақидаи Таҳовӣ”-ро



бо услуби соддаи омӯзиш ба дарсҳо тақсим намуда ва ҳар дарсро хулосагирӣ кардаст. Ҳамчунин барои мустаҳкам шудани маълумот дар зеҳни донишҷӯ ва хонанда дар охири ҳар дарс тамринот ва пурсишҳо тартиб додаст. Худованд шориҳи мазкурро барои ин кораш аҷру подоши беҳисоб ато фармояд ва низ ин шарҳи тарҷумашударо барои ҳамаи доништалабон муфид ва судманд қарор диҳад.

Дар фарҷоми сухан аз Аллоҳ таъоло масъалат дорам ин амалро, ки маҳз барои ризои Ӯ анҷом ёфтааст, бо лутфи амими хеш қабул намуда, дар номаи ҳасаноти ин бандаи оҷиз марқум фармояд ва моро дар тамоми корҳо тавфиқу ҳидоят ва истиқомату пойдорӣ ато намояд. Ҳамчунин аз хонандаи гиромӣ хоҳиш дорам, ки каминаро дар дуъои хеш фаромӯш насозад.

***Абдулҳалим Орифӣ.***
*Душанбе, 20.05.2000.*

Final

## МУҚАДДИМАИ МУАЛЛИФ

Сано ва ситоиш Худоерост, ки ҳамеша Ӯро ситоиш намуда ва аз ӯ мадад мехоҳем ва ҳамчунин аз шарри нафсҳои хеш ва аъмоли бад ба Ӯ паноҳ мебарем.

Касеро, ки Ӯ ҳидоят намояд, ҳаргиз шахсе ӯро гумроҳ нахоҳад кард ва чун бандаеро гумроҳ созад, ҳеҷ кас ӯро ҳидоят карда наметавонад.

Гувоҳӣ медиҳем, ки нест худое ба ҷуз Аллоҳ таъоло, ягона аст, ҳеҷ шарику анбозе надорад ва гувоҳӣ медиҳем, ки Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст.

**“Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед, чунончи шоистаи Худотарс будан аст, то намиред ҷуз ба дини мубини Ислом”.**

*(Оли Имрон, 102)*

Аммо баъд, китоби ҳозир шарҳи мӯъҷазест дар баёни ақидаи аҳли суннат ва ҷамоъат, ки эшон дар мазҳаби фақиҳони бузурги уммати Ислом, Абӯҳанифа, Нӯъмон ибни Собити Кӯфӣ ва Абуюсуф, Яъқуб ибни Иброҳим Ансорӣ ва Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ мебошанд.

Ақидаи саҳиҳи онҳоро имом Абӯҷаъфари Таҳовӣ дар ҳаҷми китобе тадвин намуда, ки воқеъан хеле ҷолиб ва муфид гардидааст.

Албатта, бояд, ки китоби мазкур чунин муассир ва манфиатбахш қарор мегирифт, зеро, ки Абӯҷаъфари Таҳовӣ қавитарин шахсияти илмии Ислом буд, ки тавонист ақидаи имомони бузурги Исломро тадвину таҳрир намояд, аз ҷиҳати ин ки ӯ илми росих ва дар мазҳаби ҳанафӣ мартабаву мақоми баланд дошт. Бинобар ин дар назди фуқаҳо ва уламои аҳли ҳадис шахси сиқа ва мӯътамад маҳсуб мегашт.

Ҳақиқатан тамоми уммати Ислом матни ақидаи имом Таҳовиро хуб пазируфтанд ва шарҳу таълиқоти зиёд барояш навиштанд, ки баъзеашон тибқи далоили суннати набавӣ шарҳ



намуда ва баъзе дигар дар шарҳ намудан тариқаи мутакаллимин *(аҳли калом)-ро* дунбол гирифтанд.

Яке аз бузургтарину судбахштарини шарҳҳояш шарҳи Имом Ибни Абулъиззи Ҳанафӣ мебошад, ки ӯ дар шарҳи худ се мулоҳизаи ислоҳҷӯёна бар соҳиби “Ақидаи Таҳовӣ” эрод фармудааст:

*Якум:* қавли имом Таҳовӣ, ки дар васфи Худованд гуфта: “Қадим аст беибтидо”, ки Ҳақ таъоло дар Қуръон худро чунин васф накарда, балки он аз сохтаҳои аҳли калом аст.

*Дуввум:* қавли имом Таҳовӣ: “Худованд аз ҳудуд ва ғоёту аркон ва аъзову адот поку муназзаҳ аст.”, ки ин алфоз низ дар сарчашмаҳои шаръ (Қуръон ва ҳадис) на ба шакли мусбат ва на ба сурати манфӣ наомада, балки онҳо бофтаву сохтаи аҳли калом мебошанд ва беҳтар он аст, ки дар тавсифу баёни Зоти Худованд аз чорчӯбаи алфози шаръӣ берун набароем.

*Саввум:* Баён кардани имом Таҳовӣ мазмуни имонро ба ин тариқа “Ба дурустӣ, ки имон иқрори ба забон ва тасдиқ намудан ба дил аст”. Пас ӯ бо ин гуфта аъмолро аз мафҳуми калимаи имон баровард, ки ин хилофи ақидаи тамоми уламои гузашта мебошад, ки эшон пешвоён ва бузургони чор мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоъат буданд.

Худованд ҳар ду имоми бузург, Абуҷаъфари Таҳовӣ ва Ибни Абулъиззи Ҳанафиро мавриди раҳмат ва иноятӣ хеш қарор бидиҳад, зеро эшон хидмати арзандае барои суннати набавӣ ва низ барои ақидаи аҳли суннат ва ҷамоъат анҷом додаанд.

Воқеъан, кайҳо боз дар дилам шӯру шавқи зиёд пайдо шуд, ки китоби мазкурро бо истифода аз шарҳи Ибни Абулъиззи Ҳанафӣ шарҳи кӯтоҳ ва дилчасп намоям, то писанду қабули толибони навомӯз гардад ва ҳамчунин тамоми мусалмонон дар шинохтани ақидаи Ислом аз он истифода баранд.

Аз Аллоҳ таъоло масъалату хоҳиш дорам, ки ҳама мусалмононро аз ин китоб баҳраманд созад ва ин амалу кӯшиши каминаро дар рӯзи ҳашр сабаби гароншавии тарозӯи ҳасаноти ин бандаи мискин бигардонад.

Омин ё Рабба-л-ъоламин.

***Доктор Муҳаммад ибни Абдурраҳмон ХУМАЙИС.***

بسم الله الرحمن الرحيم

Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

## ДАРСИ АВВАЛ

الحمدُ لله ربِّ العالمين.

قال العلامةُ حُجَّة الإسلام أبو جعفر الورَّاق الطّحاوى - بمصرَ - رحمه الله: هذا ذكرُ بيانِ عقيدة أهل السُّنّة والجماعة على مذهب فُقَهاء الملة أبى حنيفةَ النُّعمان بْنِ ثَابت الكوفي، وأَبى يُوسُف يَعْقُوب بْنُ إبراهيم الأنْصارى وأبى عبد الله محمّد بْنُ الحَسَن الشَّيبانى رضوان الله عليهم أجمعين. وَمَا يَعْتَقدون مِن أُصُول الدِّين، وَيدينُون بِهِ رَبَّ العَالمين.

Ситоиш Худоро ки Парвардигори ҷаҳониён аст.

Имом, ҳуҷҷату-л-ислом, Абуҷаъфари Таҳовӣ (р) фармудаанд:

Ин баёну тавзеҳи ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат аст, ки эшон бар мазҳаби Абуҳанифаи Куфӣ ва Абуюсуфи Ансорӣ ва Абуабдуллоҳи Шайбонӣ (ризвонуллоҳи алайҳим аҷмаъин) мебошанд. Ҳамчунин китоби ҳозир усулу асосҳои динро, ки аҳли суннат ва ҷамоъат ба он эътиқод дошта, ба василаи он Парвардигори ҷаҳониёнро парастиш мекунанд, бозгӯ месозад.

Дар баёни тавҳид ва ягонагии Алоҳ таъоло бо такя ба тавфиқу дастгирии Ӯ мегӯем:



# [١] إنَّ الله واحد لا شَريك لَهُ.

1. Ҳамоно Худованд ягона аст ҳеҷ шарику анбозе надорад.

***Шарҳ:*** Дар ҳақиқат Худованд дар ҳама чиз ягона аст, дар зоту ҳастиаш ва дар афъолу кирдораш, дар номҳову сифатҳояш ва дар шоиставу сазовор будани Ӯ барои ибодат ва парастиш.

Хулоса, дар ҳама чиз Ӯ якка буда, шарику ҳамтое дар ҳеҷ коре надорад.

Чунончи дар офариниш ва фармонравоӣ Ӯро шарику анбозе нест.

**“Огоҳ бошед, ки офариниш ва фармон ба дасти Ӯст”.** *(Аъроф,54)*

**“Оё ғайри Аллоҳ таъоло офаридгоре ҳаст, ки шуморо дар осмон ва замин рӯзӣ медиҳад?”** *(Фотир, 3.)*

Ҳамчунин дар фоидаву зиён ва миронидан ва зинда гардонидан ва умуман дар тадбири тамоми корҳо ва идораи олам барои Худованд шарику анбозе набуда ва нест.

Дар асмо ва сифоташ низ шарику монанде ба худ надорад ва инчунин дар улуҳият ва истиҳқоқи убудият ҳам шарику ҳамтои Ӯ нест.

Тавҳид ва имони банда комилу пурра намегардад, то ки аз тамоми анвоъи ширк даст кашад ва Худовандро бо тавҳиди холис парастиш намояд, яъне Ӯро дар рубубият ва афъолаш ягона бидонад ва инчунин дар асмо ва сифоташ ягона эътиқодаш намояд, бинобарин ба ҷуз Офаридгор махлуқеро аз ҳаддаш зиёд тавсифу ситоиш накунад ва низ дар улуҳияташ Ӯро яккаву ягона эътиқод намояд, бинобар ин ҳеҷ навъи ибодатро барои ғайри Аллоҳ таъоло анҷом надиҳад.

**“Фақат Туро ибодат мекунем ва танҳо аз Ту мададу ёрӣ металабем”.** *(Фотиҳа, 5)*

**“Ва наофаридам ҷинн ва инсонро, магар борои ин ки Маро бипарастанд”.** *(Зориёт: 56)*



Final

[٢] وَلا شَيءَ مِثْلُهُ.

[٣] وَلا شَيءَ يُعجِزُهُ.

[٤] وَلا إِله غَيْرُهُ.

2. Чизе монанди Ӯ нест.

3. Чизе Ӯро оҷиз ва нотавон карда наметавонад.

4. Ва нест худое ғайри Ӯ.

***Шарҳ:*** Яке аз усули тавҳид ин аст, ки эътиқод ва бовар дошта бошӣ ба ин ки Аллоҳ таъолоро чизе шабиҳу монанд нест.

**“Нест чизе мисли Ӯ ва Ӯ шунаво ва биност”.** *(Шӯро,11.)*

Бинобар ин Хақ таъоло ба касе аз махлуқоташ монанд набуда ва ҳеҷ махлуқаш ба ӯ дар зоту ҳастӣ, дар афъолу кирдор ва низ дар асмо ва сифот ва дар ҳуқуқу салоҳиятҳо шабоҳату монандӣ надорад.

***Шарҳ:*** Ҳақ таъоло бар ҳар чизеки хоҳад қодиру тавоност.

**“Ҳамоно фармони Худо ин аст, ки вақте чизеро ирода кунад, ба ӯ мегӯяд мавҷуд шав ва он пайдо мешавад”.**

*(Ёсин, 82)*

Чизе дар Аллоҳ таъоло гарон набуда ва ҳеҷ чизе мояи аҷзи Ӯ нагашта. Чи тавре Худованд мефармояд:

**“Ва чизе дар осмонҳо ва замин Худовандро оҷиз нагардондааст. Ҳамоно Ӯ доно ва тавоност”.**

*(Фотир, 44.)*

Ин амр баёнгари камоли қудрат ва тавоноии Аллоҳ таъоло мебошад, ки Ӯ ҳар чиро ки хоҳад мекунад ва ҳар чиро нахоҳад анҷом намедиҳад ва ин нукта бар камоли рубубияти Ӯ далолат мекунад.

***Шарҳ:*** Ин калимаи тавҳид аст, ки тамоми паёмбарон мардумро ба сӯи он фаро хонданд.

**“Ҳароина мо дар ҳар қавме паёмбар фиристодем, то ба мардум бигӯянд, ки Худоро ибодат намоед ва аз парастиши бут дурӣ биҷӯед”.** *(Наҳл, 36)*



Маънову маҳфуми оят ин аст, ки ба ҷуз Худованд касе лоиқу сазовори ибодат нест, зеро ки Ӯ Офаридгор, Рӯзидеҳ, Молик ва Идоракунандаи ҷаҳон аст. Аз ин рӯ бояд, ки бандагон тамоми анвоъи ибодатро танҳо барои Ӯ анҷом диҳанд ва ҳар чизе ки ғайри Аллоҳ таъоло ниёиш карда ва парастида мешавад, ботил ва беасос мебошад.

Чаро ин тавр аст? Зеро чизе аз дасти ин худоёни сохта барнамеояд ва эшон дорои ҳеҷ амру фармон ва тадбиру тасарруфе дар умури ҷаҳон намебошанд. Ҷумлаи “Нест худое ба ҷуз Ӯ”, ки фарогирандаи нафй ва исбот аст, тавҳиди улуҳиятро ифода менамояд.

***Хулоса***:

Дар ҳақиқат Худованди бузург дар зоти хеш ва номҳову сифоташ ва дар маъбудияташ якаву танҳо буда, ҳеҷ махлуқаш ба Ӯ шарику монанд намебошад ва Ӯ бар ҳама чиз қодиру тавоно аст. Чизе ӯро оҷиз нагардонда ва ба Ӯ ҳеҷ коре гаронӣ ва душворӣ наовардааст, ҳамчуноне ки ба ҷуз Ӯ касе мустаҳиққу сазовори ибодат ва парастиш нест.

***Пурсишҳо***:

1. Ваҳдонияти Аллоҳ таъоло чӣ маъно дорад?
2. Анвоъ ва ақсоми сегонаи тавҳид кадом аст?
3. Анвоъ ва бахшҳои сегонаи ширк кадомҳоянд?
4. Ҳамаи паёмбарон мардумро ба сӯи кадом матлаб фаро хонданд?



Final
Final

## ДАРСИ ДУВВУМ

[٥] قَدِيم بلا ابتِداء (*) دَائم بلا انتِهاء .

[٦] لا يَفْنى ولا يَبِيدُ.

[٧] ولا يَكون إلا ما يُريد.

5 - Қадим аст беоғоз ва ҳамеша ҳаст беинтиҳо.

6 - Ҳалок нахоҳад шуд ва несту нопадид нахоҳад гашт.

7 - Ва ба ҷуз хостаи Ӯ чизе рӯй намедиҳад.

***Шарҳ***: Қадим аз номҳои Худованд ба шумор намеравад. Мурод аз он, ин аст, ки чизе зоти ҳазрати Худовандиро сабқат накарда ва Ӯ ҳамеша ҷовидон ва беинтиҳову фарҷом боқӣ хоҳад монд. Ин айнан маҳфуми ояти зерин мебошад: **Худованд аввал ва охир аст.** *(Ҳадид: 3)*

Зеро, ки маънои Аввал яъне пеш аз Ӯ чизе набуда ва Охир, яъне баъди Ӯ чизе арзи ҳастӣ нахоҳад кард, мебошад.

Расули Худо (с) ояти мазкурро чунин тафсир намуда: ***Яъне ҳалок намешавад ва несту нобуд нахоҳад шуд***. Чунончи Худованд дар таъйиди ин маъно фармуда:

**“Ҳар кӣ рӯи замин аст дастхӯши марг ва фаност ва зиндаи абадӣ Зоти Худои мунъими боҷалол ва азамат аст”.**

*(Арраҳмон 26-27)*

Яъне Худованд ҳар чизеро ки ирода намояд, қодиру тавоно мебошад.

Чунончи Аллоҳ таъоло фармуда: **“Вале Худованд ҳар чизеро хоҳад мекунад”**. Бинобар ин ҳар гоҳ Худованд кореро бихоҳад, анҷомаш медиҳад, агар чанде тамоми махлуқоташ онро нахоҳанд ва чун кореро нахоҳад, тамоми махлуқоташ онро анҷом дода наметавонанд. Ин аст иродаи кавнӣ ва қадарии Аллоҳ таъоло.

Final



Аз ин рӯ ҳар кори нек ё баде, ки дар ин олам сар мезанад, ҳама ба ирода ва хости Ӯ сурат мегирад ва иродаи Ӯ ҳаргиз мағлуб ва маҳкум нахоҳад шуд. Чизеро, ки Ӯ бихоҳад, таҳаккуқ мепазирад ва чизеро, ки нахоҳад ба вуқӯъ намепайвандад.

[٨] لا تَبلُغُه الأَوْهَامُ، ولا تُدْرِكُهُ الأَفْهَامُ

[٩] وَلا يُشْبِهُ الأَنام (٣).

[١٠] حَي لا يَمُوتُ، قيُّوم لا يَنَامُ.

8- Авҳому гумонҳо ба Ӯ намерасанд ва фаҳму хирадҳо Ӯро дарк нахоҳанд кард.

9- Касе аз мардум ба Ӯ шабиҳу монанд намебошад.

10- Зиндааст, ҳаргиз нахоҳад мурд ва пояндаву тадбиркунандааст, ки ҳаргиз касолату хоб Ӯро фаро нагирад.

***Шарҳ***: Ҳамоно касе аз мардум ба василаи илму дониш ба Ӯ расида наметавонад. Чунон чи Худованд фармуда **“Ба илму дониш ба Зоти Ӯ нахоҳанд расид”**. *(Тоҳо: 110)*

Бинобар ин тахмину гумонҳо ва тасаввуроту хаёлҳо ба ҳақиқати Зоти Худованд нахоҳад расид ва касе ҳам кунҳу умқи зоташро нахоҳад донист. Ҳамчунон ки касе аз махлуқоташ дар Зоту ҳастӣ ва номҳову сифот ва афъолу кирдораш ба Ӯ шабоҳат надорад ва Ӯ зиндааст, ки ҳаргиз намемирад. **“Ва бар он Зоти зиндае, ки ҳаргиз намемирад, таваккал ва эътимод кун.”**

Пояндаву идоракунандааст, ки ҳаргиз Ӯро ҳолати пинак фаро нагирад, чи ҷои хоб рафтан ва агар Ӯро хоб фаро гирад, ҳароина тамоми қавонин ва низоми олам мутазалзил ва вайрон мегардад.

Ҳамаи ин нуктаҳо афкору эътиқоди тоифаи муташаббиҳаро, ки Худовандро ба мухлуқоташ ташбиҳ дода ва ба ин сабаб кофир гаштаанд, рад менамояд.

Final

[١١] خَالقٌ بلا حَاجَة، رَازقٌ بلا مؤونَة

[١٢] مُميتٌ بلا مَخَافة، بَاعثٌ بلا مَشَقَّة.

11- Офаридгори бениёз ва рӯзидиҳи хастанашаванда аст.

12- Миронандаи бехавфу тарс ва зиндакунандаи бемашаққат ва хастагӣ мебошад.

***Шарҳ:*** Ҳамоно Худованд мардумро ба ин хотир наофарида, ки ба эшон дасти ниёзмандӣ дароз кунад, ё аз онон майли ҳамкорӣ ва кӯмак намояд, балки онҳоро танҳо барои ибодату парастиши Зоти покаш офаридааст.

Чи тавре ки мефармояд: **"Наофаридам ҷинн ва инсонҳоро магар барои ин ки Маро бипарастанд."**

*(Зориёт: 56)*

Худованд ҳамаи махлуқоташро сарфи назар аз ин ки инсон бошад, ё ҷинн, парранда бошад, ё хазанда, мӯъмин бошад, ё кофир ризқу рӯзӣ дода, хостаҳояшонро бароварда месозад, дар ҳоле ки ин амр чизе аз хазинаҳои мулкаш намекоҳад.

Ба дасти Аллоҳ таъолост калидҳои осмонҳову замин ва Ӯ махлуқоташро дар соати муқарраршуда бе ягон хавфу ҳарос мемиронад

**"Худованд мемиронад одамонро чун маргашон даррасад"**

*(Зумар, 42)*

**"Аллоҳ таъоло аз корҳои анҷомдодааш пурсида нахоҳад шуд, вале эшон** *(мардум)* **мавриди пурсиш қарор мегиранд"**.

*(Анбиё: 23)*

Ва Ӯ рӯзи қиёмат мурдагонро аз гӯрҳояшон бармеангезад:

**"Кофирон чунин пиндоштанд, ки ҳаргиз барангехта нахоҳанд шуд. Бигӯ, савганд ба Парвардигорам, ҳароина барангехта мешавед, сипас аз корҳои анҷомдодаатон хабар дода мешавед ва ин амр дар назди Худованд саҳлу осон аст".**

*(Тағобун,7)*

Аз ин рӯ бидуни машаққат ва хастагӣ рӯзи растохез ҳамаи мардумро баъд аз маргашон бори дуввум зинда хоҳад кард.



Зеро бешакку шубҳа Зоте, ки замини мурдаро ба василаи об зинда кард, бар зиндасозии мурдагон қодиру тавоност

**"Ҳамчунин мебарорем мурдагонро шояд, ки шумо панд бигиред".** *(Аъроф, 57)*

Ҳамчунин он Зоте, ки нахустин бор офарида, қудрату тавони инро дорад, ки дубора онҳоро зинда намояд ва ин ин кор дар назди Ӯ бисёр саҳлу осон мебошад. Поку муназзаҳ аст Худованд аз он чи кофирон мегӯянд.

***Хулоса:*** Ҳақиқатан, Худованд аввал ва охир буда, ҳамеша зиндаву поянда аст. Чизеро ки хоҳад анҷом медиҳад. Ҳақиқати Зоти Ӯро бо илму дониш шинохтан имконпазир нест. Ҳаргиз Ӯро пинак ва хоб намегирад. Аз корҳои анҷом додааш пурсида намешавад, вале мардум мавриди суол ва пурсиш қарор мегиранд.

***Пурсишҳо:***

1. Оё Қадим аз номҳои Худованд аст?
2. "Ва ҷуз хостаи Ӯ чизе рӯй намедиҳад" чӣ маъно дорад?
3. Дар идораву тасмимгирии Худованд шарику анбозе ҳаст?



Final

## ДАРСИ САВВУМ

[١٣] مَازال بصفَاته قديماً قَبْل خَلْقه، لم يَزْدَدْ بكَوْنهم شيئا لم يكنْ قَبلهُم منْ صفَته، وكما كَانَ بصفَاته أَزَليا، كذلك لا يزالُ عَلَيْها أبديا.

[١٤] ليس بعد خلق الخَلق استفاد اسم «الخالق». ولا بإحْداث البريَّة استفاد اسم «الباري».

13- Ҳамеша пеш аз офариниши мардум ба сифатҳои хеш муттасиф буда, офариниши онон чизе бар сифаташ наафзуда. Ҳамчуноне, ки бо сифоташ азалӣ ва ҳамеша будааст, ҳамин тавр бар он сифатҳо абадӣ ва ҷовидон хоҳад монд.

14- Баъди офаридани махлуқот ва ба вуҷуд овардани мардумон номҳои Холиқ *(офаридгор)* ва Борӣ *(эҷодкунанда)*-ро касб накардааст.

***Шарҳ:*** Дар ҳақиқат ҳар сифате аз сифоти Аллоҳ таъоло пеш аз офаридани махлуқот дар азал барояш собит ва пайдо буд ва тамоми сифатҳои мазкур сифоти камол ва танзиҳи Ӯст, ки набудани сифати мазкур дар Зоти Ҳақ таъоло накс ва адами камол маҳсуб мегардад. Маҳол аст, Аллоҳ таъоло баъди накс ва нопуррагӣ сифоти камол ва муназзаҳиятро касб карда бошад, ё ин ки баъди офаридани мардум кадом сифате ба сифоташ изофа гардида бошад, балки тамоми сифоти мазкур дар азал қабл аз офариниши ашё барои Зоти Ӯ собиту мавҷуд будааст.

Ҳамчунон ки Худованди бузург бо сифатҳояш азалӣ аст, ки барои он сифот ибтидову оғоз вуҷуд надорад, ҳамин тавр Ҳақ таъоло бар сифоти мазкур ҷовид ва абадӣ мебошад, ки



онҳо ҳеҷ гоҳ несту нобуд намешаванд, балки бо бақову ҳастии мавсуф боқӣ хоҳанд монд.

Аллоҳ таъоло қабл аз офаридани махлуқот дорои номи Холиқ *(офаридгор)* буд ва ҳеҷ гоҳ тавсифи Ӯ бо ин ном ба офариниши махлуқот мавқуф набудааст.

Ҳамчунин номи Борӣ *(эҷодкунанда)*-ро баъди ба вуҷуд овардани оламиён ба худ касб накарда, балки Ӯ қабл аз ибдоъ ва эҷоди мавҷудот Борӣ буд. Аз ин рӯ номҳо ва сифоти Ӯ чун Зоти покаш қадим *(бе ибтидову оғоз)* мебошанд. Дар ин маврид аз Паёмбари Худо (с) ривоят аст, ки он ҳазрат (с) чунин хабар медиҳад: ***"Худованди бузург қисмату сарнавишти махлуқоташро панҷоҳ ҳазор сол пеш аз офаридани осмонҳо ва замин муқаддар ва муайян намудааст".***

[١٥] له معنى الرُّبوبِيَّة ولا مَرْبوب. ومعنى الخالق وَلامخلوق.(١)

[١٦] وكما أنه مُحيي الموتى بَعْدَ ما أَحْيا، استحقَّ هذا الاسْم قَبْلَ إحْيَائهم، كذلك استحق اسْمَ الخالق قبل إنْشائهم.

[١٧] ذلك بأنه على كل شيء قديرٌ، وكلُّ شيء إليه فَقيرٌ. وكلُّ أمْر عليه يَسيرٌ. لا يحتاجُ إلى شَيء. ﴿لَيْس كَمثله شَيء وهو السَّميع البَصير﴾ [الشورى: ١١].

15- Аллоҳ таъоло дорои маънои рубубият *(парвардигорӣ)* буд, дар ҳоле ки ҳеҷ марбубе *(офаридашудае)* вуҷуд надошт ва инчунин Ӯ дорои мафҳуми холиқият *(офаридгорӣ)* буд, дар ҳоле ки ҳеҷ махлуқу мавҷуде набуд.

16- Ҳамчунин Ӯ қабл аз дубора зинда кардани мурдагон сазовори ин ном *(зиндакунанда)* гаштааст, чи тавре, ки пеш аз офаридани мардум сазовору мустаҳиқи ин ном *(Холиқ)* буд.

17- Зеро, ки Ӯ бар ҳама чиз қодиру тавоно буда ва ҳама чиз ба сӯи Ӯ ниёзманд мебошанд ва ҳамаи корҳо бар зоти Ӯ

саҳлу осон аст, ки ба чизе мӯҳтоҷу ниёзманд намегардад. **“Ҳеҷ чиз монанди Ӯ нест ва Ӯ шунавову бино аст”.**

***Шарҳ:*** Дар ҳақиқат Аллоҳ таъоло пеш аз офаридани мардум ба тамоми маънои рубубият Парвардигор мебошад. Ҳамчунин Ӯ қабл аз халқ намудани ашё Холиқу офаридгор мебошад. Пас ин номҳо ва маъонӣ, ки ба Ӯ далолат мекунанд, ҳамеша аз аввал то охир хос ба Зоти Ӯ таъоло ҳаст.

Бинобар ин ҳамчунон ки Худованд мурдагонро баъди ҳаёту зиндагониашон дубора зинда мекунад, ҳамин тавр Ӯ онҳоро қабл аз сурати ҳастӣ гирифтан зинда карда, ба эшон ҳаёт бахшида буд ва чунон ки Ҳақ таъоло баъд аз офариниш мурдагонро дубора халқ мекунад, ҳамин тавр ӯ эшонро қабл аз ин офариниш халқ бинмуда. Зеро Аллоҳ таъоло бар ҳама чиз қодиру тавоно аст, ҳар гоҳ чизеро хоҳад анҷом медиҳад ва чун нахост пайдо намегардад ва ин иродаи кавнӣ, қадарист, ки чизе аз чорчӯбаи он берун намебарояд ва ҳеҷ гоҳ чизе мухолифи он сурат намегирад.

Тоифаи мӯътазила мегӯяд: Аллоҳ таъоло бар ҳамон чизе, ки дар доираи қудрату тавонаш ҳаст, қодир мебошад, вале афъолу кирдори бандагон аз доираи қудраташ берун аст, бинобар ин Худованд бар афъолу кирдори бандагонаш қодир намебошад. Ин эътиқоди мӯътазила салб намудани сифати камол аз Худованд мебошад, зеро ки Аллоҳ таъоло бар ҳама чиз қодиру тавоност, чуноне ки Ӯ аз худ хабар дода мегӯяд:

**“Аллоҳ таъоло бар ҳама чиз қодир мебошад”.**

*(Бақара, 284)*

Ҳамчунин ҳар чизе, ки дар ин ҷаҳон арзи ҳастӣ мекунад, ҳама бо ирода ва хости Ӯст ва бовару тасдиқ намудани ин масъала аз муҳимтарин шурути имон овардан ба рубубияти Аллоҳ таъоло ба ҳисоб меравад.

Ҳар чизе, ки дар ин олам аст, ҳама дар мавҷудият ва бақо ниёзманд ва мӯҳтоҷ ба Аллоҳ таъоло мебошад ва ҳама корҳо дар назди қудрат ва нерӯи Худовандӣ саҳлу осон аст. Чи тавре, ки Ҳақ таъоло мефармояд: **“Ҳамоно ин бар Худованд осон аст”**.

*(Ҳадид: 22)*



Ва Ӯ ба касе ё ба чизе эҳтиёҷ надорад, балки ҳама чиз дар ҳама вақту замон ва мавзеъу макон ба Аллоҳ таъоло мӯҳтоҷ ва ниёзманд мебошад.

***Хулоса:*** Сифоти зотии Худованд қадиму азалианд ва сифоти феълиаш қадиму-н-навъ мебошанд. Агар чанде баъзе аз сифоти феълӣ қобили ҳудус ва пайдошавӣ бошанд, вале онҳо бо бақову пояндагии зоти Аллоҳ таъоло боқӣ ва ҷовидон мебошанд ва Худованд қабл аз офариниш дорои асмо ва сифоти хеш буд.

***Пурсишҳо:***

1. Оё маънои рубубияти Худованд ба вуҷуду ҳастии марбубин *(махлуқҳо)* ниёз дорад?
2. Оё қудрати Аллоҳ таъоло дар ҳама чиз таъсир хоҳад кард?
3. Маънову мафҳуми ин оят **(Нест чизе шабиҳи Ӯ)** чист?

Final

## ДАРСИ ЧОРУМ

[١٨] خَلَقَ الخَلْقَ بعلْمه .

[١٩] وقَدَّرَ لهمْ أقدارا.

[٢٠] وَضَرَبَ لهم آجَالاً .

[٢١] ولم يَخف عَليه شَيء قَبْل أَنْ يَخْلُقَهُم. وَعَلمَ ما هُمْ عَامِلُونَ قَبْل أن يخْلُقَهُم .

18- Мардумро бо илми худ биёфарид.

19- Тақдиру сарнавишти онҳоро муайян намуд.

20- Аҷалу мӯҳлати онҳоро муқаддар ва муайян сохт.

21- Чизе қабл аз офарниши эшон аз Зоти Ӯ пинҳон ва махфӣ намонда ва инчунин пеш аз офаридан тамоми кору кирдоре, ки эшон анҷом медиҳанд, медонист.

Шарҳ: Ҳамоно Худованд мардумро офарида, дар ҳоле, ки ба эшон доно ва огоҳ буд. Чи тавре, ки мефармояд:

**“Оё он Зоте, ки офаридааст, намедонад ва Ӯ меҳрубон ва огоҳ аст”.** *(Мулк, 14)*

Бинобар ин илми Худованд ҳама чизро иҳота намудааст, ҳамчуноне, ки мефармояд:

**“Он чизеро, ки аз пешу ақиби онҳост, медонад ва касе бо илму дониш ҳақиқати Зоти Ӯро намешиносад ”.**

*(Тоҳо 110)*

Илми Аллоҳ таъоло тамоми чизҳои гузашта ва оянда ва ҳатто чи гуна сурати ҳастӣ гирифтани чизҳои рухнадодаро фаро мегирад.

Чунончи Ҳақ таъоло фармуда:



**Чизе ба андозаи як зарра ва на хурдтар ва на бузургтар аз он дар осмонҳо ва замин дар илми Худованд пӯшида нест, магар ин ки ҳама дар китоби возиҳу ошкор сабт гардида**.

*(Сабаъ: 3)*

Яъне чизе аз Ӯ пӯшида нест ва илми Ӯ куллиёт ва ҷузъиётро фаро гирифтааст.

Ҳама чизро Худованд ба андоза офаридааст, ҳамчуноне, ки мефармояд:

**“Мо ҳама чизро ба андоза офаридем”**. *(Қамар, 49)*

Аз ин рӯ хайру некӣ ва шарру бадӣ ҳама муқаддар мебошанд ва ҳама чиз ба андоза офарида шуда.

Ин гуфта даъвову пиндори касонеро, ки мегӯянд, ки шарру бадиро Худованд наофаридааст, рад менамояд. Аллоҳ таъоло барои мардум мӯҳлату вақт муайян намуда, ки аз он зррае таъхир намекунад.

**“Пас ҳар вақте ки аҷалашон фаро расад, соате тақдим ва таъхир нахоҳад кард”.** *(Аъроф, 34)*

Ҳақиқатан, Худованд ҳама чизро пеш аз офаридан медонист ва инчунин некбахтон ва бадбахтон, некӯкорон ва фосидонро қабл аз офариниш медонад ва чигуна ва дар кадом рӯз сар задани корҳоро аз эшон низ хоҳад донист. Ҳеҷ чизе аз кору кирдори мардум аз Ӯ пӯшида нест.

***Хулоса:*** Ҳамоно Худованд мардумро ба илми хеш офарида аст ва тақдиру сарнавишти ҳар чизро муайян кардааст.

Чизе аз махлуқоташ ва аз аъмолу кирдорашон қабл аз офариниш бар Ӯ махфӣ ва пинҳон намондааст.

***Пурсишҳо:***

1. Маънои ин ҷумла “ва тақдиру сарнавишти онҳоро муайян кардааст” чӣ мебошад?
2. Оё Худованд аъмолу кирдори бандагонро пеш аз офариданашон медонад?



Final

## ДАРСИ ПАНҶУМ

[٢٢] وأَمَرَهُم بطَاعته، ونَهَاهُم عَنْ مَعْصيته.

[٢٣] وكُلُّ شيء يجْرى بتقديره ومَشيئته، ومَشيئتهُ تَنْفُذُ مَشيئة للعباد، إلا ما شاء لهم، فما شاءَ لهم كان، و لم يَشأ لم يكُن.

22- Онҳоро ба тоъату фармонбардории хеш амр намуда ва аз маъсияту саркашиаш наҳй кардааст.

23- Ва ҳама чиз ба тақдиру хости Худованд ҷорӣ мегардад ва иродаву хоҳиши Аллоҳ таъоло иҷро шуданист. Бандагон ҳеҷ иродаву хоҳиш надоранд, магар он чиро ки Худованд барояшон хоста бошад. Пас чизеро ки Худованд хоста, рух медиҳад ва чизеро, ки нахоста воқеъ нахоҳад шуд.

***Шарҳ:*** Воқеан, Худованд мардумро ба итоату фармонбардории худ амр намуда, савобу подоши зиёде дар ивази он ваъда додааст. Ҳамчунин эшонро аз маъсияту саркашӣ наҳй карда, аз азоби дарднок бимашон додааст. Чи тавре ки Аллоҳ таъоло фармуда:

**“Ва касе, ки аз Худо ва расулаш итоат намояд, Аллоҳ таъоло ӯро ба биҳиштҳое дохил мекунад, ки зери онҳо ҷӯйҳо равон аст дар ҳоле, ки ӯ дар он ҷо ҷовидон ва абадӣ мебошад ва ин аст пирӯзии бузург ва касе, ки аз Худо ва расули Ӯ саркашӣ намуда, марзҳои муайяншудаи Ӯро таҷовуз намояд, Ҳақ таъоло ӯро ба оташе дохил менамояд, ки дар он ҷовидон месӯзад ва барои ӯст азоби хоркунанда”.** *(Нисо, 12-14)*



Final

Худованд баъди ҳарф заданаш аз халқу офариниш бе восита аз амр ва наҳй хабар медиҳад, ки ин нукта бар он далолат менамояд, ки Офаридгор дорои амр ва наҳй аст.

Чунон ки Ҳақ таъоло мефармояд:

**“Огоҳ бошед, ки барои Худованд аст, амр ва наҳй”**

*(Аъроф:54)*

Ҳама чиз ба тақдир ва хоҳиши Аллоҳ таъоло равон аст ва хеҷ чиз дар олами ҳастӣ бе иродаву хоҳиши Ӯ сурат намегирад ва машияту иродаи Ӯ таҳаққуқпазир ва иҷро шуданӣ аст ва хеҷ гоҳ ба таъхир ва таътил мувоҷиҳ намегардад, ки инро иродаи кавнӣ, қадарӣ меноманд ва маънову мафҳуми он иборат аст, аз ин ки ҳар чизеро, ки Худованд дар ин олам ирода намояд, хоҳ ӯ нек ва ё бад бошад, албатта ӯ таҳаққуқ меёбад ва пайдо мегардад.

Худованд мефармояд: **“Касеро, ки Худо хоҳад гумроҳ мекунад ва касеро, ки хоҳад бар роҳи рост қарор медиҳад”.**

*(Аъном:39)*

**“Ва агар Худованд мехост эшон даст ба куштор намезаданд, вале Аллоҳ таъоло чизеро, ки хоҳад анҷом медиҳад.”**

*(Бакара:25)*

Иродаву хоҳиши бандагон ҳам аз машият ва хоҳиши Илоҳӣ берун нест, чунон ки Худованд мефармояд:

**“Ва намехоҳед, магар он чиро, ки Худованд, Парвардигори ҷаҳониён хоста бошад.”**

*(Таквир: 29)*

Иродаи кавнӣ аз иродаи шаръӣ фарқ дорад, ба ин гуна, ки он аҳёнан таҳаққуқ намеёбад. Зеро, ки Худованд кореро дӯст медорад ва ба вуҷуд омаданашро намехоҳад.

Аҳёнан, кореро бад мебинад, вале рух додани онро аз ҷиҳати ҳикмате мехоҳад, ки ҳикмати мазкурро танҳо Ӯ медонад.

Чизеро, ки Худованд барои бандагонаш хоҳад анҷом меёбад ва ҳар чиро, ки барояшон нахоҳад воқеъ намешавад, агар чанде ҳамаи бандагон онро бихоҳанд. Ин амр хилофи гуфтаи қадария мебошад, ки эшон мегӯянд инсон маъсияту гуноҳро ба хоҳиши худ ва бе иродаи Илоҳӣ анҷом медиҳад, яъне Худованд он маъсиятро ирода накардааст, балки кунандаи он фақат инсон

Final

мебошад, ки ӯ маъсияти мазкурро хоста, на Худо. Ҳамин тавр қадариён инсонро иродакунандаи ашё бе иродаи Илоҳӣ қарор додаанд.

[٢٤] يَهْدِى مَنْ يشاءُ، ويَعْصِمُ ويُعافِي، فَضْلا، ويُضِلُّ مَنْ يَشاءُ، ويَخْذُلُ ويَبتلي، عَدْلا.

[٢٥] وكلهم يتقلَّبون فى مَشِيئته، بين فَضْله وعَدْله (١)

24- Касеро, ки хоҳад ба фазлу раҳмати хеш ба роҳи рост ҳидоят намуда, аз гумроҳӣ нигоҳ медорад ва касеро, ки хоҳад ба ҳукми одилонааш гумроҳ сохта, ба хузлон ва хорӣ гирифтор месозад.

25-Ва ҳамаи бандагон дар иродаву хоҳиши Худо миёни фазлу адолаташ мегарданд.

***Шарҳ:*** Ҳамоно Худованд касеро, ки аз бандагонаш хоҳад ба роҳи рост ҳидоят кардааст, аз куфру гумроҳӣ ва гуноҳу маъсият ва аз осори зиёновари он дар дунё ва охират ҳифз менамояд.Ба касе, ки Аллоҳ таъоло ин неъматро лоиқу сазовор бинад, пас ин фазлу раҳмати бекаронаи Илоҳӣ мебошад, ки бояд банда Худовандро барои ин шукргузорӣ намояд.

Ҳамчунин касеро, ки аз мардум хоҳад, гумроҳ намуда, ба зиллату хорӣ меафканад. Ба ин тариқ, ки эшонро ба нафсҳояшон вогузошта, фосилае, ки миёни шайтон ва онҳост мебардорад, бинобар ин аз исмату паноҳи Илоҳӣ маҳрум гашта, дар гумроҳӣ ва маъсият меафтад. Ин амали Худованд, кори одилонаи Ӯст, ки ҳикмати ниҳоят бузург дорад ва адолату доди мутлақ ва комил махсуси Зоти Ӯст. Чунончи оятҳои зерин бар ин гуфтаҳо далолат мекунанд. **“Касеро, ки хоҳад гумроҳаш мекунад ва касеро, ки хоҳад ба роҳи рост мебарад.”**

*(Анъом:39)*

**“Ту** (эй Муҳаммад) **касеро, ки дӯст дорӣ ҳидоят карда наметавонӣ, вале Худованд аст, ки касеро хоҳад ҳидояташ мекунад. ”** *(Қасас: 56)*

Аз ин рӯ, тамомии умури мазкур, *(ҳидоят ва гумроҳӣ)* ҳама ба дасти Аллоҳ таъолост ва ин амр яке аз усули эътиқодии



аҳли суннат ва ҷамоат ба ҳисоб меравад. Бинобар ин ҳар касе ҳидоят ёбад, Худованд аст, ки ӯро ба фазлу карамаш ба роҳи рост ҳидоят фармуда ва ҳар касе гумроҳ шавад, Худованд аст, ки ба адлу ҳикмати хеш ӯро ба залолату гумроҳӣ афкандааст.

Вале мӯътазила бар хилофи эшон мегӯянд, ки афъолу кирдори бандагон хоставу сохтаи дасти онҳост.

“Ҳамаи мардум дар машияту иродаи Илоҳӣ миёни фазлу адли Худованд дар гардишанд ”. Аз ин рӯ, мебинем, ки баъзе аз эшон мӯъмини ҳидоятёфтаанд, ки албатта ин ҳам ба илму ҳикмат ва фазлу раҳмати Худованд марбут аст ва баъзе дигар гумроҳ ва сарсон ба куфру исён ва ин ҳам тақозои ҳикмат ва адолати Аллоҳ таъоло мебошад, бинобар ин касе аз идораву хоҳиши Худованд заррае берун баромада наметавонад.

**“Ва намехоҳед, ҷуз он ҷиро, ки Аллоҳ таъоло Парвардигори ҷаҳониён хоста бошад.”** *(Таквир, 29)*

Ногуфта намонад, ки инсони ҳидоятёфта аҳёнан дар натиҷаи маъсият ва ғафлат варзидан Худованд ӯро сазо дода, ба хузлон ва хорӣ меафканад ва сипас боз ба роҳи рост ҳидоят менамояд ё ин ки ӯро ба залолату гумроҳии абадӣ гирифтор месозад. Худованд моро аз ин нигоҳ дорад.

***Хулоса:*** Худованд мардумро амр карда, ки аз Ӯ итоат намоянд ва аз маъсияту саркашиаш наҳй фармудааст. Ҳама чиз ба ирода ва ҳукми Худованд сурат мегирад. Иродаву хоҳиши бандагон дар зери иродаи Аллоҳ таъолост ва Ӯ касеро, ки хоҳад ҳидоят мекунад ва касеро, ки хоҳад гумроҳ месозад ва касе аз иродаву хостаи Ӯ хориҷ шуда наметавонад.

***Пурсишҳо:***

1. Худованд ба чӣ кор амр намуда ва аз кадом кор наҳй фармудааст?
2. Оё иродаи Илоҳӣ хайр *(некӣ)* ва шар *(бадӣ)*-ро фаро мегирад?
3. Маънои ин ҷумла “Худованд касеро хоҳад ба ҳукми одилонааш гумроҳ месозад”- ро бозгӯ ва тафсир намоед.

Final

## ДАРСИ ШАШУМ

[٢٦]وهو متعال عن الأضداد والأنداد.

[٢٧] لا رادَّ لقضائه، ولامُعقِّب لحُكْمه. ولا غالب لأمره.

26- Ва Ӯ аз нақизу зид ва шабиҳу монанд бартар ва пок аст.

27- Касе қазо ва ҳукми Ӯро рад карда наметавонад ва ҳеҷ касе ҳукми Ӯро ба ақиб андохта наметавонад ва ҳеҷ касе бар амру фармонаш ғолиб намегардад.

***Шарҳ:*** Ҳамоно Худованд аз ин ки дар амру хукм ва офариниш ва мулки ҳастиаш нақиз ва мухолиф дошта бошад, пок ва муназзаҳ аст, инчунин дар номҳову сифоти хеш шабиҳ ва анбоз надорад, балки дар ҳақиқат чизе монанди Ӯ нест. Худованд мефармояд:

**“Ба Худованд шабиҳу анбоз қарор мадиҳед, дар ҳоле, ки шумо инро медонед.”** *(Бақара:22)*

Ҳар гоҳ Аллоҳ таъоло кореро ҳукм фармояд, ҳатман онро ичро менамояд ва чун манфиату судеро аз мардум боздорад, агар ҳамаи мардум ҷамъ шаванд, барои ҷалби он манфиат чизе карда наметавонанд ва чун ба касе зарару газанде расонданӣ шавад, ҳарчанд тамоми мардум ҷамъ шаванд, пеши роҳашро гирифта наметавонанд. Ва ҳар вақте ҳукми кореро содир намояд , ҳатман ҳукми Ӯ амалӣ гардида, чизе онро ба таъхир намеандозад. **“Ва Худованд ҳукм менамояд, дар ҳоле, ки касе ҳукми Ӯро таъхир намеандозад”.**

*(Раъд: 41)*

Ва ҳар гоҳ кореро хоҳад, албатта ичро мегардад, дар ҳоле, ки ҳеҷ кас пеши роҳашро гирифта наметавонад, балки амру фармони Ӯ бар ҳама махлуқот нофиз ва муъассир мебошад.

Final



**“Ва Худованд бар амру фармони хеш чира мебошад, вале бештари мардум инро намедонанд.”** *(Юсуф: 31)*

***Хулоса:*** Аллоҳ таъоло аз зидду нақиз ва шабиҳу анбоз доштан пок ва муназзаҳ аст ва касе қазову хостаи Ӯро рад ва ҳукмашро таъхир карда наметавонад ва низ бар амру фармони Ӯ чирадастӣ нахоҳад кард.

***Пурсишҳо:***

1. Зидду нақиз ва шабиҳу монанд чӣ маъно дорад?
2. Оё чизе қазову ҳукми Илоҳиро ба таъхир меандозад?

Final

## ДАРСИ ҲАФТУМ

[٢٨] آمنّا بذلك كلّه. وأيقنّا أنّ كلاً من عنده.

28-Ба тамоми ашёи мазкур имон меорем ва яқин мекунем, ки ҳамаи ин аз назди Худост.

[٢٩] وأنّ محمّداً عبدُه المصطفى، ونبيّه المجتبى، ورسوله المرتضى.

29-Ва ҳамоно Муҳаммад бандаи писандида ва паёмбари баргузида ва ихтиёркардаи Ӯст.

***Шарҳ:*** Муҳаммад (с) яке аз машҳуртарин номҳои бузург мебошад. Аз ҷиҳати дарбаргирии ин исм хислатҳои волои инсониро, соҳибашро барои он хислатҳо ситоишу тавсиф менамоянд. Ин исм номи охирин паёмовари Илоҳист, ки аз бузургтарин ва поктарин насаби Араб ба дунё омадааст.

Ӯро Муҳаммад писари Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб меномиданд.

Убудияту бандагӣ бузургтарин мақомҳо барои инсон маҳсуб мегардад, чунончи Аллоҳ таъоло мефармояд:

**“Пок ва муназзаҳ аст, Худое, ки дар** *(муборак)* **шабе бандаи худ Муҳаммад (с) –ро аз Масҷидулҳаром ба Масҷидулақсо сайр дод.”** *(Исро:1)*

Дар ҳақиқат Худованд Муҳаммад (с)-ро аз беҳтарин махлуқоташ баргузида, бар ҳама мардум фазилат ва бартариаш додааст ва бешак ӯ паёмбари муқарраб ва



баргузида аст, ки Аллоҳ таъоло ӯро барои охирин рисолат ва паёми хеш нтихоб намуда, бузургтарин ва шарифтарин китоби осмониро бар ӯ нозил сохтааст.

[٣٠] وأنّه خاتم الأنبياء، وإمامُ الأتقياء، وسيّد المرسلين وحبيبُ ربِّ العالمين.

30-Ва ҳамоно ӯ *(Муҳаммад)* хотами паёмбарон ва маҳбуби Парвардигори ҷаҳониён мебошад.

[٣١] وكلُّ دعوى النبوّةِ بعده فغيٌّ وهوى.

31-Ҳама даъвои нубувват ва паёмбарӣ баъд аз ӯ *(Муҳаммад)* инҳирофу гумроҳӣ ва ҳавову ҳаваси шайтонист.

***Шарҳ:*** Муҳаммад (с) охирон паёмовари Илоҳӣ мебошад. Чи тавре, ки Ҳақ таъоло фармуда: **“Нест Муҳаммад падари яке аз мардони шумо, ва лекин ӯ Расули Худо ва хатмкунандаи паёмбарон мебошад.”** *(Аҳзоб:40)*

Ва ӯ *(Муҳаммад)* тарсандатарини мардум аз Худо, парҳезгортарини эшон ба шумор мерафт, чунончи он ҳазрат (с) фармудаанд:

***“Ман тарсандатарини шумо ба ҳудуд ва аҳкоми Аллоҳ таъоло мебошам.”*** *(Ба ривояти Бухорӣ)*

Ва низ он ҳазрат(с) сарвари анбиё ва паёмбарон мебошанд. Чи тавре, ки фармудаанд: ***“Ман сарвари фарзандони Одам мебошам ва аз ин ҳеҷ фахру сарбаландӣ намекунам.”*** *(Ба ривояти имом Аҳмад ва Тирмизӣ)*

Ҳамчунин ӯ бузургтарин махлуқот ва маҳбуби Парвардигори оламиён мебошад, ки Худованд ӯро барои рисолати осмонӣ баргузида, ба худ муқаррабу наздик гардонидааст. Расули Худо (с) дар ин маврид чунин мефармоянд: ***“Худованд чи тавре ки Иброҳим (с)-ро дӯст гирифта буд, маро низ дӯсти худ қарор додааст.”*** *(Ба ривояти Муслим)*



Final
Final

Ҳама иддаъои нубувват ва паёмбарӣ баъди ҳазрати Муҳаммад (с) инҳироф ва гумроҳӣ маҳсуб мегардад, бинобар ин касе, ки баъд аз Расули Худо (с) барои худ, ё барои дигарон даъвои пайғамбарӣ кунад, кофир мешавад. Ҳамчунин касе, ки ӯро дар ин амр тасдиқ ва бовар намояд, кофир мегардад, балки ҳар касе, ки дар ин амр шакку гумон намояд *(дудила шавад),* низ кофир мегардад .

Зеро, ки бандаи мӯъмин чунин имон меоварад, ки баъди Муҳаммад (с) ҳеҷ паёмбаре нест.

Оре, шояд баъд аз Расули Худо(с) даъвогари дурӯғгӯ биёяд, ки ӯ иддаъоии паёмбарӣ намояд ва иҳтимолан баъзе корҳои ғайриоддӣ анҷом диҳад ва пайравоне низ дар атрофи хеш ҷамъ намояд, вале ӯ ба дарозо накашида расво мегардад ва кораш ба ҳеҷ ҷое намерасад. Зеро тамоми касоне, ки баъди ҳазрати Муҳаммад(с)даъвои нубувват ва паёмбарӣ кардаанд, ба ҳамин сарнавишт гирифтор шудаанд.

[٣٢] وَهُوَ المبعوث إلى عَامَّةِ الجن وكافَّةِ الوَرَى، بالحق والهدى، وبالنُّور والضياء.

32- Ва ӯ *(Муҳаммад)* бо ҳақиқат ва ҳидоят ва нуру рӯшноӣ ба сӯи тамоми ҷинн ва мардум фиристода шудааст.

***Шарҳ:*** Дар ҳақиқат Расули Худо (с) бузургтарини паёмбарон буда, рисолати ӯ ҳама инсу ҷиннро дарбар мегирад. Ҳама паёмбарони пеш аз ӯ фақат ба сӯи қавмҳои худ фиристода шуда буданд, вале ӯ ба сӯи тамоми махлуқот, инсу ҷинн фиристода шудааст.

Чи тавре, ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

**“Ва нафиристодем туро, магар аз рӯи раҳмату меҳрубонӣ барои ҷаҳониён.”** *(Анбиё: 107)*

Ҳамчунин паёмбар (с) мегӯяд: ***Ва паёмбарони пеш аз ман фақат ба сӯи қавмашон фиристода мешуданд, вале ман ба сӯи тамоми мардум фиристода шудаам.***

*(Бухорӣ ва Муслим)*



Воқиан, Аллоҳ таъоло ӯро бо ҳақиқат ва ҳидоят ва ойини пок фиристодааст: **“Аллоҳ таъоло паёмбараш** *(Муҳаммад)***-ро бо ҳидоят ва дини ҳақ фиристод, то ӯро бар тамоми динҳо пирӯз гардонад, агарчанде кофирон аз ин кор нохуш шаванд.”** *(Саф: 9)*

Худованд ӯро бо нуре, ки ба роҳи рост ҳидоят менамояд, фиристодааст:Чи тавре ки Ҳақ таъоло мефармояд: **“Дар ҳақиқат аз тарафи Худо бароятон нур ва китоби возиҳу равшан омадааст.”** *(Моида:15)*

Аз ин рӯ, Қуръон ҳамон рушноиест, ки ба роҳи рост ҳидоят ва раҳнамоӣ мекунад ва инчунин нур ва шифои дилҳо мебошад.

***Хулоса:*** Паёмбари мо ҳамон расули баргузидааст, ки Худованд ӯро ба сӯи инсу ҷинн бо ҳидоят ва дину ойини ҳақ фиристодааст ва ӯ охирини паёмбарон аст, ки баъд аз ӯ ҳеҷ паёмбаре намеояд.

***Пурсишҳо:***

1. Оё Муҳаммад (с) ба сӯи тамоми мардум фиристода шудааст, ё фақат ба сӯи қавми худ?
2. Ҳар касе, ки баъди Расули Худо (с) барои худ, ё барои дигарон даъвои паёмбарӣ намояд, чӣ ҳукм дорад?



Final
Final

## ДАРСИ ҲАШТУМ

[٣٣] وإنَّ القرآن كلامُ الله، منْهُ بَدَاَ بلا كيفية قَوْلا، وأَنْزَلَهُ على رَسُولِه وَحْياً، وصَـدقهُ المؤمنون عَلى ذلك حَـقا، وأَيْقَنُوا أنه كلَام الله تعالى بالحقيقة، ليس بمخلوق ككلام البرية، فمَنْ سَمَعهُ فزَعم أنَّه كلامُ الـبشَر فَقَدْ كَفَر، وقد ذمَّهُ الله وعابهُ وأوعَدَهُ بسَقَر، حيث قال تعالي: ﴿سَأُصْليه سقر﴾ [المدثر: ٢٦] فَلمَّا أَوْعَدَ الله بسَقَر لمنْ قال: ﴿ إنْ هذا إلا قوْلُ البَشَر﴾ [المدثر: ٢٥]، عَلِمْنَـا وأيْقَنَّا أنه قول خالـق البَشَر، ولا يُشبهُ قول البشر.

33-Ва ҳамоно Қуръон каломи Худованд аст, ба тарзи қавлу гуфтор оғоз гардида ва бар паёмбараш ба тариқи ваҳй нозил гардидаст ва мӯъминон ҳақ будани Қуръонро тасдиқ намудаанд. Ҳамчунин онҳо яқин кардаанд, ки Қуръон дар ҳақиқат каломи Худо буда, мисли сухани мардум офаридашуда нест. Бинобар ин ҳар касе, ки онро шунида гумон кунад, ки каломи башар аст, Ҳаққо, ки кофир шудааст ва ҳамчунин Худованд чунин инсонро мазаммату сарзаниш намуда аз дӯзах бим додаст, зеро ки Ҳақ таъоло фармудааст: **“Зуд аст, ки ӯро** *(шахси такзибкунанда)***-ро ба дӯзах медарорам.”** *(Мудассир 26)*

Пас, вақте ки Худованд барои шахсе, ки ӯ дар мавриди Қуръон чунин гуфта: “Ҳамоно Қуръон ҷуз қавли башар чизе



нест” бими ҷаҳаннам додааст, дарёфтем ва яқини комил ҳосил намудем, ки Қуръон каломи Холиқи башар буда, ба қавлу гуфтори одамон шабоҳат надорад.

***Шарҳ:*** Қуръон дар ҳақиқат каломи Худованд буда, аз Ӯ сарчашма гирифтааст. Намедонем, ки чи гуна Аллоҳ таъоло ба он ҳарф зада, вале Қуръон ҳақиқатан каломи Ӯст.

Калом ва сухан гуфтан яке аз сифоти камол ва азамати Ҳақ таъоло аст ва нақизу муқобили он ҳарф назадан, сифати нақсу айб мебошад, ки Худованди бузург аз он муназзаҳ ва пок аст.

Ӯ таъоло мефармояд: **“Ва сухан гуфт Худо ба Мӯсо сухан гуфтане.”** *(Нисо:164 )*

Аз ин рӯ, калом сифати Худо буда, ба кайфият ва тариқае, ки ба камолу ҷалолаш шоиста бошад аз Ӯ дармеояд ва ҳамчунин Қуръон калому сухани Аллоҳ таъолост, чи тавре ки Ҳақ таъоло фармуда:

**“Ва агар яке аз мушрикин ба ту паноҳ орад, пас ӯро паноҳ бидеҳ, то каломи Худовандро бишнавад. Сипас ӯро ба маъво ва манзилаш бирасон.”** *(Тавба: 6)*

Мақсуд аз каломи Худо Қуръони карим мебошад, аз ин рӯ Қуръон сухани ҳақиқии Худо буда, ба тариқи ваҳй онро бар паёмбараш Муҳаммад (с) фурӯ фиристода ва бандагони мӯъмин ваҳй будани Қуръонро тасдиқу бовар намуда ва яқини комил ҳосил бинмудаанд, ки *(Қуръон)* воқеъан, сухани Худованд буда, махлуқ ва офаридашуда намебошад, зеро сифатҳо ҳамеша ҷузъе аз зот ба ҳисоб меравад ва сифоти Аллоҳ таъоло чун Зоти Ӯ қадим буда, махлуқ намебошанд, вале сухани одамон мисли эшон пайдошаванда ва махлуқ мебошад.

Ҳар касе, ки чунин пиндорад, ки Қуръон сухани башар ва одамон аст, пас ӯ кофир ба шумор меравад ва дар ҳақиқат Худованд ӯро дохили оташи дӯзах менамояд, чи тавре ки мефармояд:



Final
Final

**“Ва гуфт** *(кофири саркаш)* **ин** *(Қуръони Муҳаммад)* **ба ҷуз сиҳр ва баёни сиҳрангез ҳеҷ чизе нест. Ин оёт гуфтори башаре беш нест. Мо ин мункир ва такзибкунандаи Қуръонро ба кайфари куфр ба оташи дӯзах дарафканем.”**

*(Мудассир: 24-25)*

Бинобар ин вақте мӯъминон диданд Худованд мункири Қуръонро ки гуфта ин гуфтори башар аст, ба оташи дӯзах кайфар медиҳад, дарёфтанд ва яқин намуданд ба ин ки ҳамоно Қуръон каломи Холиқи башар буда ва гуфтори одамон ба он шабоҳат ва монандӣ надорад, балки ҳама сифоти Худованд аз сифатҳои махлуқоташ фарқ дорад, чи тавре ки Зоти Аллоҳ таъоло аз зоти махлуқот ва офаридаҳояш тафовут дорад.

***Хулоса:*** Қуръон дар ҳақиқат каломи Худованд буда, махлуқ ва офаридашуда намебошад ва ҳар касе ки пиндорад, ки он *(Қуръон)* гуфтори башар ва одамон аст, бешак кофир мегардад.

***Пурсишҳо:***

1. Дар робита ба Қуръон чӣ мегӯед?
2. Касе, ки чунин пиндорад ки Қуръон махлуқ ва офаридашуда аст, чӣ ҳукм дорад?

Final



## ДАРСИ НУҲУМ

[٣٤] وَمَنْ وَصَفَ اللهَ بمعنى منْ معانى الــبشر، فقدْ كَفَرَ، فمن أَبْصَرَ هذا اعْتبر، وعنْ مِثْل قــول الكفَّار انْزَجَرَ، وَعَلمَ أنَّه بصفَاته ليسَ كالبشَرَ.

34-Ва ҳар касе, ки Худовандро ба яке аз маъонӣ ва авсофи башар ва одамон васф намояд, бешак кофир мегардад. Бинобар ин касе ки ба ин амр дида андӯзад, ибрат хоҳад гирифт ва аз ин гуна ақвол ва гуфтори кофирон дурӣ меҷӯяд ва дармеёбад, ки дар ҳақиқат Аллоҳ таъоло бо сифатҳояш мисли башар ва одамон нест.

***Шарҳ:*** Кадом инсоне, ки Аллоҳ таъолоро ба маъонӣ ва авсофи одамон васф намуда, дар асмо ва сифоташ Ӯро ба махлуқоташ ташбиҳ намояд бешак шахси мазкур ба Худованд кофир гардидааст, зеро ки Ҳақ таъоло мефармояд: **“Нест чизе монанди Ӯ ва Ӯ шунаво ва биност.”** *(Шӯро:11)*

Ҳар вақте ки инсон ба ин ҳақиқат дида андӯхта, онро фаҳмида дарк намояд, бешак аз кофир шудани шахсе ки ӯ Худовандро ба махлуқоташ ташбиҳ намояд, ибрат хоҳад гирифт. Зеро ӯ бояд аз ин амр панду ҳикмат гирифта, аз такрор намудани сухани кофирон, ки Аллоҳ таъоло эшонро ба оташи дӯзах кайфар хоҳад кард, парҳез менамояд ва ба зудӣ дармеёбад, ки Худованд бо сифатҳо, кайфият ва ҳақиқати маъонияшон ҳаргиз монанди башар ва одамон нест.

***Хулоса:*** Сифатҳои Худованд монанди сифатҳои башар ва одамон нест ва ҳар инсоне, ки Аллоҳ таъолоро ба сифат ва авсофи башарият васф намояд, ё ташбиҳ намояд, бешак ӯ кофир мегардад.

***Пурсишҳо:***

1. Далели ин гуфта, ки сифоти Аллоҳ таъоло монанди сифоти одамиён намебошад, чист?
2. Ҳукми касе, ки сифоти Худовандро ба сифатҳои одамон ташбиҳ намояд, чист?

Final

## ДАРСИ ДАҲУМ

[٣٥] والرؤية حق لأهل الجنَّة، بغير إحَاطَة ولا كيفية. كما نَطقَ به كتابُ ربنا: ﴿وجوهٌ يَوْمئذٍ نَاضرة إلى ربِّها نَاظرة﴾ [القيامة: ٢٢ ـ ٢٣]. وتفسيره علىً ما أَرادهُ الله تعالى وَعَلِمَه، وكلُّ ما جاءَ فى ذَلك منَ الحديث الصَّحيح عَن الرسول صلى الله عليه وعلى آَله وسلم فَهُو كما قال، وَمَعْناهُ على ما أراد، لا نَدْخل فى ذلكَ مُتَأولين بآرَائنا، ولا مُتَوَهِّمين بأَهْوائنا، فَإنَّهُ مَا سَلم فى دينه إلا مَنْ سَلَّم لله عَزَّ وَجَلَّ ولرسُوله صلى الله عليه وعلَى آله وسلم وردَّ عِلْمَ ما اشْتَبه عَليه إلى عَالِمه.

35-Дидани аҳли биҳишт Худовандро бидуни иҳота ва кайфият ҳақ аст. Чи тавре ки Қуръон ин ҳақиқатро бозгӯ менамояд: **“Он рӯз рухсори тоифае аз шодӣ ва сурур барафрӯхта ва нуронист ва ҷамоли Ҳақ таъолоро мушоҳида менамоянд.”** *(Қиёмат: 22-23)*

Тафсиру тавзеҳи руъяти мазкур ба ирода ва илми Аллоҳ таъоло бастагӣ дорад ва ҳар ривояти саҳеҳе, ки дар ин маврид аз Расули Худо (с) нақл шуда, албатта бар гуфтор ва фаҳми он ҳазрат (с) мавқуф мебошад *(чизе аз кунҳ ва умқи қазияи мазкурро кашф наменамояд.)*

Мазмуну мӯҳтавои чунин ривоятҳо ба ирода ва хости он ҳазрат (с) мавқуф мебошад. Ҳаргиз мо дар ин қазия бо таъвилоту гумонҳо ворид намешавем ва бо афкору орои хеш



чизеро таъвил ва тибқи ҳавову ҳаваси худ чизеро ҳадсу гумон намезанем.

Зеро ҳақиқатан, эмин ва солим намондааст дар дин, магар касе, ки умури дақиқи динро ба Худо ва Паёмбараш вогузор намояд ва муштабаҳоти илмро ба донандаи он ҳавола кунад.

***Шарҳ:*** Мушоҳида намудани мӯъминон бо чашмони хеш Парвардигорашонро рӯзи растохез бо Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ собит гардидааст, ҳамчунон ки Ҳақ таъоло мефармояд: **“Он рӯз рухсори тоифае аз шодӣ ва сурур барафрӯхта ва нуронист ва ҷамоли Ҳақ таъолоро мушоҳида менамоянд.”** *(Қиёмат: 22-23)*

Расули Худо (с) низ дар ин маврид фармуда: ***“Ҳамоно шумо Парвардигоратонро хоҳед дид, чи тавре, ки моҳи шаби чаҳордаҳро мебинед, ки дар диданаш ҳеҷ шакку шубҳа намекунед”*** . *(Бухорӣ ва Муслим)*

Ва ҳаргиз ин маънои онро надорад, ки Зоти Худовандиро иҳота карда, фаро грифта шавад, ки Аллоҳ таъоло аз ин амр поку муназзаҳ аст, вале мушоҳида кардан ба чашми ҳақиқат сурат мегирад, на ба чашми маънавии қалб, балки расидан ба дидори Ӯ *(Худованд)* бузургтарин неъматест, ки аҳл биҳишт ба он мушарраф мегарданд.

Аҳодисе, ки дар ин боб аз паёмбар (с) ривоят шуда, тибқи таъйидоти имомони бузурги Ислом мутавотир ва саҳеҳу дуруст мебошанд. Муроду мақсуд аз оятҳо ва ҳадисҳо зоҳири онҳо буда, ба умқу жарфои он ҳеҷ касе роҳ ёфта наметавонад.

Хулосаи сухан ин ки ҳақиқатан, мӯъминон рӯзи қиёмат Парвардигорашонро ошкоро мебинанд ва мо тамоми аҳодис ва ривоятҳоеро, ки дар ин маврид манқул шудаанд, тасдиқу бовар мекунем ва хештанро бо таъвил кардани ривоятҳои мазкур ба василаи афкори ноқис ва кӯтоҳи худ хаста намекунем ва низ бо ҳавову ҳаваси хеш дунболи ашёе намегардем, ки мухолифи ҳақиқати ривоятҳои мазкур бошанд.

Зеро инсон ҳар гоҳ бихоҳад, ки дар дини хеш аз инҳирофу гумроҳӣ солим бимонад, бар ӯ лозим аст ки ахбору ривоятҳои мураккабро ба Худо ва паёмбараш вогузор намояд ва чун амре



Final
Final

аз ин қабил бар ӯ муштабаҳ ва мубҳам гардад, мароми мақсуди онро ба Холиқу Офаридгораш вогузор намояд. Чи тавре, ки Аллоҳ таъоло фармуда: **“То он ки гурӯҳе, ки дар дилашон майли ботил аст аз паи муташобиҳ рафта ва имтиҳон шаванд, то ба таъвили он дар дин роҳи шубҳа ва фитнагарӣ падид оранд, дар сурате, ки таъвили онро касе ҷуз Худо надонад ва аҳли дониш гӯянд, мо ба ҳамон китоб гаравидем, ки ҳамаи оятҳои мӯҳкам ва муташобиҳи Қуръон аз ҷониби Парвардигори мо омада ва бар ин дониш ва бар ин маъно танҳо хирадмандони олим огоҳанд.”** *(Оли Имрон: 7)*

[٣٦] ولا تَثْبتُ قَدَمُ الإسلام إلا على ظَهْر التسليم والاسْتسلام. فَمنْ رَامَ عِلْمَ مَا حُظِر عَنْه علمُه، ولم يَقنع بالتَّسليم فَهْمُهُ، حَجَبَهُ مَرامُهُ عَنْ خَالَصِ التَّوحيد، وصافى المعرِفَة، وصَحيح الإيمان، فيتَذَبْذَبُ بينَ الكفر والإيمان، والتَّصديق والتَّكْذيب، والإقرار والإنْكار، مُوَسْوَساً تائِهاً، شاكا، لا مُؤْمنا مُصَدِّقا. ولا جَاحِداً مُكذِّبا.

36- Қадами Ислом собиту устувор намегардад, магар бар асоси таслим ва фармонбардории қавонини Аллоҳ таъоло. Аз ин рӯ ҳар кас фарогирии чизеро, ки донистанаш мамнӯъ аст, талаб намояд ва ба вогузоштани масоили хос ба Зоти Худовандӣ фаҳму идрокаш қаноат нанамояд, ин амр ӯро аз тавҳиди холис ва ноб, маърифати софу беолоиш ва аз имони саҳеҳу дуруст бозмедорад, ки дар натиҷа миёни куфр ва имон, тасдиқ ва тазкиб, иқрор ва инкор мутараддиду дудила шуда, ба васвасаву шакку гумонҳо мубтало гашта, гумроҳ мешавад, ки аз ӯ на мӯъмини тасдиққунанда бармеояд ва на мункири такзибкунанда.

***Шарҳ:*** Бар ҳақиқати Ислом собит ва устувор намемонад, магар касе, ки барои нусуси Қуръон ва суннати набавӣ сари



таслим фуруд орад. Ва онҳоро тасдиқ намуда итоат намояд, аз ин рӯ ҳаргиз ба нусуси Қуръон ва суннати набавӣ бо ҳавову ҳавас ва шакку шубҳа мухолифат наварзида, онҳоро ба қиёс ва раъйи хеш тафсиру таъвил намекунад.

Ҳаргоҳ инсон дар ҷустуҷӯи илме шавад, ки ба даст оварданаш муҳол аст, чун умури ғайбӣ, ки ба Худованди бузург ва қазову ҳикматаш таъаллуқ дорад ва ҳамчунин фаҳму хиради ӯ *(инсони мазкур)* ба вогузоркунии нусуси Қуръон ва суннати набавӣ ба муроду мақсуди Худо ва паёмбар (с) қаноат ва иктифо нанамояд, бешак ӯ бо ин амалаш хештанро аз идроки тавҳиди ҳақиқӣ ва ноб, маърифати софу беолоиш ва низ аз имони саҳеҳ, ки бар асоси тасдиқу боварӣ ва итоату фармонбардорӣ устувор аст, маҳрум месозад. Бинобар ин ӯ миёни тасдиқу такзиб ва имон овардан ба ахбору нусуси шаръӣ ва инкоркунии онҳо мутараддид гардида, дучори васвасаву шубҳаҳо ва хаёлоту афкори фосид мешавад, дар ҳоле ки вай дар биёбони ҳайрат сарсону саргардон ва гумроҳ мегардад. Аз ин рӯ, шахси мазкур на мӯъмини тасдиққунандаи комилулимон шумурда мешавад ва на кофири мункири мутлақ.

Зеро ҳақиқати имон тасдиқу бовар кардан ва таслиму вогузор намудан аст, ҳатто дар умуре, ки ҳикматаш махфӣ буда, ақли башарӣ ба кунҳи ҳақиқаташ расида наметавонад, ки дар ин сурат ба хабару фармудаи Худо ва расули Ӯ иктифо менамоем.

[٣٧] ولا يَصِحُّ الإيمانُ بالرُّؤْية لأهل دَار السَّلام لمن اعتَبَرها منْهم بِوَهَم، أو تأوَّلَها بِفهْم إذ كان تأويل الرؤية ـ وتأويل كلِّ مَعْنى يُضافُ إلِي الرُّبوبية ـ بترك التَّأويلِ ولُزوم التَّسْليم. وعليه دينُ المسْلمين. ومن لم يَتَوقَّ النَّفْي والتشْبيه، زلَّ ولمْ يصبَ التَنزيه فإنَّ ربَّنا جَلَّ وَعلاَ موصوفٌ بصفاتِ الوحدانية، منعوتٌ بِنعُوتِ الفَرَدَانية، ليس فى معناهُ أحَدَ من البَرِيَّةِ.

37-Имон овардани мусалмонон ба дидани ҷамоли Худованд саҳеҳу дуруст шумурда намешавад, вақте ки эшон руъяту дидори Парвардигорро бо ваҳму гумони хеш тафсир намуда ё ба фаҳму идроки худ таъвил кунанд.

Зеро тафсири руъят *(ва тафсири ҳар маънову сифате, ки ба рубубияти Худованд нисбат дода мешавад)* бо тарк намудани таъвил ва бо таслим шудану қабул намудани суханони Худову расули Ӯ марбут мебошад, ки дину ойини муслимин низ бар ин эътиқод устувор аст.

Ва ҳар касе, ки аз нафй *(инкор)* ва ташбиҳ дурӣ наҷӯяд, дучори лағжишу иштибоҳ шуда, танзиҳи Зоти Илоҳиро ба ҷо наовардааст. Зеро Парвардигорамон ба сифатҳои ваҳдоният ва ба авсофи фардоният *(ягона будан)* мавсуф буда, касе аз мардум дар авсофи мазкура шарику ҳамроҳ нест.

***Шарҳ:*** Имони касе, ки дидори Аллоҳ таъолоро ба фаҳму дарки хеш таъвил намуда бо ваҳму гумон кӯшиш намояд, кайфият ва чигунагии онро бифаҳмад, саҳеҳ ба шумор намеравад, бинобар ин шахси мазкур хатокор буда, ба руъяту дидори Худованд имони ҳақиқӣ наёвардааст.

Зеро ҳақиқату кайфияти руъятро ҷуз Аллоҳ таъоло касе намедонад ва қазияи руъят ва дигар масоили хос ба Офаридгор тафсиру таъвили дурусташон ин аст, ки ин гуна масоилро ба ашёи маъмулӣ, ки мардум ба он шиносоӣ доранд, тафсир ва такйиф *(кайфият бахшидан)* карда намешавад, балки маънои саҳеҳашро бидуни кайфият бахшидан ба он тасдиқ намуда, ба нусусу фармудаҳои Худо ва Расулаш сари таслим ва фармонбардорӣ фуруд меорем. Ҳамин аст дини саҳиҳе, ки Худованд паёмбарашро ба он фиристода.

Бояд мусалмонон аз ин умури зерин парҳез намоянд:

Якум: Инкор кардани сифоти Худо ё таҳриф намудани маънои ҳақиқӣ ва мақсуди он.

Дуввум: Ташбиҳ намудани холиқ ба махлуқоташ дар ашёе, ки ба Зоти Худованд ва афъолу кирдор ва номҳову сифоташ тааллуқ дорад ва ин ду амр дар ояти зайл баён гардидааст: **“Нест монанди Ӯ чизе ва Ӯ шунавову биност.”**



Пас нисфи аввали оят нафй ва инкори ташбиҳ буда, нисфи дуввуми оят сифоти Аллоҳ таъолоро исбот менамояд, бинобар ин ояти мазкур танзеҳ ва исботро дар худ ҷамъ намудааст.

Ва ҳар касе, ки аз ин ду амр *(нафй ва ташбиҳ)* дурӣ наҷӯяд, дар ақидаи хеш дучори хатову иштибоҳ гашта, танзиҳ ва тақдиси Худовандро, ки воҷиб аст, ба ҷой наовардааст. Танзиҳ, яъне Аллоҳ таъолоро аз шарику анбоз ва мислу монанд муназзаҳ донистa эътиқод кардан мебошад.

Зеро Аллоҳ таъоло дар Зоту афъолаш ва асмову сифоташ, дар офаринишу фармонравоияш ба тамоми сифотии ваҳдоният ва ягонагӣ мавсув ва маъруф мебошад.

Чаро, ки бе шакку шубҳа Худованд яккаву танҳо ва бениёзу беҳамто буда, касе аз махлуқоташ дар Зот, афъолу кирдор ва номҳову сифоташ ба Ӯ шабоҳат надорад.

[٣٨] وتَعالَى عَنِ الحُدُودِ والغَايات(*)، والأَرْكان والأَعْضاء والأَدَوات، لا تَحْوِيه الجِهَاتُ السِّتُّ كسائر المُبْتَدَعات.

38- Худованд аз ҳадду андоза ва ғояту фарҷомҳо ва аз аркону аъзо ва олоту асбоб муназзаҳ ва пок аст ва самтҳои шашгона Ӯро чун ашёи мавҷуда дарбар нахоҳад гирифт.

***Шарҳ:*** Худованди бузург аз ҳудуду марз ва интиҳову фарҷомҳо муназзаҳу пок аст, аз ин рӯ барои Худо ҳадду марзе вуҷуд надорад, ки Ӯро аз дигар ашё ҷудо созад ва низ Ӯро интиҳо ва фарҷоме нест, ки ба он мунтаҳӣ шавад.

Ин гуфта маънои онро надорад, ки Ҳақ таъоло ба махлуқоташ муттасилу пайваста ва бо эшон мутадохил ва ҳамроҳ аст, балки Худованд аз махлуқоташ фосила ва тафовут дорад.

Ҳамчунин Аллоҳ таъоло аз аъзову андом ва олоту васоил, ки бандагон онҳоро барои ҷалби манфиат ва дур сохтани зиён истифода менамоянд, поку муназзаҳ мебошад. Худованд аз тамоми ин ашё ва умур муназзаҳу пок аст.

Ин дар ҳолест, ки мо барои Ҳақ таъоло номҳо ва сифоти дар Қуръон омадаро исбот намуда тасдиқ мекунем, вале

мегӯем, ки ҳақиқатан ин асмову сифот маъноҳои ҳақиқӣ доранд, ки бар он далолат менамоянд ва маънову мафҳуми онҳоро фаҳмида, ба тариқи шоиста ба Зоти Ҳақ исбот менамоем, аммо аз кайфият ва чигунагии онҳо чизе нахоҳем гуфт, зеро ин амр ба илми Худо бастагӣ дошта, касе онро намедонад.

Чи тавре, ки ҷиҳатҳои шашгона Аллоҳ таъолоро ба монанди дигар мавҷудот иҳота нахоҳад кард, балки Худованд аз ин амр муназзаҳу пок аст.

Ин гуфта ҷиҳат ва самтро барои Худо мутлақо инкор намекунад, балки бешак Аллоҳ таъоло дар ҷиҳати баландӣ қарор дорад, вале мақсуд аз он чи ки зикр шуд, ин аст, ки ҷиҳатҳову самтҳо ҳаргиз Худованро чун дигар махлуқот иҳота намекунанд ва фаро намегиранд.

Кош мусанниф ин мусталаҳоти аҳли каломро зикр намекард, агарчанде мо яқинан медонем, ки ӯ бо ин истилоҳот гуфтаҳову таъвилоти аҳли каломро қасд накардааст, зеро ки ӯ аз собит кардани сифот, чун баландӣ, рӯ, даст ва ғайра барои Худо ҳарф задааст.

Бинобар ин парҳез кардану тамоман дур буданаш аз истилоҳоти каломӣ беҳтар буд, зеро мусталаҳоти мазкур эҳтимоли ҳақ ва ботилро дорад ва мазҳаби аҳли суннат дар баробари истилоҳоти мазкур ин аст, ки баъд аз тафсилу баррасӣ бар онҳо ҳукм менамоем, аз ин рӯ агар ба ин гуфта, ки "Худованд аз ҳудуд ва маҳдудият ва ғоёту фарҷомҳо муназзаҳ аст", мавҷудияти Аллоҳ таъолоро бидуни маҳдудият ва иҳоташавӣ ирода карда шавад, ин қавл ҳақ ва дуруст мебошад ва агар бо ҷумлаи мазкур чунин қасд карда шавад, ки Худованд, на дар ҳадди улув ва бартарӣ ва на дар ҷиҳати баландӣ ва улув қарор дорад, пас ин гуфта ботилу беасос ба шумор меравад, зеро ин нафй ва инкор намудани улув ва бартарии Аллоҳ таъолост бар махлуқоташ.

Аз калимаҳои аъзо ва андомҳои дар матн омада, агар сифоти Худованд, чун рӯ, ду даст ва ду чашм, ки ба рӯй ва андоми махлуқот шабоҳат надошта бошад, ирода шавад, пас ин пиндошт ҳақу дуруст мебошад ва агар чунин ирода карда



шавад, ки барои Аллоҳ таъоло на рӯй, на даст ва чашм аст, пас ин пиндору қавл ботил ва беасос маҳсуб мешавад.

намегирад», чунин ирода карда шавад, ки Ҳақ таъоло на дар пеш аст ва на дар ақиб на дар боло ва на дар пойин ва на дар рост ва чап, пас ин тафсиру бардошт сад дар сад ботил мебошад, зеро ки ин сифати маъдум ва чизи нопайдост, балки ин гуна сифоту тавсифҳо муҳол буда, боиси куфри ошкор мегардад, чаро ки тафсиру бардошти мазкур инкори қавли Худо, балки инкори вуҷуди Зоти Ҳақ таъолост.

Ва агар бо ҷумлаи мазкур ирода карда шавад, ки Худованд бидуни маҳдудият ва побандӣ дар чизе мавҷуд аст, пас ин тафсир ва бардошт ҳаққу савоб мебошад ва Худо ба кунҳу умқи ҳақоиқ огоҳ аст.

***Хулоса:*** Ҳамоно рӯзи қиёмат Худовандро бо чашмҳо дида мешавад. Дар ҳақиқат мӯъминон бидуни иҳота ва фарогирӣ ҷамоли Ҳақро мушоҳида менамоянд, ки ин мазмуну мӯҳтавои тамоми ривоятҳо ва ахборест, ки дар ин замина ворид шудааст.

Бар ҳар мусалмон лозиму зарур аст, ки аз таъвил ва суханони аҳли таътил *(мункирони сифоти ҳақиқии Худо)* дурӣ ҷӯяд ва бидонад, ки Аллоҳ таъоло аз ашёи ҳодис ва пайдошаванда ва аз шабоҳату монандӣ ба махлуқот поку муназзаҳ мебошад.

***Пурсишҳо:***

1. Ҳақиқати руъяти Аллоҳ таъоло дар рӯзи қиёмат чист?
2. Масъулият ва мавқеъи мусалмон дар баробари нусус ва ривоятҳое, ки барои баёни сифоти Худо ворид шудаанд, чист?
3. Манзур ва мақсуд аз ин ки Худовандро самтҳои шашгона фаро нахоҳад гирифт, чист?



Final
Final

## ДАРСИ ЁЗДАҲУМ

[٣٩] والمِعْرَاجُ حقٌّ، وقدْ أُسْرِيَ بالنَّبي صلى الله عليه وَعَلى آله وسلم، وعرج بِشَخْصه في اليَقَظَة، إلى السماء، ثُم إلى حيثُ شاء الله من العُلا، وأَكْرَمَه الله بما شاء، وأَوْحَى إليه مَا أَوْحَى، ﴿مَا كَذَبَ الفُؤَادُ مَا رَأى﴾ [النجم: ١١] فَصَلَّى الله عليه وسلم في الآخرة والأُولى.

39-Меъроҷ *(баромадани паёмбар (с) ба осмон)* ҳақ аст ва дар ҳақиқат Паёмбари Худоро сайри шабона дода, бо ҷисму рӯҳаш дар ҳоли бедорӣ ба сӯи осмон бароварда шуд. Сипас ба он амокини баланд, ки Худо хост, интиқол дода шуд ва ба он чизе ки машияту иродаи Ҳақ таъоло буд, икром ва иззат карда шуд ва ваҳйи худро ба сӯи ӯ фиристод ва замиру синаи паёмбар (с) он чиро ки дид, инкор ва таксиб накард. Дуруду саломи Илоҳӣ дар дунё ва охират бар ӯ бод.

***Шарҳ:*** Аҳли суннат бо ҷисму рӯҳ баромадани Расули Худо (с)-ро ба осмон дар шаби “Исро” икрор менамоянд. Исро *(сайри шаб кардани)* он ҳазрат (с) бо Қуръон ва Суннат ва иҷмои уламои Ислом собит гардидааст ва ин сайри муборак аз Макка шурӯъ шуда ба Байту-л-муқаддас идома ёфта, он ҳазрат дар он ҷо имоми паёмбарон шуда, намоз гузориданд. Сипас, мероҷ *(бо рӯҳу ҷасад баромадан)*–и он ҳазрат ба осмонҳо оғоз гардид, то ин ки паёмбар (с) ба осмони ҳафтум баромада, назди Сидратулмунтаҳо расиданд.

Худованд Расули акрамро ба василаи меъроҷ бо чанд имтииёзе азизу мукаррам кард, ки дигар паёмбаронро ба ин неъмат шарафёб накарда буд. Аввал ин ки ӯро бо ҷисму ҷонаш



ба маконе овард, ки шахсе ба он ҷо то ҳол нарасидааст. Дуввум ин ки Аллоҳ таъоло бо ӯ дар он ҷо бевосита сухан гуфт. Саввум ин ки биҳишту дӯзах ва аҳволи бошандагони онҳо ва низ дигар ҳақоиқи ваҳйшударо ба он ҳазрат (с) нишон дод. Чаҳорум ин ки дар ин шаб панҷ вақт намоз гузориданро бар уммати ӯ фарз гардонид. Ҳар он чизе дар ин шаби муборак паёмбар (с) ривоят шудааст.

[٤٠] والحوضُ الذى أكرَمَهُ الله تعالى به ـ غِيَاثاً لأُمَّته ـ حقّ.

40-Ҳавзе, ки Худованд он ҳазрат (с)-ро ба василаи он икром карда, то кӯмаку ёрие барои умматаш бошад, ҳақ ва рост аст.

***Шарҳ:*** Мавҷудияти ин ҳавз бо ҳадисҳои мутавотир аз он ҳазрат (с) собит гардидааст.Фишурдаи мӯҳтавои аҳодиси мазкур он аст, ки ин ҳавз бузург буда, обаш аз ҷаннат маншаъ мегирад, ки аз шир сафедтар ва аз мушк хушбӯйтар мебошад.

Дарозиву паҳнои он баробар буда, фосилаи ду тарафаш масофаи якмоҳа роҳ мебошад ва кӯзаҳои оби он монанди ситорагони осмон аст. Ҳар касе, ки як бор аз он бинӯшад, ҳеҷ гоҳ ташна намешавад ва он бузургтарин ва ширинтарин ҳавзест дар рӯзи қиёмат. Ин ҳавзро Аллоҳ таъоло барои кӯмаку ёрии умматони паёмбараш (с), ки дар он рӯзи ҳавлу даҳшат ташна мешаванд, ба расули ҳабибаш Муҳаммад (с) аз ҷиҳати мақому манзалаташ бахшидааст. Худованд бо лутфи бепоёнаш моро аз ҷумлаи воридшавандагони ҳавзи мазкур дар рӯзи растохез бигардонад.

***Хулоса:*** Сайри шаб кардани он ҳазрат (с) аз Макка то Байтулмуқаддас ҳақ аст. Меъроҷи он ҳазрат (с) ба осмон, муколама бо Худованд, дар осмон ва ҳавзи *(кавсар)* ҳақ ва ростанд ва ҳадисҳои паёмбар (с) дар ин бора низ ҳаққанд.

***Пурсишҳо:***

1. Касе, ки Исро ва Меъроҷи он ҳазрат (с)-ро инкор намояд, чӣ ҳукм дорад?
2. То куҷо Паёмбари Худоро сайри шаб карданд ва ба куҷо баромаданд?
3. Аз ҳавзи он ҳазрат (с) чӣ маълумот дорӣ.



Final Final

## ДАРСИ ДУВОЗДАҲУМ

[٤١] والشَّفاعة التى ادَّخرها لَهُم حَق، كما رُوِيَ فى الأَخْبار.

41- Шафоате, ки Худованд барои уммати Ислом нигоҳ медорад ҳақ аст, чӣ тавре ки дар осор ва ривоятҳои он ҳазрат (с) омадааст.

***Шарҳ:*** Шафоати он ҳазрат (с) чанд навъ мебошад, ки бузургтаринаш шафоати он ҷаноб(с) барои аҳли мавқиф рӯзи ҳисобу китоб аст, то ин ки Худованд миёни бандагонаш файсала ва қазоват намояд. Аз ин рӯ Аллоҳ таъоло ба паёмбараш мегӯяд:

***мегардад»*** *(Бухорӣ ва Муслим)*

Шафоати паёмбар (с) бе ягон шакку шубҳа собит аст ва ҳаққу рост мебошад.

Паёмбари Худо (с) барои ашхос ва ақвоми зерин шафоат менамояд:

А-Касоне, ки амали нек ва бадашон баробар бошад.

Б- Ақвоме, ки маҳкум ба даромадани дӯзах гардидаанд, ки ба шафоати он ҳазрат (с) дӯзах намедароянд.

В-Гурӯхе, ки бо шафоати он ҷаноб (с) бе ҳисобу китоб ба биҳишт медароянд.

Г-Ба шафоаташ азоби бандагони базаҳкор сабук гардонида мешавад.

Д-Шафоати ӯ ба ҷамиъи мӯъминон барои даромадани биҳишт.

Е-Ба шафоати ӯ тамоми умматаш, ки гирифтори гуноҳони кабира шудаанд, аз дӯзах бароварда мешаванд.

Тамоми анвоъи шафоати Расули Худо (с) ба муқтазои ахбор ва ривоятҳои саҳеҳа собит гардидааст ба як шарт, ки агар



Final

Аллоҳ таъоло иҷозат диҳад. Чи тавре, ки Худованди бузург дар оятҳои зерин фармудааст:

**“Бигӯ шафоати ҳамаи халқон бо Худост”.** *(Зумар: 44)*

**“Ва шафоати касе ҳам, ҷуз он ки Худо ба ӯ изни шафоат дода, судманд нест.”**

[٤٢] والميثاقُ الذى أَخَذَهُ الله تعالى مِنْ آدمَ وذريته حَق.

42-Мисоқу паймоне Аллоҳ таъоло аз Одам (ъ) ва фарзандонаш гирифта, ҳақ аст.

***Шарҳ:*** Мисоқи Худованд, ин ҳамон паймонест, ки Аллоҳ таъоло аз Одам (ъ) ва авлодаш ҳине, ки пушти Одамро бо дасташ масҳ кард, аз эшон чунин паймоне гирифта, ки ман Парвардигори шумоям ва фармуд, то онҳо барои ин амр гувоҳӣ диҳанд ва ин паймонро паймони нахустин гӯянд. Худованд дар ин маврид мефармояд:

**“Ва ба ёд ор ҳангоме, ки Худои ту аз пушти фарзандони Одам зуррияи онҳоро баргирифт ва онҳоро ба худ гувоҳ сохт, ки оё ман Парвардигори шумо нестам? Ҳама гуфтанд: Бале, мо ба Худоии Ту гувоҳӣ медиҳем”.**

*(Аъроф: 172)*

***Хулоса:*** Шафоати он ҳазрат (с) барои умматаш ҳақ аст ва паймони нахустини Худованд бо Одам ва фарзандонаш низ ҳақ мебошад.

***Пурсишҳо:***

1- Шафоати бузургтар дар рӯзи қиёмат кадом аст?

2- Анвоъи шафоати он ҳазрат(с) –ро баён кунед?

3- Аз паймони нахустин чӣ маълумот доред.



Final

## ДАРСИ СЕЗДАҲУМ

[٤٣] وقدْ علَمَ الله تعالى فيما لمْ يزلْ عَدَدَ مَنْ يَدْخُلُ الجَنَّةَ،

43- Ҳақиқатан, Худованд бо илми азалии худ адади касоне, ки ба биҳишт ва адади касонеро ки ба дӯзах медароянд, медонад. Бинобар ин дар адад на зиёд мекунад ва на кам.

***Шарҳ:*** Ҳар оина Аллоҳ таъоло дар азал шумораи биҳиштиён ва дӯзахиёни фарзанди Одамро (ъ) бо иҷмол ва тафсил медонад, аз ин рӯ дар адади эшон на зиёд мекунаду на кам.

Некбахтӣ ва бадбахтии ҳар инсонро Худо дар шиками модараш муайян менамояд ва инчунин дар Лавҳу-л-маҳфуз инро менигорад ва илми Аллоҳ таъоло ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад.

[٤٤] وكَذلك أفعالُهم فيما علِم منْهم أنْ يفْعلُوه، وكل ميسر لما خُلقَ له، والأعْمَالُ بالخَواتيم، والسَّعيدُ منْ سَعد بقضَاء الله، والشَّقِيُّ منْ شَقى بقضَاء الله.

Final

44-Ва инчунин Худованд ба илми азалии хеш афъолу кирдори бандагонро пеш аз содир карданашон медонад. Ва ҳар инсон барои он коре, ки офарида шудааст, равона карда мешавад ва аъмоли бандагон вобаста ба хотима ва анҷоми онҳост.

Некбахт касест, ки ба ҳукми Худованд некбахт шудааст ва бадбахт касест, ки ба ҳукми Ӯ бадбахт гардидааст.

***Шарҳ:*** Ҳамчунин Аллоҳ таъоло бо илми азалии хеш кирдори бандагонашро медонад ва ин чизро навишта сабт кардааст ва ҳар инсон бар коре, ки офарида шудааст, равона карда мешавад, агар аз аҳли ҷаннат бошад, пас ба амали аҳли ҷаннат равона карда мешавад ва агар аз аҳли дӯзах бошад, пас ба амали дӯзахиён ҳаракат дода мешавад.



Вале амалҳо ба хотима ва саранҷомашон марбут мебошад, зеро Худованд гоҳо хотимаи аъмоли марди гунаҳкореро амали солиҳ мегардонад, ки ӯ дохили биҳишт мешавад ва гоҳо хотимаву фарҷоми шахси накӯкореро амали палид мегардонад, ки ба сабаби он дохили дӯзах мегардад. Бинобар ин аъмолу кирдор ба хотимаву фарҷом бастагӣ дорад.

Ҳамон шахсе метавонад некбахт шавад, ки Худованд дар азал ва муқаддарот саъодатро барояш навиштаву муқаррар кардааст, ҳамчуниин ҳеҷ касе гирифтори бадбахтӣ намешавад, то ин ки Худо онро барояш навишта ва муқаррар насозад. **“Ҳаргиз Худовандро аз корҳояш пурсида намешавад, вале бандагонаш мавриди бозпурсӣ қарор хоҳанд гирифт”.**

*(Сураи Анбиё: 23)*

[٤٥] وأصل القَدَر سر الله تعالى فى خَلْقه، لم يَطَّلِعْ عَلَى ذَلكَ مَلَكٌ مُقَرَّبٌ ولانبى مُرسَلٌ والتعمُّقُ والنظَر فى ذلك ذَريعَةُ الخذْلان، وسلَّمُ الحِرْمَان، ودَرَجَةُ الطُّغْيان، فالحذر كُلَّ الحذَرَ منْ ذَلكَ نَظَراً وفكْراً ووَسْوَسَةً، فإن الله تعالى طَوَى عِلْمَ القَدَر عَنْ أنَامه، ونَهَاهُم عَنْ مَرَامه، كما قال تعالى فى كتابه: ﴿لا يُسْأَلُ عَمَّا يَفْعَلُ وَهُمْ يُسْأَلونَ﴾ [الأنبياء: ٢٣] فمن سَأل: لم فَعَلَ؟ فَقَدْ رَدَّ حُكْمَ الكتاب، وَمَنْ رَدَّ حُكْمَ الكتاب كان مِنَ الكافرين.

Final

45- Ва асли тақдир сирри Худовандист дар махлуқоташ, ки аз он фариштаи муқарраб ва паёмбари мурсал ҳам огаҳӣ надоранд. Аз ҳад зиёд дар он назари амиқ кардан сабабии бадбахтӣ ва маҳрумият ва тӯғёну саркашӣ мегардад. Бинобар ин аз фикру мулоҳизаҳои зиёд ва васвасаҳои шайтонӣ дар ин

маврид бояд ҳазар кард, зеро Аллоҳ таъоло илми қадарро аз махлуқоташ махфӣ намуда ва эшонро аз пурсидану кашф намудани мароми мақсадаш манъ кардааст. Чи тавре, ки Худои бузург мефармояд: **“Ҳаргиз Худовандро аз корҳояш пурсида намешавад, вале бандагонаш мавриди бозпурсӣ қарор мегиранд”.** *(Анбиё: 23)*

Аз ҳамин ҷиҳат касе агар гӯяд, чаро Худо ин тавр кард, дар ҳақиқат ҳукми Қуръонро рад намудааст ва ҳар касе ҳукми Қуръонро рад намояд, аз зумраи кофирон хоҳад гардид.

***Шарҳ:*** Реша ва умқи қадар як рози Худованд аст, ки касе аз махлуқоташ бар он иттилоъ ва огаҳӣ надорад ва ғавру баррасии амиқ ва кӯшишҳои расидан ба ҳақиқати он барои мӯъминон ҷоиз нест.Чи тавре, ки Расули Худо (с) фармуда: ***“Ва чун қадар*** *(тақдир)* ***ёд шавад, мӯҳри хомӯшӣ бизанед,*** *(аз гуфтани суханони кунҷковона)”. Ба ривояти Табаронӣ.*

Бинобар ин ҳар касе, ки дар мавриди тақдир тааммуқ ва мушикофии зиёд намояд, воқеъан хештанро ба шақовату гумроҳӣ гирифтор ва аз ҳадду марзи худ по фаротар гузоштааст, зеро, ки ҳақиқат ва умқи қадарро ҷуз Эзиди мутаъол касе намедонад.

Вале мо мӯъминон бояд ба чаҳор мартаба ва усули қадар пурра имон дошта бошем:

Аввал ин ки Худованд ҳама ашёро донистааст.

Дуввум ин ки онро дар “Лавҳу-л-маҳфуз” навиштааст.

Саввум ин ки бар таҳаққуқи ашёи мазкур ирода ва хоҳиши ӯ собит гардида.

Чаҳорум ин, ки худи Аллоҳ таъоло онҳоро эҷод карда ва офаридааст. Агар инсон ба қадар ба он маротиб ва усули мазкур имон наёварад, воқеъан ба қадар имони пурра наовардааст.

Бояд шахси мусалмон аз фикру андешаи амиқ намудан дар қадар ҳазар намуда, аз ғалтидан ба доми васвасаҳои шайтон худро нигоҳ дорад ва яқинан бидонад, ки қадар як рози Илоҳист, ки Худованд онро аз бандагон махфӣ карда эшонро аз ғавру ковишҳои амиқ дар он наҳй фармудааст.



Барои банда ҷоиз нест, ки чунин суоле матраҳ намояд: Чаро Худованд чунин ва чунон кард? Зеро ки чунин пурсишҳо рад кардану зери по гузоштани ҳукми Қуръони карим мебошад, ки ин амр сабаби кофир шудани инсон мегардад.

Вале агар инсон бо ин гуна пурсишҳо қасди шиносоӣ бо ҳикматҳои қавонини Илоҳиро дошта бошад, дар ин сурат иншоаллоҳ базаҳкор нахоҳад шуд.

[٤٦] فَهذا جُمْلَةُ ما يَحْتاج إليه مَنْ هُو مُنورٌ قَلْبُهُ مِنْ أَوْلياء الله تعالى، وهى دَرَجة الرَّاسِخين فى العلْم، لأنَّ العِلْمَ عِلَمان: عِلْمٌ فى الخَلق مَوْجودٌ، وَعلمٌ فى الخَلْق مَفْقُود(*): فإنكارُ العلم المَوْجُودِ كُفْرٌ، وادّعَاءُ العلم المفقودِ كُفْرٌ، ولا يثْبُتُ الإيمانُ إلا بِقَبُول العلم الموجودِ، وترْكِ طَلَب العلْمِ المفْقُود.

46-Он чӣ ки зикр шуд хулосаи ниёзҳои дӯстдорони Худованд аст, ки Ӯ таъоло дилҳояшонро мунаввар сохтааст ва ин мартабаи олимони росих мебошад. Зеро илм ду навъ аст: якум илмест, ки дар мардум мавҷуд аст. Дуввум илмест, ки дар халқ мафқуд мебошад, бинобар ин инкор намудани илми мавҷуд куфр буда ва даъвои илми мафқуд кардан низ куфр мебошад ва имон собиту устувор намегардад, магар бо қабул кардани илми мавҷуд ва тарк намудани илми мафқуд.

***Шарҳ:*** Ҳамоно он чи ки баён кардем хулоса ва фишурдаи ниёзҳои маърифатии бандагони дӯсти Худованд аст, ки Ҳақ таъоло дилҳояшонро бо нури маърифат ва имон мунаввар сохтааст. Ин мақоми донишмандони росих ва ростин мебошад, ки тамоми фармудаҳои Худоро аз сидқу ихлоси тамом қабул кардаанд.



Final Final

Илм ду навъ аст: Илмест ки дар халоиқ мавҷуд ва ин илми шариъат бо ҳама усул ва фуруъи он ба шумор меравад. Дуввум илмест, ки дар бандагон мафқуд ва маъдум мебошад ва он иборат аз илми қадар аст, ки Аллоҳ таъоло онро аз бандагон мастур ва пӯшида нигоҳ медорад.

Аз ин рӯ, ҳар касе илми мавҷудро мункир шавад, кофир мегардад, зеро тамоми ҳуҷҷатҳои Қуръон ва ҳадисро бовар накардааст ва ҳар касе илми қадар ва ғайбро иддаъо намояд, низ кофир мешавад, зеро ӯ илми ғайбро, ки хосаи Зоти Ҳақ таъоло маҳсуб аст, ба худ ихтисос дода, тамоми шавоҳид ва далелҳои шаръро инкор намудааст.

Ҳамон вақт банда мӯъмин ҳисобида мешавад, ки илми мавҷудро қабул кунад ва ба ҳақиқат ва умқи илми мафқуд дастдарозӣ накунад.

***Хулоса:*** Тамоми ашё ба қазову қадари Илоҳӣ сурат мепазиранд ва дар ҳақиқат Худованд афъолу кирдори бандагонро пеш аз воқеъ шудан медонад ва ҳамчунин аҳли биҳишт ва дӯзахро низ донистa дар “Лавҳ” марқум фармудааст. Қадар сирри пӯшидаи Худост, ки бандагони солеҳ умқу решаи онро мушикофӣ намекунанд ва имони банда собиту маҳкам намегардад магар ин ки ӯ ба тақдир таслим шавад.

***Пурсишҳо:***

1. Оё дар боби тақдир ғавр ва баррасии амиқ намудан ҷоиз аст?
2. Илм ду навъ мебошад, кадомҳост?



## ДАРСИ ЧОРДАҲУМ

[٤٧] ونؤمنُ باللَّوحِ والقَلَمِ وبجَميعِ مَا فيه قَدْ رُقِم. فلو اجتمعَ
الخَلْقُ كلّهم على شيء كَتَبَهُ الله تعالى فيه أَنَّهُ كَائِنٌ،
ليجْعَلوهُ غيْر كائن ـ لمْ يَقْدروا عليْه. ولو اجْتَمَعُوا كُلُّهم
عَلَى شيء لمْ يكتبه الله تعالى فيه، ليجعلُوه كائناً ـ لم
يقْدرُوا عليه، جَفَّ القَلَمُ بما هُوَ كَائنٌ إلى يَوْمِ القيامَة،
ومَا أخطأَ العَبْدَ لم يَكُنْ ليُصيبَهُ، وما أصَابَهُ لم يَكُنْ
ليُخْطئَه.

47-Имон меоварем ба Лавҳ ва ба Қалам ва ба тамоми он чи ки дар он *(Лавҳ)* марқум аст. Пас, агар тамоми мардум бар чизе, ки Худованд мавҷудияти онро нигоштааст, ҷамъ шаванд то онро нест намоянд ҳаргиз ба он муваффақ нахоҳанд шуд ва агар тамоми эшон бар эҷод намудани чизе, ки Аллоҳ таъоло мавҷудияти онро нанавиштааст, муттаҳид шаванд ҳеҷ коре карда наметавонанд. Хушк шудааст қалам ба он чизе, ки то рӯзи растохез мавҷуд мебошад. Ва он чизе, ки банда хато карда, ҳаргиз дар он тавони дуруст карданро надошт ва он чиро банда савоб ва дуруст карда, ҳаргиз тавони хато кардани дар онро надоштааст.

Final

Имони қатъи меорем ва тасдиқи ҷазмӣ менамоем ба ин ки Лавҳ ҳақ аст.Чи тавре ки Худованд фармудааст: **“Балки он Қуръони маҷид аст, ки дар Лавҳи Маҳфуз қарор дорад”.** *(Буруҷ: 21-22)*

Ва ҳамин Лавҳи Маҳфуз аст, Аллоҳ таъоло дар он муқаддароти тамоми мардумонро навиштааст ва ҳамин Қалами мазкур аст, ки Худованд ба он дар Лавҳи Маҳфуз муқаддаротро нигоштааст. Ҳамчунон ки Расули акрам (с) ба ин нукта ишора карда мефармояд: ***“Аввалин чизе, ки Худованд офарида ин қалам мебошад. Барояш гуфт: Бинавис. Қалам гуфт: чӣ нависам? Ҳақ таъоло фармуд: муқаддароти ҳама ашёро то барпо шудани растохез бинавис”!***

*(Ба ривояти Абудовуд ва Тирмизӣ.)*

Бинобар ин ҳама ашё аз оғози дунё то қиёмат дар ин Лавҳ дарҷ ёфтааст. Агар тамоми мардум ҷамъ шаванд, то як мавҷуди муқаддар ва офаридаи Худоро нест намоянд, наметавонанд ин корро анҷом диҳанд ва агар бихоҳанд он чиро ки Худованд мавҷудияташро дар муқаддарот нанавишта эҷод намоянд, ҳаргиз аз ӯҳдаи анҷом додани ин кор намебароянд.

Қалами Ҳақ таъоло ба чизе, ки рафта бошад, то рӯзи қиёмат бетағйир мемонад ва он чи ки Худо хост ҳамон шавад ва чизе ки нахоста ҳеҷ гоҳ таҳаққуқ нахоҳад ёфт ва ин айнан мафҳуми суханҳои ҳикматомези Паёмбар аст, чун ба Абдуллоҳ ибни Аббос гуфт: ***“Ва бидон , ки агар тамоми уммат*** *(мардум)* ***ҷамъ шаванд, то бароят нафъе бирасонанд, нафъе расонда наметавонанд магар чизеро ки Худованд бароят навишта ва муқаддар кардааст ва агар ҳама ҷамъ шаванд, то ба ту зараре бирасонанд, зарару зиёне расонда наметавонанд, магар он чиро Худованд бар зиёнаш навишта ва муқаддар кардааст. Қаламҳо бардошташуда ва саҳифаҳо хушк гардидааст.”***

*(Ба ривояти Тирмизӣ.)*



Final

[٤٨] وَعلَى العبد أن يَعلمَ أنّ الله قَدْ سَبَقَ عِلْمُهُ فى كُل كَائن مِنْ خَلْقه، فَقَدَّر ذلكَ تقْديراً مُحْكَماً مبرماً، ليسَ فيه نَاقض ولَا مُعَقب، ولا مُزيلٌ ولا مُغيِّر، ولا ناقصٌ ولا زَائدٌ منْ خَلْقه فى سَماواته وأرْضه، وذلكَ منْ عُقد الإيمَان، وأُصُول المعْرفَة، والاعْتراف بتَوْحيد الله تعالى وربُوبيته، كما قال تعالى فى كتابه: ﴿وَخَلَقَ كُلَّ شَيء فَقَدَّرَهُ تَقْديراً﴾ [الفرقان: ٢] وقال تعالى: ﴿وَكَانَ أَمْرُ الله قَدَراً مَقْدوراً﴾ [الأحزاب: ٣٨].

فَويلٌ لمنْ صَار لله تعالى فى القَدَر خَصيماً، وَأَحْضَرَ للنَّظر فيه قَلْباً سَقيماً، لقد الْتَمس بوهْمه فى فَحْص الغَيْب سرا كَتيماً، وَعَادَ بما قال فيه أَفَّاكاً أثيماً.

48- Воҷиб аст бар банда бидонад, ки илми Худованд дар ҳар мавҷуд ва махлуқоташ сабқат намуда онро хуб ва устувор муқаддар кардааст, ки ягон нуқсону камбудӣ ва тағйиру дигаргунсозие дар он рух намедиҳад.

Дар офариниши осмонҳо ва замин кадом нақс ва дигаргуние вуҷуд надорад ва ин эътироф асоси имон ва усули шинохт ва иқрор ба тавҳиди *(ягонагии)* Худо ва рубубияти Ӯст. Чи тавре Ҳақ таъоло дар Қуръон фармуда: **“Худованд ҳамаи чизро офарида ва андозагирии хуб кардааст.”**

Ва низ дар ҷои дигар мефармояд: **“Ва фармони Худо ҳукме нофиз ва ҳатмӣ хоҳад буд”.** *(Аҳзоб:38)*



Final

Аз ин рӯ, вой бар ҷони шахсе, ки дар амри тақдир душмани Худо гардида баррасӣ ва фикри сақимашро дар мушикофии қадар ба кор бурда ва бо ваҳму гумонаш дар таҳқиқи илми ғайб рози ниҳонро ҷустуҷӯ карда, хештанро ба гуфтаҳои ботил козиб ва гунаҳкор сохтааст.

***Шарҳ:*** Воҷиб аст бар банда бидонад, ки илми Аллоҳ ҳар мавҷуде аз махлуқоташро сабқат кардааст, яъне ҳама ашёро Худованд қабл аз офаридан иҷмолан ва тафсилан дониста, онро андозагирии муҳкам ва дуруст менамояд, ки дигар кадом нуқсону зиёдатӣ ё таъхиру тағйир дар он ва инчунин дар офариниши осмонҳо ва замин ва дар тамоми махлуқоту мавҷудот рух медиҳад ва ҳамин илми Худованд ба ашё қабл аз офариниш аз заруриёт ва мусталзамоти имон ва шинохту иқрори рубубияти Аллоҳ таъоло маҳсуб мегардад. Аз ҳамин ҷиҳат Худованди бузург дар китобаш мефармояд: **“Ва ҳама чизро офаридааст, пас ӯро як навъ андоза гирифтааст”.**

*(Фурқон: 2)*

Ҳамчунин дар ҷои дигар фармудааст: **“Ва фармони Худо ҳукми нофиз ва ҳатмӣ хоҳад буд.”**

*(Аҳзоб:38)*

Бинобар ин ҳама чизро Ҳақ таъоло чи тавре, ки ба вуҷуд меояд, дониста дар Лавҳулмаҳфуз онро менигорад ва феълан ба иродаву хоҳиши худ ӯро меофарад. Пас, вой бар шахсе, ки бо Худованд дар қадар ва сунъаш хусумат варзида, умури мазкурро такзиб намояд, *(дурӯғ бигӯяд)*, зеро ӯ мункири илми Парвардигор ва қудрату тавоноии Ӯ гардидааст. Ҳамчунин вой ба ҳоли шахсе, ки бо қалби мариз ва шаккок ба тақдир назар афканда ва бо такя бар авҳому хаёлоти хоми худ дунболи кашфи илми ғайб ва рози ниҳони Илоҳӣ, ки аз мардум онро махфӣ намудааст, бигардад ва ҳарчанд дар боби тақдир ҳарфҳои зиёде



бигӯяд, ҳаргиз ба кунҳу ҳақиқати он нарасида, хештанро дурӯғгӯ ва базаҳкору шармсор мегардонад, зеро ӯ қасди таҷовузи ҳарими Илоҳӣ намудааст.

***Хулоса:*** Лавҳ ҳақ аст ва Қалам низ ҳақ буда, ҳама чиз пеш аз офариниш дар он навишта шудааст. Чизе дар он зиёду кам ва табдилу тағйир нахоҳад шуд. Тамоми иродаву хоҳиши Худо ҷорӣ мегардад, ҳарчанд ки тамоми мардум онро нахоҳанд.

***Пурсишҳо:***

1. Аз Лавҳ ва Қалам чӣ маълумот доред?
2. Оё мардум кореро, ки Худо нахостааст, метавонанд тағйир диҳанд?



Final Final

## ДАРСИ ПОНЗДАҲУМ

[٤٩] والعرشُ والكرسى حَق.

49-Арш  ва Курсӣ ҳақ  аст.

***Шарҳ:*** Арши *(тахти)* Худованд ҳақ аст, ки  дар он ягон шакку шубҳае нест.  Аллоҳ таъоло дар  оятҳои фаровони Қуръонӣ онро зикр намудааст. **“Худованд дорои Арши бузург аст”.** *(Буруҷ:15)*

Ва Арш як махлуқу офаридаи ниҳоят бузург аст, ки ҷуз Аллоҳ таъоло касе моҳияту кайфияти онро дарк карда наметавонад. Фариштаҳои бузург онро мебардоранд ва он сақфи ҷаннати фирдавс ба шумор меравад. Тамоми авсофи он аз паёмбар (с) бо ривоятҳои саҳеҳ нақл шудааст. Дар яке аз ривоятҳо омада, ки он дорои пояҳо мебошад,  ки ин ривоят таъвил намудани маънои Аршро ба мулку фармонравоӣ ботил месозад. Курсии Худо низ ҳақ мебошад ва он маҳалу мавзеъи ҳар ду қадами Ӯ буда, ҳақиқату моҳияташро ҷуз Ҳақ таъоло касе намедонад. Воқеъан, Курсии Худо осмонҳо ва заминҳоро ғунҷонидааст. Чӣ тавре, ки Аллоҳи бузург мефармояд: **“Ғунҷонидааст Курсии Худо осмонҳо ва заминро”.** *(Бақара-255)*

Ва ҳамчунин ин ояти сариҳ таъвил намудани маънои Курсиро ба илми Худо ботил месозад.

[٥٠] وهُوَ مُسْتَغْنٍ عَنَ العرش ومَا دُونَه.

50-Ва Худованд аз Арш ва ғайри Арш бениёз мебошад.

***Шарҳ:*** Аллоҳ таъоло аз Арш ва курсӣ бениёз аст ва муставӣ шуданаш бар Арш ба хотири мӯҳтоҷ буданаш ба он набуда, балки барои ҳикмати болиғаест, ки Ӯ хостааст ва Худованд аз ниёзмандӣ ба Аршу Курсӣ ва  дигар ашё муназзаҳ ва барӣ мебошад, балки Арш ва Курсӣ ба қудрату ҳукми Ӯ маҳмул ҳастанд.



[٥١] مُحيطٌ بِكل شيء وفَوْقَه، وقَدْ أَعْجَزَ عَنِ الإحَاطَة خَلْقَهُ.

51-Худованд тамоми ашёро иҳота намуда ва худ болои ҳама чиз аст ва дар ҳақиқат аз иҳотаи ашё махлуқоташ оҷиз мондаанд.

***Шарҳ:*** Ҳақ таъоло ҳамаи махлуқоташро ба шумули Арш ва модуни он бо илму идрок ва қудрату тасаллути хеш иҳота намудааст ва болои Арш ҷуз Аллоҳи бузург касе вуҷуд надорад ва касе аз махлуқоташ ба чизе иҳота ва тасарруф надорад. Чи тавре ки Худованд мефармояд: **“Ва Худо ба илми азалӣ бар ҳамаи оянда ва  гузаштаи халоиқ огоҳ аст ва халқро ҳеҷ ба Ӯ иҳота ва огаҳӣ нест”.** *(Тоҳо:110)*

***Хулоса:*** Ҳамоно Арш ҳақ аст ва Курсӣ ҳақ аст  ва Худованди бузург ба  ин ду иҳтиёҷ надорад ва ҳақиқатан Ӯ аз тамоми махлуқоташ огоҳ аст, вале онҳо бар Худо  иҳотаву огаҳие надоранд.

***Пурсишҳо:***

1. Худованди азза ва ҷалл бар чӣ истиво дорад?
2. Аз Курсии Ӯ чӣ маълумот доред?

Final

## ДАРСИ ШОНЗДАҲУМ

[٥٢] ونَقُولُ: إنَّ الله اتخَذَ إِبْراهيم خَلِيلا، وكَلَّمَ الله مُوسى تَكْليماً، إِيمانا وتصديقاً وتَسْليماً.

52-Бо имон ва тасдиқ ва бо таслим шудан ба муроду мақсуди Худо мегӯем: Ҳамоно Худованд Иброҳим (ъ)-ро дӯст гирифт ва бо Мӯсо (ъ) сухан гуфтааст.

***Шарҳ:*** Воқеъан, Худованди мутаъол Иброҳим (ъ)-ро дӯст гирифта буд. Чи тавре ки дар Қуръон фармуда: **“Ва гирифт Аллоҳ Иброҳимро дӯст”**. *(Нисо:125)*

Бинобар ин ӯро бандаи муқарраб ва мунтахабу баргузидаи хеш қарор дод ва ӯро ба манзалату мақоме расонд, ки ҷуз паёмбарамон Муҳаммад (с) дигар ҳеҷ паёмбаре ба он нарасида буд. Ҳамчунин Аллоҳ таъоло бо Мӯсо (ъ) сухани ҳақиқӣ, дорои ҳарфу савт гуфт, зеро ояти зайл ин матлабро таъйид мекунад: **“Ва Худо бо Мӯсо ба таври ошкор ва равшан сухан гуфт”**. *(Нисо:164)*

Дар ин оят масдари “таклиман”, ки дар охири он омада, ҳамин матлабро тавзеҳ ва рӯшан менамояд, ки мақсуд аз ин сухан ҳамон каломи ҳақиқиест, ки дорои ҳуруф ва савт ва кайфияте, ки ба ҳазрати Парвардигор лоиқу сазовор аст, мебошад, на он чӣ ки баъзе гумроҳон гумон бурда сифати каломро дар Худо инкор кардаанд.

Аз ҳамин ҷиҳат мо ба тамоми сифоти Илоҳӣ тибқи аҳодиси дар ин боб омада ва бидуни инкор ва таъвили сифот имон оварда, онҳоро тасдиқ менамоем ва ба муроду мақсади Худованд ва расулаш аз сифатҳои зикр намудаашон сари таслим фуруд меорем.

[٥٣] ونؤْمنُ بالملائكـة والنبيين، والكُتُبِ المنزَّلَـةِ عَلى المرْسَلِين ونَشْهَدُ أَنَّهم كانوا عَلَى الحقِّ المبين.



53- Ва ба фариштагон ва паёмбарон ва ба китобҳое, ки бар эшон фуруд оварда шуд, имон меорем ва гувоҳӣ медиҳем, ки ҳамаи паёмбарон бар ҷодаи ҳаққу рӯшан буданд.

***Шарҳ:*** Ба фариштагон, ки махлуқоти нуронии бузурги болдор ҳастанд, ба тариқи иҷмол *(умум)* ва ба тариқи муфассал *(мушаххас)* чун Ҷабраил, Микоил, Исрофил, Мункару Накир , кироман котибин имон меоварем ва ҳамчунин ба паёмбароне ки Худованд онҳоро аз миёни мардум баргузидааст, хоҳ номашон дар Қуръон ва ҳадис мушаххас омада бошад ё на, имон меоварем. Чи тавре, ки Парвардигор дар Қуръон мефармояд: **“Ва фиристондем расулоне ки шарҳи ҳоли онҳо аз пеш бар ту ҳикоят кардем ва онҳое, ки бар ту ҳикоят накардем”**. *(Нисо: 164)*

Ва ба китобҳое, ки Худованд бар расулонаш фуруд оварда, хоҳ онҳоро мушаххас бидонем чун Таврот, Инҷил, Забур, Қуръон ва Суҳуфи Иброҳим ва ё мушаххас надонем, имон меоварем, ки ҳамаи паёмбарон бар ҷодаи ҳақ ва роҳи рост буданд ва воқеъан эшон паёмҳои Илоҳиро бе ягон тақсиру кӯтоҳӣ ба мардум расондаанд.

**“Миёни ҳеҷ яке аз паёмбарон фарқ нагузорем ва ба ҳар чӣ аз ҷониби Худост гаравида ва таслими фармони Ӯ ҳастем.”** *(Бақара 136)*

***Хулоса:*** Сифоти дӯстӣ кардан ва сухан гуфтан бар ҳақиқаташон барои Худованд собит ва ҳақ мебошанд ва мо ба ин сифатҳо имон дорем ва ҳамчунин ба фариштагони гиромӣ ва ба тамоми паёмбарон ва китобҳои осмонӣ тасдиқ ва иқрор менамоем ва дар ҳақиқат ҳамаи паёмбарон бар ҷодаи ҳақ ва ҳидоят будаанд.

***Пурсишҳо:***

1. Дӯсти Худованди бузург кист?
2. Ҳақ таъоло ба кӣ сухани ошкор гуфт?
3. Ҳукми шахсе, ки ба фариштагон ё ба паёмбарон ё ба китобҳои осмонӣ кофир шавад, чист?



Final
Final

## ДАРСИ ҲАБДАҲУМ

[٥٤] ونُسمِّى أهْل قِبْلَتِنا مُسْلمِين مُؤْمِنِينَ، مَا دَامُوا بِمَا جَاءَ بِه النَّبى صلى الله عليه وعلى آله وسلم مُعترِفِينَ، ولهُ بِكُلِّ ما قَالَهُ وأخْبَرَ مُصَدِّقِين.

54-Ва аҳли қиблаамонро модоме, ки ба шариъати овардаи Расули акрам (с) эътироф дошта, тамоми гуфтаҳои ӯро тасдиқу бовар намоянд, мусулмон, мӯъмин меномем.

***Шарҳ:*** Мурод аз гуфтаи имом Таҳовӣ, ин аст, ки ҳар шахсе даъвои Ислом дорад ва дар намоз рӯ ба Каъба меистад, ҳаромҳои муайян кардаи Исломро ҳалол нашморад, тамоми гуфтаҳои Расули Худоро тасдиқ намуда, ҳақонияти ақоид, аҳком ва фармудаҳои он ҳазрат (с)-ро иътироф намояд, воқеъан ӯро мӯъмину мусалмон меномем ва модоме, ки ҳаромеро ҳалол нашмурад ва гунохе, ки Исломашро ботил месозад қасдан содир нанамояд, ӯро кофир гуфта наметавонем. Аз сухани имом Таҳовӣ бармеояд, ки Ислом ва имон якест, зеро ӯ ҳардуро дар як ҷо *(бефосила)* овардааст. Баъзеҳо мегӯянд Ислом ва имон аз якдигар фарқ мекунанд, агар аз ҳамдигар ҷудо оварда шаванд, ҳар як ба маънои хосси худ далолат менамояд ва агар якҷо зикр шаванд, пас Ислом аъмоли зоҳирро ва имон аъмоли ботинро дарбар хоҳанд гирифт.

***Хулоса:*** Ҳар шахсе, ки шариати овардаи паёмбар (с)-ро иқрор намуда, аз он пайравӣ намояд ва рӯ ба қиблаи мусалмонон орад, ба мусалмониаш гувоҳӣ хоҳем дод.

***Пурсишҳо:***

1. Ба мусалмонии кадом шахс гувоҳӣ медиҳем?



## ДАРСИ ҲАЖДАҲУМ

[٥٥] ولا نَخُوضُ فى الله، ولا نُمارِى فى دِينِ الله.

55-Дар Зоти Худованд ғавр наменамоем ва дар дини Ӯ даст ба мучодала ва низоъ нахоҳем зад.

***Шарҳ:*** Дар Зот ва шаъни Ҳақ таъло ғавр наменамоем, зеро ин амр аз ашёи ғайбӣ аст ки ҳеҷ махлуқе онро дарк карда наметавонад, балки аз ҳарфзанӣ дар ин маврид худдорӣ хоҳем кард ва фақат ба ҳамин иктифо менамоем, ки Аллоҳ таъолоро ба он номҳое, ки худро ба он номгузорӣ карда, ном мебарем ва ба он сифатҳое, ки худро ба он тавсиф намуда, васф менамоем ва дар ин замина аз ҳудуди ахбори саҳеҳа берун намебароем. Инчунин дар дини ӯ ба мучодала ва низоъ даст нахоҳем зад ва бар аҳли ҳақ шубҳаҳо ворид намесозем, зеро ин корҳо талбис ва фосидсозии дину мазҳаб ба ҳисоб мераванд.

[٥٦] ولا نُجَادِلُ فى القرآنِ، ونَشْهدُ أنَّهُ كلامُ ربِّ العالمينَ، نَزَلَ به الروح الأمينُ، فَعَلَّمَهُ سيِّدَ المرسلين مُحَمَّداً صلى الله عليه وعلى آله وسلم. وهو كَلَامُ الله تعالى لا يساويه شيءٌ مِنْ كلام المخلوقين ولا نَقُولُ بِخَلْقِهِ، وَلَا نُخَالِفُ جَمَاعَةَ المسْلِمِين.



Final

56-Дар Қуръони карим муҷодала ва низоъ наменамоем ва гувоҳӣ медиҳем, ки Ӯ каломи Парвардигори ҷаҳониён аст, ки онро Руҳу-л-амин *(Ҷабраил )* фуруд оварда, ба паёмбар Муҳаммад(с) таълим намудааст ва он каломи Худованди бузург аст, ки сухани мардум ба он баробар шуда наметавонад. Ӯро махлуқ нагуфта, бо ҷамоъаи муслимин мухолифат намеварзем.

***Шарҳ:*** Бо афкору орои хеш ба муҷодала дар Қуръон ва мӯҳтавои ӯ намепардозем ва ҳарфҳои гумроҳонро дар бораи ӯ нахоҳем гуфт, балки гувоҳӣ медиҳем, ки он каломи Раббулъоламин буда, Ҷабраил (ъ) онро ба паёмбар (с) фуруд овардаву таълим додааст. Чи тавре ки Худованд фармуда: **“Ва ин Қуръон ба ҳақиқат аз ҷониби Худо нозил шуда. Ҷабраил онро нозил гардонида ва онро бар қалби ту фуруд оварда, то ба ҳикмат аз иқоби Худо битарсонӣ ба забони арабии фасиҳ”**.

*(Шуаро:192-195)*

Ҳамчунин иқрор менамоем, ки ҳақиқатан Қуръон каломи Худованди бузург аст ва ҳеҷ навъ суханони мардум ба он баробар, қариб ва монанд ҳам нест.Ба монанди тоифаи ҷаҳмияи гумроҳ нахоҳем гуфт, ки Қуръон махлуқ мебошад, балки мегӯем он каломи Аллоҳи бузург аст ва чизе беш аз ин нагӯем ва ба он чизе ки саҳобагон ва тобиъин *(пайравонашон)* имон овардаанд, имон меоварем ва ҳар касе ба эшон мухолифат варзид, яқинан дар залолат ва гумроҳӣ қарор дорад.

***Хулоса:*** Дар Зоти Ҳақ таъоло ва дину ойинаш ғавр намудан ҷоиз нест ва инчунин дар Қуръон ҷидол ва мубоҳиса намудан ҷоиз нест ва он *(Қуръон)* каломи Аллоҳ таъолост, ки ғайри махлуқ мебошад ва мухолафату саркашӣ намудан аз эътиқодоти ҷамоъатулмуслимин дуруст нест.

***Пурсишҳо:***

1. Дар Зоти Аллоҳ таъоло ғавр намудан чӣ ҳукм дорад?
2. Оё дар Қуръон ҷидолу мунокиша намудан ҷоиз аст?
3. Ҷамоъатулмуслимин чист?



**ДАРСИ НУЗДАҲУМ**

[٥٧] ولا نكفر أحدًا من أهل القبلة بذنب ما لم يستحله .

57-Ва ҳеҷ касро аз аҳли қибла ба сабаби гуноҳ намудан кофир намегӯем, модоме ки ҳамон гуноҳи ҳаромро ҳалол нашморад.

***Шарҳ:*** Аҳли суннат ва ҷамоъат шахси мусалмонро ба сабаби гуноҳ хурд бошад ё бузург кофир намеҳисобанд, магар вақте ки онро ба қалбаш ҳалол шуморад, чунон чи онро ҳаром эътиқод накунад, дар ин сурат шахси мазкур кофир мегардад. Зеро ӯ ҳаромҳои муайянкардаи Худоро ҳалол шуморидааст.

Агар он маъсиятро амалан на қалбан ҳалол шумурда содир намояд, кофир нахоҳад шуд, бар хилофи қавли хаворич , ки онҳо ба муҷарради маъсияту гуноҳ кардан шахси мусалмонро кофир гуфта, аз миллати Ислом хорич менамоянд.

[٥٨] وَلا نَقُول لا يَضُرُّ مَعَ الإِيمانِ ذَنْبٌ لِمَنْ عَمِلَهُ .

58-Ва намегӯем шахсеро, ки гуноҳ мекунад, бо ҳамроҳии имон, гуноҳ ӯро зарару газанд нахоҳад расонид.

***Шарҳ:*** Ҳамчунин аҳли суннат намегӯянд, ки гуноҳони банда бо вуҷуди имон ба ӯ зарар намерасонад, зеро ки ин қавли мурҷиъа мебошад, ки он сабаби таксиби оятҳои бим дар ҳаққи базаҳкорон мегардад.

Балки маъсият ва гуноҳ имонро халалдор намуда мекоҳад ва хавфи дуршавии имонро аз гунаҳкор ва гирифторшавии ӯро ба азоби Илоҳӣ ба миён меорад.



Final

[٥٩] نَرجُو للمُحْسِنينَ مِنَ المؤْمنينَ أَن يَعْفُو عَنْهم ويُدْخِلَهمُ الجَنَّةَ برَحْمَتِه ولا نَأمَنُ عَلَيهم، ولا نَشْهَدُ لهم بالجَنَّة(*) ونَسْتَغفِر لِمُسِيئِهم، ونَخَافُ عَلَيْهم، ولا نقَنِّطُهُم.

59-Барои мӯъминони накӯкор *(аз Худованд)* умедворем, ки ба раҳмату лутф онҳоро бахшида, вориди биҳишт менамояд ва бар эшон эмин нестем ва барояшон гувоҳии ба биҳишт дода наметавонем ва барои гунаҳкоронашон талаби омурзиш намуда, ба ҳолашон хавф дорем ва онҳоро *(аз раҳмати Худо)* ноумед нахоҳем кард.

***Шарҳ:*** Аҳли суннат ва ҷамоъат мегӯяд: ҳақиқатан, барои мӯъмини накӯкор умеди даромадани биҳишт карда мешавад ва агар боимон бимирад барояш муждаи хайру некӣ вуҷуд дорад. Вале бо вуҷуди ин ҳама аз санҷишу имтиҳони Илоҳӣ эмин нахоҳем монд ва низ барояш ҷаннатро ҳатмӣ намедонем.

Final

Аммо шахси гунаҳкорро барояш талаби омурзиш намуда, ба ҳолаш хавфу ҳарос доранд, вале дӯзахро барояш ҳатмӣ намедонанд, зеро ин кор яъсу ноумедӣ аз раҳмати Худованд мебошад.

Аҳли суннат ва ҷамоъат барои ҳеҷ касе биҳиштро ҳатмӣ ва воҷиб намедонанд, магар шахсеро ки Қуръон ва аҳодиси набавӣ муайян кардааст ки ӯ аз аҳли биҳишт мебошад ва ҳамчунин барои касе дӯзахро ҳатмӣ намедонанд, магар вақте ки Қуръону ҳадис маълум намояд, ки ӯ аз аҳли дӯзах мебошад.

Вале дар ғайри ин суратҳо барои фарҷоми мусалмон чизеро ба қатъият гуфта наметавонем.

[٦٠] والأَمْن والإياسُ يَنْقُلانِ عَنْ مِلَّةِ الإِسْلامِ، وَسَبِيل الحق بَينهمَا لأهل القِبْلَة.



60-Ҳамоно эминӣ ва ғафлат *(аз имтиҳону муҷозоти Худо)* ва навмедӣ *(аз раҳмати Илоҳӣ)* инсонро аз миллати Ислом мебароранд ва роҳи ҳақ ва ростин дар миёни ин ду мебошад.

***Шарҳ:*** Дар ҳақиқат ғафлат варзидан аз озмоиш ва муҷозоти Худо ва яъсу навмедӣ аз раҳмати Ӯ инсонро аз миллати Ислом хориҷ месозад. Ҳақ таъоло мефармояд: **“Ҳамоно ноумед намешавад аз раҳмати Худо ба ҷуз кофирон.”**

*(Юсуф: 87)*

**“Пас аз макри Худо** *(озмоиш ва муҷозоти Ӯ)* **ғофил ва эмин нашавад, магар мардуми зиёнкор”**.

*(Аъроф: 99)*

Роҳи аҳли ҳақ ва ҳидоят дар миёни ин ду амр мебошад, аз ин рӯ бандаи мӯъминро зарур аст, ки хавфу бим аз имтиҳону азоби Илоҳӣ ва умедворӣ аз раҳматашро дар хештан ҷамъ намояд, то некбахтии дунё ва охиратро ноил гардад.

[٦١] ولا يَخرُجُ العبدُ مِنَ الإِيمَانِ إلا بجُحُودِ ما أَدْخَلَهُ فيه

61-Ва намебарояд банда аз имон, магар ба инкор намудани он чӣ ки ӯро дар имон даровардааст.

Final

***Шарҳ:*** Аз неъмати имон бандаи мӯъмин хориҷ намешавад, магар бо сабаби амали ботилсозандаи имон, монанди инкор намудани чизе аз масоил ва аркони имон, ки бидуни он имон комил ва саҳеҳ намегардад, аз ҳамин ҷиҳат имони ӯ ботил ва бекор хоҳад гардид.

Ва ин матлаб назари хавориҷро дар ин бора ки эшон содиркунандаи гуноҳи кабираро кофир мегӯянд ва назари мӯътазиларо, ки мегӯянд анҷомдиҳандаи кабира беимон гардида, дар миёни куфр ва имон муаллақ мемонад, мардуд менамояд. Балки мусалмон бо гуноҳи кардааш гунаҳкор мегардад, то ин ки аз он гуноҳ тавба намояд ва маъсият ба андозаи худ имонашро халалдор месозад ва номи имон аз ӯ тамоман бардошта нахоҳад шуд, магар вақте ки кулли имон ё асли он аз ӯ дур шавад ва ба сабаби дур шудани баъзе имон

решаи имон аз ӯ маҳв ва нобуд нахоҳад гардид, зеро ки имон қисмат-қисмат мешавад.

[٦٢] والإيمانُ: هو الإقرارُ باللّسان، والتّصْديقُ بِالجَنَانِ

62-Имон иқрор намудан ба забон тасдиқ намудан ба қалб аст.

***Шарҳ:*** Дар таърифу баёни имон иштибоҳ ва ғалат шудааст, зеро ҳақиқате, ки аҳли суннат ва аксари уламои забардасти Ислом бар онанд, ин аст, ки имон иқрор ба забон ва тасдиқ ба дил ва амал намудан ба аркон мебошад ва яке аз усули эътиқодии аҳли суннат ба ҳисоб меравад. Далелҳое, ки аз имон будани амалро таъйид менамояд, аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ фаровон ва бешумор мебошанд, бинобар ин дар назди аҳли суннат имон зоид ва кам мешавад, ба тоату ибодат беш ва бо маъсияту гуноҳ коста мегардад. Чи тавре ки Худованд мефармояд: **“Бале онон, ки аҳли имонанд** *(сураи мазкур)* **бар имони эшон бияфзуд ва башорату сурур бахшид.”**

*(Тавба: 124)*

Ва дар ҷои дигар фармуда: **“То бар яқин ва имонаш бияфзояд”.**

*(Фатҳ:4)*

Агар аъмол дар исму маънои имон дохил набошад, ҳароина тамоми мардум, фосиқу фоҷир, накӯкор ва осии бадкирдор, модоме ки ба улуҳияти Офаридгор ва аркони имон иқрор ва тасдиқ намоянд, ҳама дар имондорӣ баробар ва мусовӣ мебошанд.

Вале ин назар ва пиндор аз усул ва асосҳои фосид маҳсуб мегардад ва ҳақиқат ҳамон аст, ки баён кардем ва аҳли суннат ва ҷамоат дунболи он рафтаанд.

***Хулоса:*** Ҷоиз нест, ки мусалмонро аз ҷиҳати гуноҳ карданаш кофир бигӯем, мадоме ки онро ҳалол нашморад. Маъсият ва гуноҳон имонро коста ва соҳибашро ба азоби Илоҳӣ мубтало месозанд. Бо қатъият ба биҳиштӣ ва дӯзахӣ будани мусалмон гувоҳӣ намедиҳем, магар ашхосе, ки барояшон ин амр бо далел собит гардида бошад. Ғафлату эминӣ



ва яъсу навмедӣ инсонро аз миллати Ислом хориҷ месозад, чи тавре ки номи имон аз инсон бардошта намешавад, магар ба сабаби анҷом додани амале , ки имонро маҳв ва нобуд месозад. Имон гувоҳӣ додан ба забон ва тасдиқ намудан ба дил ва амал намудан ба аркони Ислом мебошад.

***Пурсишҳо:***

1. Ба сабаби маъсият кардан кофир гуфтани мусалмон чӣ ҳукм дорад?
2. Оё содир намудани гуноҳҳо дар вуҷуди имон зарар мерасонад?
3. Оё бо қатъият ба биҳиштӣ ва дӯзахӣ будани мусалмон ҳукм карда мешавад?
4. Кадом вақт номи имон аз шахси мусалмон куллан бардошта мешавад?
5. Имон дар назди аҳли суннат ва ҷамоат чӣ гуна муаррифӣ ва баён гардидааст?



Final

## ДАРСИ БИСТУМ

[٦٣] وَجَميعُ ما صَحَّ عَنْ رَسُول الله صلى الله عليه وعلى آله وسلم مِنْ الشَّرْع والبيان كُلّه حَق.

63-Ва тамоми умури шаръӣ ва иршодоте, ки аз Расули Худо (с) ривоят шудаанд, ҳамаашон ҳақ ва ростанд.

***Шарҳ:*** Тамоми фармудаҳои шариъат ва ривоятҳои тавзеҳкунандаи умури дин, хоҳ онҳо ба таватур ё ба тариқи оҳод[1] нақл шуда бошанд, ҳамаи онҳо ҳақ ва рост мебошанд. Ин мазҳаби аҳли ҳақ ба шумор меравад ва ҳар шахсе, ки ба Паёмбари Худо (с) дурӯғ бандад, яъне аз номи он ҳазрат ҳадиси дурӯғ гӯяд, бешакку шубҳа Аллоҳи бузург ӯро расво ва хор мегардонад.

[٦٤] والإِيمان واحدٌ(*) ، وأَهْلُهُ فى أَصْلِه سَوَاءٌ والتَّفاضُلُ بينهم بِالخشية والتّقَى، ومُخَالفَةِ الهوى، ومُلازَمَةِ الأولى.

1. Оҳод ҳадисеро мегӯянд, ки як ё ду нафар онро ривоят кардааст ва мутавотир ҳадисест, ки онро як ҷамоъа аз ҷамоъаи дигар ривоят кардаанд.



64- Ва имон як аст ва мӯъминон дар асли он баробаранд ва бартарӣ дар миёнашон ба парҳезкорӣ ва тарси Худо ва мухолифат намудани ҳавову ҳавас ва бо пайравии фармонҳои Ҳақ таъоло мебошад.

***Шарҳ:*** Ин сухан бинобар аслест, ки имом Таҳовӣ аввалан дар таърифу баёни имон зикр намуда буд. Вале ҳақиқат ин аст, ки мардум дар асли имон ҳам аз якдигар фарқ доранд ва агар ин тавр набошад, мумкин аст, ки бигӯем: ҳамоно имони мо монанди имони Паёмбар (с) ва мисли имони фариштагон аст, ки ин фикр ботили ошкор мебошад.

Дар ҳақиқат аъмол дар исми имон дохил аст, ки мардум ба василаи он аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ҳатто дар тасдиқ мардум аз якдигар тафовут ва фарқ доранд, бинобар ин тасдиқу боварии мо монанди тасдиқи Ҷабраил (ъ) нест. Ҳамчунин мардум ба тақво ва саркашӣ аз ҳавои нафси фосид ва бо анҷомдиҳии аъмоли писандида аз ҳамдигар дар назди Аллоҳ таъоло тафовут доранд. Чи тавре, ки дар Қуръон омадааст: **“Ҳамоно гиромитарини шумо дар назди Худо парҳезгортарини шумост”.** *(Ҳуҷурот:13)*

[٦٥] والمؤمنُون كُلُّهم أَوْلياءُ الرَّحمنِ، وأكْرمُهُم عِنْدَ الله أَطْوَعُهُم وأَتْبعُهُم للقُرآنِ.

65-Ва тамоми мӯъминон дӯстони Худоянд ва гиромитарини онҳо дар назди Аллоҳ таъоло мутиътарини онҳо нисбати Қуръони карим мебошад.

***Шарҳ:*** Мӯъминон дӯстони Худо ба шумор меравconfigured, чи тавре, ки Ҳақ таъоло фармуда: **“Огоҳ бошед, ки дӯстони Худо ҳаргиз ҳеҷ тарс ва ҳеҷ андӯҳе дар дили онҳо нест. Онҳо аҳли имон ва худотарсанд”.** *(Юнус: 62-63)*

Аз ҳамин ҷиҳат ба андозаи тафовути онҳо дар имон ва тақво мартабаи дӯстӣ ва муқаррабияти онҳо ба Худо низ фарқ мекунад ва гиромитару азизтари эшон дар назди Аллоҳ ҳамон аст, ки Худо ва Расулашро бештар итоат намуда,

ҳамеша китоби Худо ва суннати паёмбари Исломро пайравӣ намояд.

***Хулоса:*** Тамоми суханоне, ки аз Расули Худо (с) дар баёни шариъат ва умури дин ривоятшуда ҳақ мебошанд ва аҳли имон дар асл ва мартабаи он аз ҳамдигар тафовут доранд.

Мӯъминон дӯстони Худо ҳастанд ва эшон дар вилояту дӯстии Ӯ ба андозаи тақво ва худотарсиашон аз ҳамдигар тафовут ва фарқ доранд.

***Пурсишҳо:***

1. Оё мардум дар асли имон баробаранд ё аз ҳамдигар тафовут доранд?
2. Дӯстони Худо киҳоянд?

Final



## ДАРСИ БИСТУ ЯКУМ

[٦٦] والإيمان: هُوَ الإيمانُ باللهِ، ومَلائِكَتِه، وكُتُبِه، ورُسُلِه، واليومِ الآخِرِ، والقَدَرِ، خَيْرِه وشَرِّه، وحُلْوِه ومُرِّه، مِنَ اللهِ تعالى.

66-Ва имон ин аст, ки ба Худо ва фариштаҳои Ӯ ва китобҳо ва паёмбарони Ӯ, ба рӯзи растохез ва ба тақдир , ки нек ва бад, ширин ва талхи он аз тарафи Худост, имон биёрӣ.

***Шарҳ:*** Имони ба Аллоҳ таъоло иборат аз афъол, номҳо, ва сифоташ ва ба сазовори маъбудият буданаш ва ба анҷом додани ҳамаи корҳо холис барои Ӯ имон биёрем. Имони ба фариштагон ин аст, ки ба вуҷуди онҳо ва ба сифоту ашколи эшон ва ба вазоиф ва масъулиятҳояшон имон биёварем. Имон овардан ба китобҳои осмониро дар боло баён намудем. Имон овардан ба паёмбарон иборат аст аз ин ки ба ҳамаи эшон хоҳ онҳоро мушаххасан бишиносем ё на, имон оварем. Аввалини он расулон Нӯҳ ва охири эшон Муҳаммад (с) мебошад ва ҳақиқатан онҳо паёмҳои Худоро ба мардум пурра расонидаанд ва роҳи эшон беҳтарин ва комилтарини роҳҳо мебошад. Имони ба рӯзи охират барангехтан аз қабрҳо ва ҳисобу шумори аъмол ва биҳишту дӯзах ва ғайраро дарбар хоҳад гирифт.

Дар ниҳоят имони ба тақдир, яъне бовар намоем ба ин ки тақдир аз назди Аллоҳ таъолост ва ҳамоно хайр ва шарр ба ҳукми Ӯ ширинииву талхӣ ҳам ба ирода ва тақдирсозии Ӯ бастагӣ доранд. Чи тавре ки дар Қуръони карим омада: **“Бигӯ, эй Муҳаммад ҳама чиз аз назди Худо мебошад.”**

*(Нисо:78)*

Final

Ва ин усуле, ки баён кардем дар оёти зайл гирд омадаанд: **“Вале некӯкор касест, ки ба Худо ва рӯзи растохез ва фариштаҳо ва китоби осмонӣ ва паёмбарон имон орад.”** *(Бақара:177)*

**“Ва ҳар кӣ ба Худо ва фариштагон ва китобҳои осмонӣ ва расулон ва рӯзи қиёмат кофир шавад, сахт дар гумроҳӣ фурӯмонда ва дур афтодааст.”** *(Нисо:136)*

Ин усул ва аркони шашгонаи имон аст, ки агар яке аз онҳо набошад, номи имон аз аслу реша бардошта, ба ҷояш номи куфр меояд, Худо аз ин паноҳ диҳад.

[٦٧] ونَحْنُ مُؤْمِنُونَ بِذلك كُلِّه، لا نُفَرِّقُ بَيْنَ أَحَدٍ مِنْ رُسُلِه، ونُصَدِّقُهُم كُلَّهُم عَلى مَا جَاؤُوا بِه.

67- Ва мо ба тамоми аркони имон имон овардаем ва миёни ҳеҷ яке аз расулонаш фарқ намегузорем ва ҳамаи онҳоро ба ваҳйи овардаашон тасдиқу бовар мекунем.

Final

***Шарҳ:*** Ба тамоми усул ва арконе, ки баён шуд, бо тасдиқу иқрор имон меорем ва миёни ҳеҷ яке аз расулон фарқ намекунем, чи тавре, ки Худованди бузург фармуда: **“Миёни касе аз паёмбарон фарқ намекунем.”** *(Бақара:285)*

Бинобар ин миёни расулон ҷудо намесозем ба ин тариқ ки ба баъзеи онҳо имон оварда, ба баъзеи дигар кофир шавем, балки ба ҳамаи онҳо имон оварда, паёмҳои овардаашонро тасдиқ ва бовар менамоем, ки аз назди Аллоҳ мебошанд.

***Хулоса:*** Имон ин аст, ба Худо ва фариштагон ва паёмбарон ва рӯзи қиёмат ва ба тақдир, ки нек ва бадаш аз назди Худост, бовар намоӣ.

***Пурсишҳо:***

1. Аркони имон кадомҳост?
2. Маънои имон овардан ба тақдир чист?



## ДАРСИ БИСТУ ДУВВУМ

[٦٨] وأَهْلُ الكَبَائِرِ مِنْ أُمَّةِ مُحَمَّدٍ صلى الله عليه وعلى آله وسلم فِي النَّارِ لا يُخَلَّدُونَ، إِذَا مَاتُوا وهم مُوَحِّدُونَ، وإِنْ لَم يَكُونُوا تَائِبِينَ، بَعْدَ أَنْ لَقُوا اللهَ عَارِفِينَ مُؤْمِنِينَ وَهُمْ فِي مَشِيئَتِهِ وحُكْمِهِ، إِنْ شَاءَ غَفَرَ لَهُمْ وَعَفَا عَنْهُم بِفَضْلِه، كما ذكر عَزَّ وجَلَّ فِي كِتَابِه: ﴿ويغفر مَا دُونَ ذَلكَ لِمَنْ يَشَاءُ﴾ [النساء: ٤٨، ١١٦] وإِنْ شَاءَ عَذَّبَهُم فِي النَّارِ بِعَدْلِه، ثُمَّ يُخْرِجُهُم مِنْهَا بِرَحْمَتِه وَشَفَاعَةِ الشَّافِعِينَ مِنْ أَهْلِ طَاعَتِه، ثُمَّ يَبْعَثُهُم إِلَى جَنَّتِه، وَذَلِكَ بِأَنَّ اللهَ تعالى تَوَلَّى أَهْلَ مَعْرِفَتِه، وَلَمْ يَنَالُوا فِي الدَّارَيْنِ كَأَهْلِ نُكْرَتِه، الَّذِينَ خَابُوا مِنْ هِدَايَتِه، ولَمْ يَنَالُوا مِنْ وِلايَتِه. اللَّهُمَّ يَا وَلِيَّ الإِسْلامِ وَأَهْلِه، ثَبِّتْنَا عَلَى الإِسْلامِ حَتَّى نَلْقَاكَ بِه.

Final

68-Ва аҳли кабоир *(онон ки гуноҳи кабира кардаанд)* аз умматони Муҳаммад (с) дар дӯзах ҷовидон намебошанд, ҳар вақте ки онҳо муваҳҳид *(яктопараст)* мурда бошанд, агарчи аз гуноҳони кабира тавба накарда бошанд, баъди аз он ки Худовандро мӯъмин дарёфтанд. Ва онҳо дар машият ва ҳукми

Ӯ қарор доранд, агар хоҳад ба фазлу карамаш эшонро мағфират менамояд. Чи тавре ки дар Қуръони карим фармуда: **“Ва гуноҳони ғайри ширкро барои касе, ки** *(Худо)* **хоҳад меомурзад”** ва агар Худованд хоҳад бо адлу доди хеш онҳоро дар дӯзах азоб намуда, сипас бо раҳмати худ ва шафоати бандагони шафоаткунандааш эшонро аз он ҷо мебарорад. Баъд аз он ба биҳишт мефиристад. Ин ба хотири он аст, ки Аллоҳ таъоло сарпарастии мӯъминонро ба ӯҳдаи худ гирифта, онҳоро дар дунё ва охират монанди мункирону кофирон раҳо ва тарк нахоҳад кард, ки эшон аз ҳидояти Худованд ноумед гардида ба валоят ва сарпарастии Ӯ сарафроз нашудаанд. Бор Худоё, эй сарпарасти Ислом ва муслимин моро то рӯзи дидорат бар дини Ислом собиту устувор гардон.

***Шарҳ:*** Ҳамоно муртакиби кабира *(касе, ки гуноҳи бузург чун зино, нӯшидани шароб, қатли нафс, судхӯрӣ ва ғайра анҷом медиҳад)* агар дӯзах дароянд ҳам дар он абадӣ нахоҳад монд, зеро ки ӯ бар ақидаи тавҳид *(яктопарастӣ)* мурдааст, ҳарчанд ки бетавба фавтида бошад. Ва модоме, ки Худованди мутаъолро мӯъмин дарёбад, дар тахти машияту хоҳиши Ӯ қарор мегирад, агар хоҳад бо адли худ ӯро дар дӯзах азобу иқоб менамояд. Вале дар онҷо *(дӯзах)* ҷовидон нахоҳад монд, балки аз он ҷо бо раҳмати худаш ва шафоати бандагони муқарраби шафоаткунандааш, ки бузургтарини эшон Муҳаммад (с) мебошад, хориҷ менамояд.

Агар хоҳад *(Худованд)* бо фазлу карамаш ӯро мебахшад ва гуноҳонашро меомурзад ва барои ҳар гуноҳи ғайри ширк умеди мағфирату омурзиш аст. Чи тавре, ки Ҳақ таъоло фармуда: **“Ҳамоно Худованд шарик овардан ба Зоташро намеомурзад ва дигар гуноҳони ғайри ширкро хоҳад бахшид.”**

*(Нисо:48)*

Чунончи дар ҳадиси паёмбар (с) омада: ***“Касе ки ба гуноҳи кабира мубтало шавад, сипас Худо ӯро мастур созад. Сарнавишти ӯ ба дасти Аллоҳи бузург аст, агар хоҳад мағфират ва агар хоҳад азобаш мекунад.”***

*(Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.)*



Ҳатто агар содиркунандаи кабира бе тавба мурда бошад ҳам, дар тахти машияти Илоҳӣ қарор дорад ва ҳамин аст ҳаққу савоб, бар хилофи мӯътазила ва хавориҷ ки мегӯянд: “Содиркунандаи кабира дар дӯзах ҷовидон боқӣ хоҳад монд”.

Зеро эътиқоди мо аҳли суннат ин аст, ки Худованди мутаъол бо раҳмати хеш аҳли имонро дар дунё ва охират чун мункирони Зоти хеш қарор нахоҳад дод. Ҳамчуноне, ки дар Қуръон фармуда: **“Оё онон ки муртакиби аъмоли зишт шудаанд, гумон карданд рутбаи онҳоро монанди касоне, ки ба Худо имон оварда ва накӯкор шуданд қарор медиҳем, то дар марг ва зиндагонӣ ҳам яксон бошанд”.** *(Ҷосия: 21)*

Аз Худованд, ки сарпарасти Ислом ва муслимин аст, масъалат менамоем, ки дилҳои моро бар Ислом собиту маҳкам бигардонад, то бо имону Ислом ба дидори муборакаш ноил гардем.

[٦٩] وَنَرى الصَّلاةَ خَلْفَ كلِّ بَر وَفَاجِرٍ مِنْ أَهْلِ القِبْلَةَ، وَعَلى مَنْ مَاتَ مِنْهُم.

69-Ва дар пушти ҳар мӯъмини парҳезкор ва фоҷир, ки аз аҳли қибла бошад, гузоридани намозро ҷоиз медонем ва ҳамчунин бар мурдаи эшон намози ҷаноза хонданро ҳам ҷавоз медорем.

***Шарҳ:*** Аҳли суннат дар пушти ҳар мусалмон хоҳ парҳезкор бошад ё фоҷир хондани намозро ҷавоз медонанд, вале ҳатман шахси парҳезкор бар фосиқ муқаддам мебошад, магар дар сурате, ки дар имоматии ӯ машаққату гаронӣ бошад ё имоми фоҷире, ки подшоҳ ӯро таъйин карда, агар дар пушти ӯ намоз нахонанд, фитнае сар занад. Дар ин суратҳо дар пушти фоҷир намоз гузоридан ҷоиз аст, ба шарте, ки бидъати мукаффира *(кофиркунанда)* содир накарда бошад.

Ҳамчунин аҳли суннат бар мурдаи ҳар мусалмон хоҳ парҳезкор бошад ё фосиқ намоз хонданро ҷоиз медонанд, магар ин ки ӯ кофир фавтида бошад, ки аҳли куфр ва илҳод намози ҷаноза надоранд.



Final

[٧٠] وَلا نُنَزِّلُ أَحَداً مِنْهُم جَنَّةً ولا ناراً، وَلا نَشْهَدُ عَلَيْهِم بِكُفْرٍ وَلا بِشرك ولا بِنِفاق، مَا لم يَظْهَر مِنْهُم شَيءٌ مِن ذَلك، وَنَذَرُ سَرَائِرَهُم إلى الله تعالى.

70-Ва касе аз аҳли Исломро ба биҳишт ва дӯзах фуруд намеорем ва бар эшон ба куфр, ширк ва нифоқ модоме, ки аз онҳо ин умур зоҳир нагардидааст, гувоҳӣ намедиҳем ва ботини онҳоро ба Худованди бузург вомегузорем.

***Шарҳ:*** Бо қатъият ба биҳиштӣ ва дӯзахӣ будани мусалмонони аҳли қибла ҳукм нахоҳем кард, балки барои бандаи накӯкор умедвори ҷаннат мебошем ва низ аз озмоишу муҷозоти Худо ғафлат намеварзем ва касе, ки гунаҳкор бошад, бар ҳолаш метарсем ва ҳаргиз аз раҳмати Аллоҳ таъоло ноумедаш намесозем.

Бар мусалмон ба куфр, ширк ва нифоқ, ки ӯро аз доираи Ислом хориҷ созад, гувоҳӣ намедиҳем, магар вақте ки умури мазкур аз эшон сар занад ва низ шурути маҳкумият фароҳам гардад.

Ботини мардумро ба Худо ҳавола менамоем, зеро фақат Ӯ ба ботинашон доно ва огоҳ мебошад ва мардумро аз зоҳири ҳолашон арзёбӣ хоҳем кард.

[٧١] ولا نَرى السَّيْفَ عَلى أحَدٍ مِنْ أُمَّةِ مُحَمَّد صلى الله عليه وعلى آله وسلم إلا مَنْ وَجَبَ عليه السيف.

71-Шамшерро *(қатлро)* бар касе аз уммати Муҳаммад(с) ҷоиз ва мубоҳ намедонем, магар бар касе, ки қатлаш воҷиб гардидааст.

***Шарҳ:*** Аҳли суннат қатли мусалмонро ба ҳеҷ ваҷҳ ҷоиз намедонанд, магар дар ҳолатҳое, ки шариъат онро муайян кардааст. Чи тавре, ки Расули Худо (с) мефармояд:



***"Хуни шахси мусалмон ҳалол нест, магар дар се сурат: Қасос яъне ҷон ба ҷон... "*** *(Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.)*

Ва низ дар ҳадиси дигар омада: ***"Магар ин ки дар ӯ куфри бавоҳ*** *(сареҳ)**-ро мушоҳида намоед, ки аз ҷониби Худо дар он куфр бурҳон ва ҳуҷҷат дошта бошед. "***

*(Ривояти Муслим.)*

Ҳамчуноне, ки Ҳақ таъоло мефармояд: **"Ҳамоно кайфари онон, ки бо Худо ва расули Ӯ ба ҷанг бархезанд ва дар замин бар фасод кӯшанд, ҷуз ин набошад, ки онҳоро ба қатл расонда шаванд ".** *(Моида: 33)*

Дар ҳамин ҳолатҳо резондани хуни мусалмон *(қатли ӯ)* ҷоиз ва мубоҳ мебошад, вале дар ғайри ин суратҳо ба ҳеҷ ваҷҳ қатли ӯ ва куштори ӯ ҷоиз нест.

***Хулоса:*** Аҳли кабоир тахти машияту иродаи Худо мебошанд, агар хоҳад онҳоро мебахшад ва агар хоҳад иқобашон менамояд.

Мумкин нест, ки аҳли имон бо аҳли куфр яксон бошанд ва мо дар пушти ҳар як мусалмон хоҳ парҳезкор бошад, ё фоҷир *(базаҳкор)* намоз мегузорем ва барои ҳеҷ кадоми эшон бо қатъият ба биҳишт ва дӯзах гувоҳӣ нахоҳем дод ва ҳамчунин болои мусалмон шамшер намебардорем, магар ба иҷозаи шариъати Ислом.

***Пурсишҳо:***

1. Аҳли суннат дар бораи содиркунандагони гуноҳони кабира чӣ мегӯянд?
2. Дар пушти мусалмони фоҷир намоз гузоридан ҷоиз аст?
3. Ҳолатҳое, ки куштани мусалмон дар он ҷоиз мебошад, кадом аст?



Final
Final

## ДАРСИ БИСТУ СЕЮМ

[٧٢] ولا نَرَى الخُرُوجَ على أئمتنَا وَوُلاةِ أُمُورِنا وَإِنْ جَارُوا، وَلا نَدْعُو عَلَيْهِم، وَلا نَنْزِعُ يداً مِنْ طاعتهم، وَنَرى طَاعَتَهم مِنْ طَاعَةِ اللهِ عزَّ وجَلَّ فَرِيضةً، مَا لَمْ يَأْمُروا بمَعْصية، وَنَدْعُو لَهُم بِالصَّلاح والمعَافَاة.

72-Бар пешвоён ва сарварони давлати Ислом туғён карданро ҷоиз намедонем, агарчи онҳо зулму ситам намуда бошанд ва низ бар эшон дуои бад нахоҳем кард. Аз тоату фармонбардории онҳо даст барнамедорем ва модоме ки ба масъияту гуноҳ фармон надиҳанд, итоати эшонро аз тарафи Худои бузург болои хеш фарз медонем ва ҳамеша барояшон ба салоҳу камоли дар дин дуо менамоем.

Final

***Шарҳ:*** Аҳли суннат туғёну саркашӣ намудани пешвоён ва сарварони *(давлати Ислом)* -ро агарчи онҳо ба мардум ситам раво доштаанд ё аз онҳо фиску фуҷур зоҳир гардида бошад, ҳам раво намебинанд. Зеро туғёну исёни онҳо авоқиб ва осори бадро, чун хунрезӣ, сар задани бебандуборӣ ба дунбол дорад.

Итоату фармонбардории онҳо то вақтест, аз Ислом рӯй нагардонда ва ба куфр майл накарда бошанд. Ҳамчунин аҳли суннат бар сарварони ҳокими худ дуои бад накарда, тоату фармонбардорӣ аз эшонро воҷиб медонанд, модоме ки онҳо ба некӯӣ амр намоянд, вале агар ба маъсият ва гуноҳ амр намоянд, тоати эшон ҷоиз нест, аз ҷиҳати ин фармудаи паёмбар (с) ки мегӯяд: ***"Воҷиб аст бар шахси мусалмон итоату пайравии сарварони мусалмон дар корҳои фармудаашон хоҳ онро писандад ё на, модоме, ки ба гуноҳ амр карда нашавад".***

*(Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.)*



Ва низ дар ҳақи онҳо *(волиёни умури муслимин)* дуои салоҳ ва камоли дар динро мекунанд, зеро бо салоҳу накӯии эшон уммати Ислом низ солим ва некӯ хоҳад гардид ва бо фасоду табаҳкории онҳо уммати мусалмон низ фосид мешавад.

[٧٣] وَنَتَّبِعُ السُّنَّةَ والجَمَاعَةَ، وَنَجْتَنِبُ الشُّذُوذَ والخلاف والفُرْقَة.

73-Аз суннат ва ҷамоати муслимин пайравӣ менамоем ва аз ҷудоӣ ва ихтилофу тафриқа дурӣ меҷӯем.

***Шарҳ:*** Аҳли суннат ҷудошавӣ аз ҷамоати мусliminро маҳкум намуда, аз он парҳез менамоянд, балки ҳидоят ва ҳақиқатро дар пайравии суннати Расули Худо (с) ва дар ҷамоати муслимин медонанд. Ҷудоӣ аз ҷамоати Ислом ва ихтилоф намудан дар умури дин ва тафриқаандозӣ дар миёни мусалмонон ба залолату гумроҳӣ мекашад.

Пайравӣ аз ҷамоати муслимин вақтест, ки онҳо побанди фармонҳои Худо ва ҳақиқату ҳидоят бошанд ва амри маъруф ва наҳйи мункар дар миёнашон ҷорӣ бошад, вале агар онҳо фосид гардида, бидъат ҷойгузини суннат ва суннат ҷойгузини бидъат, мункар ба маъруф ва маъруф ба мункар табдил ёбад, дар ин ҳолат ҷудоӣ аз ин мардум на танҳо ҷоиз, балки воҷиб мебошад. Чи тавре ки Расули Худо (с) фармуда: ***"Аз тамоми ин фирқаҳо канорагирӣ кун ва агарчанде ба решаи дарахте чанг бизанӣ, то ин ки марг туро дарёбад".***

*(Бухорӣ ва Муслим.)*

Final

[٧٤] وَنُحِبُّ أَهْلَ العَدْلِ والأَمَانَةِ، وَنُبغض أَهْلَ الجَوْرِ والخِيانة.

74-Аҳли адл ва амонатро дӯст дошта, аҳли ҷавр ва хиёнатро бад мебинем.

***Шарҳ:*** Ҳар мусалмони одилро, ки ба Худо ва мардум амин аст, хоҳ ӯ ҳоким бошад ё шахси оддӣ дӯст медорем ва ҳар мусалмони золим ва хоинро хоҳ ҳоким бошад ё аз оммаи

мардум бад мебинем. Худованд мефармояд: **“Эй касоне, ки имон овардед ба Худо ва расули Ӯ ва ба амонатҳояшон хиёнат накунед.”**

Ва ин матлабро ҳақ мешуморем, зеро бандаи мӯъмин мусалмонони парҳезкорро дӯст дошта, мӯъминони фосиқ ва табаҳкорро бад мебинад ҳамчунон, ки Расули акрам (с) фармуда: ***“Агар касе ин се хислатро дошта бошад, ҳаловати имонро меёбад. Аввал ин ки Худованд ба сӯи ӯ аз тамоми ашё маҳбубтар бошад.***

***Дуввум ин ки барояш паёмбари Аллоҳ таъоло, Муҳаммад (с) аз дигарон маҳбубтар бошад. Саввум ин ки бародари мусалмонашро фақат барои Худо дӯст бидорад.”***

*(Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.)*

Ва низ он ҳазрат (с) мефармояд: ***“Маҳкамтарин ресмони имон барои Худо дӯст доштан ва барои Худо бад дидан мебошад.”*** *(Ба ривояти Аҳмад ва Табаронӣ.)*

Бинобар ин мусалмонро ба андозаи тоату некӯкориаш дӯст медорем ва инчунин ба миқдори маъсият ва фисқаш ӯро бад мебинем.

***Хулоса:*** Итоати сарварони муслимин дар итоати Худо ҷоиз аст ва бе ягон ҳуҷҷат ва бурҳон ҷудоӣ аз ҷамоати муслимин дуруст намебошад ва мо суннат ва ҷамоъатро пайравӣ менамоем ва аҳли адл ва амонатро дӯст дошта, ситамгорону хоинонро бад мебинем.

***Пурсишҳо:***

1. Итоат намудан ба имоми золим чӣ ҳукм дорад?
2. Оё сар кашидан аз итоати сарварони ситамгар ҷоиз аст?
3. Дар қазияи дӯстӣ ва душманӣ фақат барои Худо чӣ гуна рафтор намоем?



Final

## ДАРСИ БИСТУ ЧОРУМ

[٧٥] وَنَقُول: الله أعْلَمُ، فِيمَا اشْتُبِهَ عَلَينَا عِلْمُه.

75- Дар чизе, ки бароямон номаълум бошад, мегӯем, ки Худо донотар аст.

***Шарҳ:*** Аҳли суннат ҳамвора илми чизеро, ки надонанд ба Худованди бузург вогузор менамоянд ва мегӯянд, ки Аллоҳ донотар аст ва ин посухи одилона мебошад ва манзур аз ин ки бе илму огаҳӣ бар Худо ҳарф задан ҳаром аст, ин мебошад, ки амали мазкур гуноҳи бузург маҳсуб мешавад.

Ҳамин тавр вақте ки инсон аз чизе ки намедонад, пурсида шавад, бояд дар посух бигӯяд: “Аллоҳ таъоло донотар аст.”

[٧٦] وَنَرى الْمسْحَ عَلَى الْخُفَّيْنِ، فِى السَّفَرِ والحَضَرِ. كما جَاءَ فِى الأَثَرِ.

76-Ва маҳс кашидан бар масҳиро чи тавре, ки дар ҳадис омада, ҷоиз медонем.

***Шарҳ:*** Аҳли суннат маҳс кашидан бар масҳиҳоро бо шуруте, ки дар китобҳои фиқҳ омада, яъне се шабонарӯз барои мусофир ва як шабонарӯз барои муқим ҷоиз медонанд ва маҳси наълайнро низ муҷоз гӯянд.

Рофизиҳо *(шиаён)* дар ин амр бо онҳо мухолиф ҳастанд, вале маҳс кашидан бар маҳсиҳо аз Расули акрам (с) бо ривояти мутавотир собит шудааст.

[٧٧] والحَجُّ والجِهَادُ مَاضِيَان مَعَ أُولي الأَمْرِ مِنَ المسْلمين، بَرِّهِم وفاجِرهم. إِلى قِيَام السَّاعة، لا يُبْطِلُهما شَىء ولا يَنْقُضهما.



Final

77-Ҳаҷ ва ҷиҳод бо пешвоёни умури муслимин хоҳ парҳезкор бошанд ё фоҷир, то омадани қиёмат давом дорад, ки чизе ин дуро ботил ва нобуд нахоҳад кард.

***Шарҳ:*** Аҳли суннат чунин мепиндоранд, ки ҳаҷ ва ҷиҳод бо амирони Ислом хоҳ некӯкор бошанд, ё табаҳкор, бидуни ин ки ҳеҷ чизе воҷиб будани онҳоро бекор карда наметавонад, то барпошавии қиёмат идома хоҳанд ёфт. Тамоми ин умур *(ҳаҷ ва ҷиҳод)* бо сарпарастии сарварони одилу накӯкор ва фоҷиру табаҳкор воҷиб мегардад, модоме, ки онҳо аз миллати Ислом берун набаромада бошанд.

***Хулоса:*** Бояд шахси мусалмон вақте аз чизе, ки огаҳӣ надорад, пурсида мешавад гӯяд: Худо донотар аст ва бар худ такаллуф ва гаронӣ бор насозад. Маҳс кашидан бар масҳиҳо дар сафар ва ҳазар *(дар ҳоли муқимӣ будан)* ҷоиз мебошад.Ҳаҷ ва ҷиҳод бо роҳбарони одил ва ситамгор то оғози қиёмат идома хоҳад ёфт.

***Пурсишҳо:***

1. Аз чизе ки намедонӣ, пурсида шавед, чӣ мегӯӣ?
2. Масҳ кашидан бар масҳиҳо чӣ ҳукм дорад ва муддати масҳ чӣ қадар аст?
3. Ҷиҳод ва ҳаҷ намудан бо сарвари золим чӣ ҳукм дорад?

Final



## ДАРСИ БИСТУ ПАНҶУМ

[٧٨] وَنؤْمن بالكرام الكاتبينَ، فإنَّ الله قد جَعَلَهُم عَلَينا حَافظِين.

78-Ба фариштагоне, ки Киромулкотибин ном доранд имон меорем, зеро дар ҳақиқат Худованд онҳоро бар аъмоли мо гумошта, то онро ҳифз намоянд.

***Шарҳ:*** Аҳли суннат ба фариштагони гиромие, ки аъмоли бандагонро менависанд, имон меоранд.

Дар ҳақиқат Худованд онҳоро болои мо гумоштааст, то ҳамаи гуфтору кирдори моро баршумурда, сабт намоянд ва ба ҷуз вақти ҷимоъ ва истинҷо ҳама вақт дунболи мо мебошанд. Чи тавре ки Ӯ таъоло дар шаънашон фармуда: **“Ва ба дурустӣ, ки бар шумо нигаҳбононе аст, ки бузургвор нависандагонанд, ҳарчӣ кунед, ҳамаро медонанд”.**

*(Инфитор: 10-11)*

[٧٩] ونُؤْمن بَمَلك الموْت، الموكَّل بِقبْضِ أرْوَاحِ العَالَمين.

79 -Ва ба Малаку-л-мавт, ки гумошта барои қабзи арвоҳи ҷаҳониён аст, имон меорем.

***Шарҳ:*** Ба малаку-л-мавт, ки Худованд Ӯро бар қабзи арвоҳи инсу ҷин муваззаф намудааст, низ имон меорем, чи тавре ки Аллоҳ таъоло мефармояд: **“Бигӯ, эй паёмбар барои кофирон малаку-л-мавте ки гумошта шуда бар шумо рӯҳи шуморо қабз хоҳад кард. Баъд аз он ба сӯи Парвардигори хеш гардонда мешавед”.**

*(Саҷда: 11)*

Final

Нисбат додани марг ба сӯи малак *(фаришта)* ба эътибори ин аст, ки ӯ ба иҷозаи Аллоҳ таъоло ба гирифтани арвоҳи одамон машғул мебошад, вале Зоти миронанда фақат Худованди бузург аст ва Малакулмавт иҷрокунандаи ирода ва фармони Ҳақ таъоло мебошад. Бинобар ин ӯ фақат ҳамон арвоҳ *(ҷонҳое)*-ро қабз менамояд, ки Худованд қабзи онҳоро амр намудааст.

Ӯ бузургтарин махлуқе дар олами фариштагон маҳсуб мегардад ва барояш номи мушаххасе дар Қуръон ва ҳадиси набавӣ наёмадааст. Он номҳое, ки дар миёни оммаи мардум барояш мегӯянд, аз ривоятҳои саҳиҳи паёмбар (с) набуда, балки онҳо аз суханони аҳли китоб *(Насоро)* маншаъ гирифтаанд.

[٨٠] وَبِعَذَابِ القَبْرِ لِمَنْ كَانَ لَهُ أَهْلاً، وَسُؤَالِ مُنْكَرٍ وَنَكِيرٍ فِي قَبْرِهِ عَنْ رَبِّهِ وَدِينِهِ وَنَبِيِّهِ، عَلَى مَا جَاءَتْ بِهِ الأَخْبَارُ عَنْ رَسُولِ اللهِ صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وَعَلَى آلِهِ وَسَلَّمَ، وَعَنِ الصَّحَابَةِ رِضْوَانُ اللهِ عَلَيْهِمْ.

80- Ба азоби гӯр барои шахсе, ки сазовори он аст, ба саволи Мункар ва Накир аз Парвардигор, дин ва паёмбараш ва ба он ахбору ривоятҳое, ки аз Расули Худо (с) ва саҳобаи киром дар ин замина омадааст, имон меорем.

***Шарҳ:*** Ба азобу шиканҷаи ҳақиқӣ, ки дар гӯр ба кофирон, мунофиқон ва мусалмонони фосиқ рух медиҳад, имон оварда тасдиқ менамоем. Манзур аз қабр чуқурие дар замин набуда, балки мақсуд аз он олами барзах аст.

Бинобар ин шахси табаҳкор хоҳ дар ин қабр бошад, ё баҳр ё шиками наҳангҳо ва даррандагон ё дар шиками паррандагон дар олами барзах азобу шиканҷа карда мешавад ва ба ин ки кайфари мазкур сазои одилонаи онҳост ва воқеъан эшон мустаҳиқи он ҳастанд, низ имон хоҳем овард.



Final

Ҳамчунин ба Мункару Накир имон меорем ва онҳо ду фариштаи тунд ҳастанд, ки ҳар инсонро дар гӯраш аз Парвардигор, аз дин ва паёмбараш мепурсанд.

Тамоми ин хабарҳо ба тавотур ва дурустӣ аз он ҳазрат (с) ривоят шудааст, бинобар ин эътиқоду бовар кардани онҳо воҷиб мебошад.

[٨١] وَالقَبْرُ رَوْضَةٌ مِنْ رِيَاضِ الجَنَّةِ، أَوْ حُفْرَةٌ مِنْ حُفَرِ النِّيرَانِ.

81-Қабр боғе аз боғҳои биҳишт аст, ё чуқурие аз чуқуриҳои дӯзах.

***Шарҳ:*** -Қабр боғе аз боғҳои биҳишт аст, барои мӯъмине, ки Худованд ӯро дар посухи Мункару Накир устувор ва комёб намуда бошад ё он чуқурие аз чуқуриҳои дӯзах аст, бар ашхоси кофир, мунофиқ ва низ мусалмонони фосиқ ва ситамгар.

"Қабр, боғест аз боғҳо …" ин ҳадис нест, ки бо чунин алфоз аз паёмбар (с) ривоят шуда бошад, балки он мазмуни аҳодиси саҳиҳе аст, ки дар мавриди қабр ва воқиъоти марбут ба он омадааст.

***Хулоса:*** Ба фариштагони гиромие, ки нигаҳбону нависандагони аъмоли бандагон мебошанд ва ба Малакулмавт, ба азоби қабр ва неъматҳо ва суолу пурсиши он ва ба Мункару Накир имон меоварем.

***Пурсишҳо:***

1. Фариштагони нигаҳбон киҳоянд?
2. Аз Малакулмавт чӣ маълумот дорӣ?
3. Оё дар гӯр азоб ва неъмату осоиш ҳаст?
4. Мункар ва Накир кистанд?



Final

## ДАРСИ БИСТУ ШАШУМ

[٨٢] ونؤمن بالبعث وجزاء الأعمال يوم القيامة، والعرض
والحساب، وقراءة الكتاب، والثواب والعقاب، والصراط
والميزان.

82-Ба ангехтани аз гӯр ва ба подоши аъмол рӯзи растохез, ба арзу ҳисоб, хондани номаи аъмол, савобу иқоб ва пӯли сирот ва ба тарозӯи Илоҳӣ имон меоварем.

***Шарҳ:*** Аҳли суннат ба ин ки Худованди бузург рӯзи қиёмат мурдагонро зинда карда, подоши аъмолашонро медиҳад, низ имон меоранд. Чунончи Ҳақ таъоло мефармояд: **“Бигӯ оре, қасам ба Парвардигори ман, албатта шумо дубора зинда карда мешавед, сипас аз кирдорҳои дар дунё кардаатон хабар дода мешавед ва ин амр дар назди иқтидори Илоҳӣ саҳлу осон мебошад”.**

*(Тағобун :7)*

Ҳамчунин эшон ба ҳозир намудани бандагон дар назди Худо ва ба ҳисобу бозпурсӣ намудани амалҳои ҳар банда низ имон меоранд. Худованди бузург мефармояд: **“Он рӯз шуморо ба пешгоҳи Худо ҳозир кунанд ва аз ҳоли шумо ҳеҷ сирре пинҳон намонад”.**

*(Алҳоққа: 18)*

Ба хондани номаи аъмол,ба савобу подош ба некӯкорон ва иқобу сазо ба бадкирдорон ва ба пӯли сирот низ имон меоварем.

Сирот, пӯлест аз мӯй бориктар ва аз шамшер тезтар, болои дӯзах гузошта шудааст, ки бандагони солиҳ онро



гузашта ба биҳишт мераванд ва бандагони табаҳкор аз он лағжида ба ҷаҳаннам меафтанд.

Ба мизон, тарозуе, ки аъмоли бандагон ба василаи он баркашида хоҳад шуд, низ имон меоранд ва он тарозуи ҳақиқиест, ки дар як паллаи он аъмоли некӯ ва дар паллаи дуввумаш аъмоли бад гузошта мешавад.

[٨٣] والجنة والنار مخلوقتان لا تفنيان أبدا ولا تبيدان، وإن
الله تعالى خلق الجنة والنار قبل الخلق، وخلق لهما
أهلا، فمن شاء منهم إلى الجنة فضلا منه، ومن شاء
منهم إلى النار عدلا منه، وكل يعمل لما قد فرغ له،
وصائر إلى ما خلق له.

83 Биҳишт ва дӯзах офарида шудаанд, ки мунтаҳӣ ва нест нашаванд ва Худованд он дуро пеш аз мардум офарида, барои ҳарду *(биҳишт ва дӯзах)* мардумони сазовор халқ намудааст, касеро, ки аз эшон хоҳанд бо фазлу карами худ вориди биҳишт намуда ва ҳар касеро, ки хоҳад бо адлу доди хеш ба дӯзах меандозад. Ҳар кас мувофиқи он чи ки Худованд барояш муқаддар сохта амал намуда, ба сарнавишт ва фарҷоме, ки Офаридгор барояш низ муқаддар намуда, бармегардад.

***Шарҳ:*** Аҳли суннат ба вуҷуди биҳишт ва дӯзах ба ин ки онҳо офаридашуда ва алъон мавҷуданд, имон меоваранд.

Биҳишт бошишгоҳи парҳезкорон ва дӯзах ҷойгоҳи кофирон ва гунаҳкорон мебошад. Дӯзахи гунаҳкорони уммати Ислом тамом шуданист, вале дӯзахи кофирон абадӣ хоҳад буд. Биҳишт тамомнашаванда ва ҷовидон мебошад. Воқеан, Худованд он дуро қабл аз офариниши мардум офаридааст ва барояшон низ ашхоси мувофиқ халқ намуда.

Аҳли биҳишт тибқи кирдори биҳиштиён амал менамоянд, вале аҳли дӯзах мувофиқи кирдори дӯзахиён амал мекунанд, аз ин рӯ аҳли ҷаннат ба фазлу карами Аллоҳ таъоло вориди

он мешаванд ва аҳли дӯзах ба адлу инсофи Худованд дохили он хоҳанд гардид.

Ҳар шахс тибқи муқаддароти Илоҳӣ амал менамояд ва ҳамчунин ба фарҷоме, ки Офаридгор барояш муқаддар сохтааст, боз хоҳад гашт.

[٨٤] والخَيْرُ والشَّرُّ مُقَدران عَلى العِبَادِ.

84-Хайру некӣ ва шарру бадӣ бар бандагон муқаддар мебошад.

***Шарҳ:*** Хайр ва шарр ҳарду ба қазову тақдири Аллоҳ таъоло мавҷуд гардидааст.Чунон чи Худованд мефармояд: **“Бигӯ, ҳама** *(хайр ва шар)* **аз назди Худост”.** *(Нисо:78)*

Бинобар ин ҳар хайр ва шарре, ки дар ин ҷаҳон рӯй медиҳад, ҳама ба ирода ва тақдири Ҳақ таъоло ҷараён хоҳад гирифт, чизеро ки хоҳад ҷорӣ мешавад ва ҳар чи ки нахост, таҳаққуқ намеёбад.

Final

[٨٥] والاسْتِطاعَةُ التي يَجِبُ بِهَا الفِعْلُ، مِنْ نَحْوِ التَّوْفيق الذي لا يَجوزُ أنْ يوصفَ المَخْلُوقُ بِهِ - فَهي مَعَ الفِعْلِ. وأمَّا الاستطاعة من جِهَةِ الصحة وَالوُسْعِ، والتمكن وَسَلامة الآلاتِ - فهي قَبْلَ الفِعْلِ، وبها يَتَعلقُ الخِطَابُ، وَهو كما قال تعالى: ﴿لا يُكَلِّف الله نَفْساً إلا وُسْعَها﴾[البقرة:٢٨٦].

85-Иститоъате, ки бад-он феъл воҷиб гардад, аз қисми тавфиқу ҳидояти Илоҳист, ки тавсиф намудани банда ба он ҷавоз надорад, аз ин рӯ он ба феълу иродаи Худованд, марбут



мебошад. Вале иститоъати сиҳату саломатӣ, тавону қудрати кор ва фароҳам будани васоил ва имконоти кор қабл аз феъл мебошад ва ҳамин иститоъат ба хитоб ва амри Илоҳӣ тааллуқ дорад ва низ Худованд дар ояти зерин ба он ишора фармуда: **“Аллоҳ таъоло ҳар касро ба андозаи тоқат ва нерӯяш мукаллаф менамояд.”**

***Шарҳ:*** Иститоъат ду навъ аст. Якум иститоъати фароҳам омадани асбобу васоили анҷомдиҳии кор ва қуввату нерӯи лозима доштан барои татбиқу пиёда намудани коре, ки ин навъ иститоъат аслан қабл аз анҷом додани кор мавҷуд мебошад. Бар асоси ҳамин иститоъат амру наҳйи Илоҳӣ бандагонро шомил мегардад. Чунон чи Худованд фармуда: **“Аллоҳ таъоло ҳар касро ба андозаи тоқат ва нерӯяш мукаллаф менамояд”.** *(Бақара: 286)*

Дуввум қудрат ва иродаи иститоъати ҳамон кор аст, ки ин дар дасти тавфиқ ва ҳидояти Худост, ки банда аз ӯҳдаи иҷрои он оҷиз мебошад, аз ин рӯ ҷуз Аллоҳ таъоло касеро ба ин васф карда намешавад.

Final

[٨٦] وَأَفْعَالُ العباد خَلْقُ اللهِ، وكَسْبٌ مِن العِبادِ.

86 Афъолу кирдори бандагон офариниши Худо ва касби бандагон мебошад.

***Шарҳ:*** Ҳама афъол ва кирдори бандагон офариниши Худованди бузург аст, чи тавре ки Офаридгор мефармояд: **“Худованд шумо ва амалҳоятонро офаридааст”.** *(Соффот: 96)*

Вале анҷомдиҳии он аз тарафи бандагон сурат мегирад ва ин қавл мазҳаби барҳақ мебошад бар хилофи ҷабрия, ки онҳо ирода ва хоҳиши бандаро салб намуда, ӯро мақҳур ва маҷбури иродаи Худо медонанд.

Тоифаи мӯътазила ҳам дар ин масъала бо аҳли ҳақ мухолиф баромада, бандаро халққунандаи афъоли бад бидуни иродаи Худо медонанд, ки ҳар ду гурӯҳи мазкур дар ду тарафи ифрот

ва тафрит қарор доранд, вале аҳли суннат ва ҷамоъат дар хати васат ва иътидол мебошанд.

[٨٧] ولمْ يكَلِّفهُم اللهُ تَعَالَى إلا مَا يُطِيقُونَ، وَلَا يُطِيقُونَ(*) إلا مَا كَلَّفَهُم وَهُوَ تَفْسِيرُ: «لا حَوْلَ ولا قُوَّةَ إلا بالله». نقول: لا حِيلَةَ لأحَدٍ، ولا حَرَكَةَ لأحَدٍ ولا تَحَوُّلَ لأحَدٍ عَنْ مَعْصِيَةِ اللهِ إلا بِمعونَةِ الله، وَلَا قُوةَ لأحَدٍ على إقامة طَاعَةِ اللهِ والثَّباتِ عَلَيْهَا إلا بِتَوْفِيقِ الله.

87-Худованд бандагонашро ба корҳое, ки дар ҳадди тавону қудраташон аст, мукаллаф ва муваззаф карда ва ба ҷуз таклиф ва супориши Худо тавони анҷом додани кореро *(болотар аз он)* надоранд ва ин матлаб тафсир ва шарҳи ***"Ло лавҳа ва ло қуввата илло биллоҳ"*** аст, ки мегӯяд: *"Нест тадбиру чора барои тарки маъсият, магар ба ёриву мадади Худованд ва нест қуввату нерӯ барои анҷом додани тоату ибодати Аллоҳ таъоло, магар ба тавфиқу ҳидояти Ӯ".*

***Шарҳ:*** Аллоҳ таъоло мардумро ба корҳое, ки дар ҳадди тавону қудраташон аст, мукаллаф намуда, ки ин амр худ далолат ба он менамояд, ки эшон аз ӯҳдаи он мебароянд. Агар онҳо аз таклифи Илоҳӣ қудрати фаротар ва бештар медоштанд, яқинан, Ҳақ таъоло эшонро ба он кор маъмур месохт. Аз ин рӯ, онҳоро дар ҳудуди иститоъаташон мукаллаф намудааст ва ин амр худ баёнгари маънои ***"Ло лавҳа ва ло қуввата илло биллоҳ"*** мебошад, ки дар боло маънои онро зикр намудем.



[٨٨] وَكُلُّ شَيْءٍ يَجْرِي بِمَشِيئَةِ اللهِ تَعالَى وَعِلْمِهِ وَقَضَائِهِ وَقَدَرِهِ. غلَبَت مَشيئَتُهُ المشيئَاتِ كُلَّهَا، وغلب قَضاؤه الحيل كُلَّهَا. يَفْعل مَا يَشاءُ وَهُوَ غَيرُ ظَالِمٍ أبَداً تَقَدَّسَ عَنْ كُلِّ سُوءٍ وَحَيْنٍ، وَتَنَزَّهَ عَنْ كُلِّ عَيْبٍ وَشَيْنٍ، ﴿لا يُسْأَلُ عَمَّا يَفْعَلُ وَهُمْ يُسْأَلُونَ﴾ [الأنبياء: ٢٣]

88-Ва ҳама чиз дар ҷаҳони ҳастӣ ба ирода ва қазову қадарӣ Илоҳӣ ҷараён мегирад. Иродаву хоҳиши Худованд бар ҳамаи иродаҳо ғолиб аст ва ҳукми Ӯ тамоми тадбиру найрангҳоро ғалаба кардааст. Ҳар чиро хост, мекунад дар ҳоле ки Ӯ ҳеҷ гоҳ ситам нахоҳад кард. Аз тамоми бадӣ ва ҳалокату нестӣ ва инчунин аз ҳар айбу нуқсон поку муназзаҳ мебошад.

***Шарҳ:*** Тамоми ашё ва умур дар ин олам ба ирода, илм ва қазову тақдири Худои бузург ҷорӣ мегардад, аз ҳамин ҷиҳат иродаву хоҳиши Илоҳӣ тамоми хоҳишотро мағлуб кардааст ва инчунин ирода ва хоҳиши Ҳақ таъоло бечуну чаро иҷро мегардад. Ҳарчанд мардум барои раҳидан аз чанги қазову қадари Илоҳӣ тадбиру ҳилла намоянд ҳам, вале қазо ва ҳукми Ӯ бар ҳама ҳиллаву тадбир чира мегардад.

Аллоҳ таъоло ҳар чи хоҳад мекунад, дар ҳоле ки Ӯ аз зулму ситам раво доштан бар чизе ё касе пок ва барӣ мебошад ва ҳар чизе, ки Ӯ таъоло ҳукм карда, айни адлу доди Ӯ маҳсуб мешавад. Чи тавре, ки дар Қуръони карим омада: **"Ҳамоно Худованд ба мардум чизе ситам намекунад, вале онҳо ба нафсҳои худ зулму ситам менамоянд".**

*(Юнус: 44)*

Ҳамчунин Худованди Субҳон аз ситаму корҳои бад ва зулму ҷавр ва аз ҳама айбу нуқсон пок ва муназзаҳ мебошад.



Final

***Хулоса:*** Зинда кардани мурдагон рӯзи қиёмат, ҳозир намудани эшон ба назди Худо, ҳисобу ҷазо, мизону тарозу ва биҳишту дӯзах ҳама ҳақ ва ростанд. Инчунин ҷаннат ва дӯзахро Ҳақ таъоло халқ карда, ки ҳаргиз мунтаҳӣ ва нобуд нахоҳанд шуд.Ҳар банда ба корҳои муқаддар намудаи Худованд равон аст ва тамоми афъолу кирдори бандагон офаридаи Ӯ мебошад. Иститоъат чунончи тавзеҳ намудем, ду навъ аст ва Ҳақ таъоло бандагонашро аз тавону қудраташон бештар мукаллаф ва маъмур насохтааст.

***Пурсишҳо:***

1. Аз аҳволи рӯзи қиёмат чӣ маълумот дорӣ?
2. Дар масъалаи нестшавии дӯзах қавли ҳақ ва дуруст кадом аст?
3. Оё Худованд некӣ ва бадиро офарида ва муқаддар намудааст?
4. Чи гуна иддиъои шахсеро ки гуфтааст: “Худованд мардумро аз тавонашон бештар таклиф намуда” рад менамоед?



## ДАРСИ БИСТУ ҲАФТУМ

[٨٩] وفى دُعَاءِ الأَحْيَاءِ وَصَدَقَاتِهِم مَنْفَعَةٌ للأموات.

89-Дар дуои зиндагон ва хайроту садақа намудани онҳо манфиъату фоида барои мурдагон мебошад.

***Шарҳ:*** Мурда аз дуо ва садақаҳои зиндагон хоҳ фарзандон ё дигар хешу табораш бошанд, суду манфиат хоҳад бурд, чунон чи дар ҳадис омада: ***“... ё фарзанди некӯкоре, ки барояш дуо намояд.”*** *(Ба ривояти Муслим.)*

[٩٠] والله تَعالى يَسْتَجِيبُ الدَّعَوَاتِ، ويقضى الحَاجَات.

90-Аллоҳ таъоло дуоҳоро қабул фармуда, ҳоҷату ниёзҳоро бароварда месозад.

***Шарҳ:*** Худованд дуову ниёишҳоро мепазирад, чунончи мефармояд: **Худои шумо фармуд, ки Маро** *(аз таҳти дил)* **дуо кунед, то дуои шуморо мустаҷоб кунам.**

*(Ғофир: 60)*

Ҳамчунин танҳо Ӯст ки ҳавоиҷ ва ниёзҳои мардумро анҷом медиҳад, ба монанди ҷалби манфиат ба онҳо ва дафъи мазаррат аз эшон, зеро ҷуз Худованд касе аз ӯҳдаи ин кор намебарояд.

[٩١] ويَمْلِكُ كُلَّ شَىءٍ، وَلا يَمْلِكُهُ شَىء، وَلا غنى عَنِ الله تَعَالى طَرْفَةَ عَيْنٍ، وَمَنِ اسْتَغْنَى عَنِ الله طَرْفَةَ عَيْنٍ، فَقَدْ كَفَر وَصَارَ مِنْ أَهْلِ الحِينِ.



Final
Final

91-Ва Ӯ молики ҳама ашёст ва мамлуки касе ё чизе нест ва аз Аллоҳ таъоло ба андозаи тарфатулъайн *(якбор мижа задан)* бениёзӣ мумкин нест. Ҳар касе пиндорад, ки як тарфатул-ъайн аз Худо бениёз аст бешакку шубҳа кофир гардида аз ҷумлаи ҳалокшудагон мебошад

***Шарҳ:*** Аллоҳ таъоло молики ҳама моликон ва ҳама ашё буда, тасарруфоту ҳаракатҳои махлуқоташ ба иҷозаи Ӯ мебошад.

Ба миқдори якбор чашмзанӣ бениёзиву мустақилият аз Ӯ имконпазир нест. Аз ҳамин ҷиҳат ҳар махлуқ ва мавҷуд аз офариниш ва мавҷудият сар карда то ризқу рӯзӣ тадбири корҳо ва ҳидояту раҳёбӣ ба Худованди бузург мӯҳтоҷ мебошад. Чи тавре ки Ҳақ таъоло мефармояд: **“Эй мардум, шумо ба сӯи Худо мӯҳтоҷед ва Ӯ танҳо бениёз ва сутуда аст”.**

*(Фотир: 15)*

Бинобар ин ҳар инсоне яклаҳза гумон кунад, ки ӯ аз Худо биниёз буда метавонад, воқеан кофир шуда аз зумраи зиёнкорон ва ҳалокшудагон хоҳад гардид.

[٩٢] واللهُ يَغْضَبُ وَيَرْضَى، لا كَأَحَدٍ مِنَ الوَرَى.

Final

92-Худованд хашм мекунад ва розиву хушнуд мегардад, на монанди яке аз мардумон.

***Шарҳ:*** Вақте ки фароизу воҷиботи Илоҳӣ поймол шавад, Худованд хашму ғазаб мекунад ва чун авомир ва фароизаш ба ҷо оварда шавад, розиву хушнуд мегардад.

Ғазаб ва ризо ду сифатест ки дар Худо собит мебошанд, чи тавре ки Ҳақ таъоло фармуда: **Ва ғазаб кард Худо бар ӯ.**

*(Нисо 93)*

Ва дар ҷои дигар низ мефармояд:

**Ҳар оина Худованд аз мӯъминон розӣ ва хушнуд гардидааст.**

*(Фатҳ: 18)*

Вале хашму ризои Аллоҳ таъоло ба маъное аст, ки ба азамату бузургии Ӯ лоиқ мебошад, зеро ғазаб ва ризои Ҳақ таъоло ҳеҷ вақт монанди сифатҳои одамон намебошад.



***Хулоса:*** дуо ва садақаи зиндагон ба мурдагон нафъ мебахшад. Аллоҳ таъоло иҷобаткунандаи дуоҳо мебошад ва молики тамоми ашёест, ки дар осмонҳову замин аст, маҳсуб мешавад ки аз Ӯ ҳеҷ махлуқе бениёз нест. Ғазаб ва хушнудии Ӯ ду сифати ҳақиқиест ки бар кайфияту ҳолати лоиқ ба ҳазрати Парвардигор таҳаққуқпазиранд.

***Пурсишҳо***

1. Оё мурда аз дуо ва садақоти зиндаҳо нафъ ва суд мебарад?
2. Касе гумон кунад ки аз Худо бениёз буда метавонад,чӣ ҳукм дорад?
3. Оё Худованд дорои сифати ғазаб ва хушнудӣ мебошад?

Final

## ДАРСИ БИСТУ ҲАШТУМ

[٩٣] وَنُحِبُّ أَصْحَابَ رَسُولِ اللهِ صلى الله عليه وعلى آله وسلم، وَلَا نُفْرِطُ فِي حُبِّ أَحَدٍ مِنْهُمْ، وَلَا نَتَبَرَّأُ مِنْ أَحَدٍ مِنْهُمْ، وَنُبْغِضُ مَنْ يُبْغِضُهُمْ، وَبِغَيْرِ الْخَيْرِ يَذْكُرُهُمْ، لَا نَذْكُرُهُمْ إِلَّا بِخَيْرٍ، وَحُبُّهُمْ دِينٌ وَإِيمَانٌ وَإِحْسَانٌ، وَبُغْضُهُمْ كُفْرٌ وَنِفَاقٌ وَطُغْيَانٌ.

93 –Асҳобу ёрони Расули Худоро дӯст медорем, вале дар муҳаббату дӯстии касе аз эшон ифрот намекунем.

Аз касе аз онҳо безорӣ намеҷӯем ва ҳар касе ки онҳоро бад бинад ва ба бадӣ ёд намояд, ӯро бад мебинем ва асҳоби паёмбар (с)-ро фақат ба некӣ ёд мекунем ва дӯст доштани онҳо нишонаи дину имон ва эҳсон маҳсуб мегардад. Ва бадбинии эшон баёнгари куфру нифоқ ва туғёну саркашӣ мебошад.

***Шарҳ:*** Чи тавре ки Худо ва паёмбараш асҳоби худро дӯст медоштанд, мо ҳам онҳоро дӯст хоҳем дошт, вале дар муҳаббати эшон ба ифрот ва азҳадгузарӣ роҳ намедиҳем, чунончи равофиз нисбати Алӣ (с) рафтор намуда, ӯро беш аз мартабааш бардошта, ҳатто ба дараҷаи улуҳият расонданд.

Ҳамчунин аз саҳобагон безорӣ ва дурӣ намеҷӯем, зеро воқеъан, онҳо мӯъминони комилимон, худопарастони комил ва муҷоҳидони ростини уммати Ислом маҳсуб мешаванд. Бинобар ин ҳар касе, ки онҳоро бад бинад ва дар шаънашон сухани носазо гӯяд, ин нишонаи мунофиқӣ аст, ба адовату душмании ӯ бармехезем ва инчунин фақат аз эшон ёди хайр



ва некӯӣ менамоем, зеро Расули Худо (с) онҳоро дӯст дошта ва ба ин амр тавсия намудааст.

Аз ҳамин ҷиҳат муҳаббати эшон нишонаи сиҳати дин ва камоли имон ба шумор рафта, буғзу бадбинии онҳо баёнгари куфру нифоқ ва туғёну гарданфарозӣ мебошад. Худо аз ин гумроҳӣ моро ҳифз намояд.

[٩٤] وَنُثْبِتُ الْخِلَافَةَ بَعْدَ رَسُولِ اللهِ صلى الله عليه وعلى آله أَوَّلاً لِأَبِي بَكْرٍ الصِّدِّيقِ رَضِيَ اللهُ عَنْهُ، تَفْضِيلاً لَهُ وَتَقْدِيماً عَلَى جَمِيعِ الْأُمَّةِ، ثُمَّ لِعُمَرَ بْنِ الْخَطَّابِ رَضِيَ اللهُ عَنْهُ، ثُمَّ لِعُثْمَانَ رَضِيَ اللهُ عَنْهُ، ثُمَّ لِعَلِيِّ بْنِ أَبِي طَالِبٍ رَضِيَ اللهُ عَنْهُ، وَهُمُ الْخُلَفَاءُ الرَّاشِدُونَ وَالْأَئِمَّةُ الْمُهْتَدُونَ.

94-Баъди вафоти Расули Худо (с) хилофатро аввалан барои Абубакри Сиддиқ аз ҷиҳти фазилат ва муқаддамияте, ки бар ҷамиъи уммати Ислом дошт, лоиқу сазовор медонем. Сипас барои Умар ибни Хаттоб, баъд аз он барои Усмон ибни Аффон ва сипас барои Алӣ ибни Абутолиб сазовор хоҳем донист, ки эшон хулафои рошидин ва пешвоёни ҳидоятшуда маҳсуб мешаванд.

***Шарҳ:*** Баъди даргузашти Расули Худо (с) хилофату роҳбарии уммати Исломро барои Абубакри Сиддиқ собиту сазовор медонем, зеро ӯ бар ҷамиъи уммат фазилат ва муқаддамият дошта, паёмбар (с) ҳам дар чанд ҳадис ба хилофаташ талмиҳ ва ишора фармуда буданд ва дар ҳақиқат рӯзи Сақифа ҳамаи мусалмонон бар байъаташ иттифоқ намудаанд.

Баъди вафоти Абубакри Сиддиқ (с) хилофат барои Умар ибни Хаттоб собит мегардад, зеро халифаи роҳил *(Абубакр)* ӯро баъди худ халифа таъйин карда буд, ки ҳар



Final

дуи онҳо ёрони самимии Расули Худо (с) ба ҳисоб мерафтанд.

Сипас ба мақоми хилофат Усмон ибни Аффон, ки шавҳари ду духтари паёмбар (с) буд ва аз ҳамин ҷиҳат ӯро Зуннурайн мегуфтанд, мерасад ва баъд аз ӯ Алӣ ибни Абӯтолиб, шавҳари Фотима, ки духтари он ҳазрат (с) буд, халифаи мусалмонон интихоб шуд ва ин шахсиятҳои чоргона беҳтарини асҳоби паёмбар (с) буданд, хулафои рошидин ва пешвоёни ҳидоятёфта маҳсуб мешаванд ва Расули Худо (с) ба пайравии роҳу равиши онҳо тавсия ва суфориш кардаанд.

[٩٥] وَأَنَّ العَشَرَةَ الَّذِين سَمَّاهُم رَسُولُ الله صلى الله عليه وعلى آله وسلم وَبَشَّرهُم بِالجَنَّةِ، نَشْهَدُ لَهُم بِالجَنَّةِ، عَلَى مَا شَهِدَ لَهُم رَسُولُ الله صلى الله عليه وعلى آله وسلم، وَقَوْلُهُ الحَقُّ، وَهُمْ: أَبُو بَكْرٍ، وَعُمَرُ، وَعُثْمَانُ، وعلي، وَطَلْحَةُ، والزُّبَيْرُ، وسعد، وَسَعِيدٌ، وَعَبْدُالرَّحمَنِ بن عَوْف، وأَبُو عُبَيْدَةَ بْنُ الجَرَّاحِ وَهُوَ أَمِينُ هَذِهِ الأمةِ، رَضِيَ الله عَنْهُم أَجْمَعِين.

95-Барои даҳ саҳобие, ки Расули Худо (с) онҳоро номбар карда, ба даромадани биҳишт мужда додааст, мо низ тибқи гувоҳии он ҳазрат (с) ба биҳиштӣ буданашон ва бар ҳаққонияти сухани он ҳазрат (с) гувоҳӣ хоҳем дод ва эшон иборатанд аз: Абубакр, Умар, Усмон, Алӣ, Талҳа, Зубайр, Саъд, Саъид, Абдурраҳмон ибни Авф ва Абуубайда ибни Ҷарроҳ, ки ӯ амини



уммати Ислом буд, Худованд аз эшон розӣ ва хушнуд шудааст.

***Шарҳ:*** Мо аҳли суннат имон меорем, ба ин ки воқиъан Расули Худо (с) ба даҳ нафаре аз асҳобаш сароҳатан мужда додааст, ки онҳо вориди биҳишт хоҳанд шуд, ки дар боло номи эшон зикр гардид. Ҳамчунин мо ба ин ва дигар башоратҳо, ки баъзе саҳобагонро низ муждаи духули ҷаннат карда буд, имон хоҳем овард, чи тавре ки ин матлаб дар аҳодиси саҳеҳ собит гардидааст.

[٩٦] وَمَنْ أَحْسَنَ القَوْلَ فِي أَصْحَابِ رَسُولِ الله صلى الله عليه وعلى آله وسلم، وأزواجِهِ الطَّاهِراتِ من كُلِّ دَنَسٍ، وَذُرِّيَّاتِهِ المُقَدَّسِينَ مِنْ كُلِّ رِجس، فقد بَرِيءَ مِنَ النِّفَاق.

96-Ҳар касе, ки дар шаъни асҳоби паёмбар (с) ва дар шаъни ҳамсарони он ҳазрат (с), ки аз тамоми палидӣ пок будаанд ва дар шаъни авлоди Расули Худо (с) , ки аз тамоми палидӣ ва умури зишт поканд, сухани некӯ гӯяд, дар ҳақиқат аз нифоқ барӣ ва дур будааст.

***Шарҳ:*** Ҳар шахсе дар ҳаққи ёрони Расули Худо (с), ки воқеъан эшон беҳтарини уммат буданд ва низ дар шаъии занону фарзандони он ҳазрат (с) , ки ҳақиқатан онҳо аз тамоми палидӣ ва гуноҳу маъсият тоҳир ва пок буданд, суханҳои хуб гӯяд, бешакку шубҳа аз маразі нифоқу мунофиқӣ барӣ ва пок гаштааст.

Бояд гуфт, ки паёмбар (с) ҳамвора тавсия ва суфориш мекарданд, ки нисбати асҳоб ва ҳамсарону фарзандони ӯ эҳтиром намуда, аз суханони бад ва зишт дар ҳаққи эшон ҷилавгирӣ намоем ва дар корҳои дин ба онҳо тақлид ва пайравӣ кунем.

***Хулоса:*** Тамоми асҳоби паёмбар (с)-ро бе ифрот ва тафрит дӯст дошта, ба фазилату мақоми онҳо бар дигарон эътироф хоҳем кард.



Final
Final

Хулафои рошидинро тибқи тартиби вилояташон муқаддам медонем ва мақоми дах ёре, ки он ҳазрат (с) эшонро муждаи вуруди биҳишт дода, низ иътироф хоҳем кард. Ҳамчунин ба сароҳат мегӯем: ҳар касе, ки дар шаъни асҳоб ё азвоҷу авлоди Расули Худо (с) сухани бад мегӯяд, бешак ӯ мунофиқ гардидааст.

***Пурсишҳо:***

1. Масъулияти мо нисбати асҳоби Расули Худо (с) чист?
2. Дар ҳаққи азвоҷ ва фарзандони он ҳазрат (с) чӣ гуна бояд рафтор кунем?
3. Мавқеъи мо нисбати касоне, ки дар шаъни асҳоб ва азвоҷу авлоди Расули Худо (с) бадгӯӣ мекунанд, чӣ гуна бояд бошад?

Final



## ДАРСИ БИСТУ НУҲУМ

[٩٧] وعُلماءُ السَّلَف مِنَ السَّابِقينَ، وَمَنْ بَعْدَهُم مِنَ التَّابِعينَ ـ أَهْلُ الخَيْرِ والأثَر، وأَهْلُ الفِقْهِ والنَّظَرِ ـ لايُذكَرُون إلا بِالجَميل، وَمَنْ ذَكرهُم بِسُوء فهو عَلى غَيْرِ السَّبِيل.

97-Уламои салаф, чӣ собиқин ва чи тобиъин эшон ҳама аҳли хайр ва асар ва аҳли фиқҳ ва назар буданд ва ҳамвора аз онҳо ба накӯӣ ёд хоҳем кард. Ҳар касе нисбати эшон ҳарфи носазо гӯяд, дар ҳақиқат ӯ аз роҳи ҳақ ва ҳаниф берун рафтааст

***Шарҳ:*** Уламову донишмандони собиқи Ислом, чӣ аз саҳобагон ва чӣ аз тобиъин *(пайравони онҳо)* ҳама аҳли салоҳ ва хайр ва пайравони суннат ва ҳама аҳли фиқҳу иҷтиҳод буданд, ки ҳама вақт аз эшон ба некӣ ва таърифу тавсиф ёд хоҳем кард.

Бинобар ин ҳар касе нисбати онҳо сухани зишт гӯяд, бидуни шакку шубҳа гумроҳ гардидааст, зеро муҳаббати эшон бар ҳар мусалмон воҷиб аст ва низ гӯшти онҳо барои бадгӯёнашон заҳролуд ва муҳлик мебошад.

Final

[٩٨] ولا نُفَضِّلُ أحَداً مِنَ الأوْلياء عَلى أحَدٍ مِنَ الأنْبِيَاءِ عَلَيْهِمُ السَّلامُ ونقولُ: نَبِي وَاحِدٌ أَفْضلُ مِنْ جَميع الأوْلِيَاء.

98-Ҳеҷ валиро бар ҳеҷ паёмбар (ъ) бартар намедонем ва мегӯем, ки як паёмбар аз ҳама авлиё *(дӯстони Худо)* беҳтар мебошад.

***Шарҳ:*** Авлиёро бар паёмбарон (ъ) бартар намедонем, чи тавре, ки баъзе гумроҳон монанди ибни Арабӣ ва ҳаммаслаконаш мегӯянд.

Балки мегӯем: ҳароина як пайғамбар аз ҳама авлиё беҳтар хоҳад буд, зеро Худованд барояшон нубувват ва ҳикматро бахшида, онҳоро ба паёмбарӣ баргузидааст. Чи тавре, ки Ҳақ таъоло мефармояд: **“Худованд аз миёни фариштагон ва аз миёни мардум паёмбароне хоҳад баргузид”.** *(Ҳаҷ:75)*

[٩٩] وَنُؤْمِنُ بِمَا جَاءَ مِنْ كَرَامَاتِهِمْ، وَصَحَّ عَنِ الثِّقَاتِ مِنْ رِوَايَاتِهِمْ.

99-Ба каромоти авлиё имон меорем ва ривоятҳои каромоти авлиёро, ки дар салоҳу некӯии эшон шакку шубҳа нест, мавриди қабул ва саҳеҳ мебошанд.

***Шарҳ:*** Ба ривояти каромоту корҳои хилофи одат, ки аз авлиёи Худо буруз карданд, имон хоҳем оварди ва каромоти собитнашударо рад мекунем.

Аслу решаи вуҷуди каромот ояти зерин мебошад, ки Худованд фармуда: **“Ҳар вақт Закариё ба савмаъаи ибодати Марям меомад, ризқу рӯзӣ меёфт, ки эй Марям ин рӯзӣ аз куҷо барои ту мерасад? Посух медод, ки ин аз ҷониби Худост. Ҳамоно Худо ба ҳар кӣ хоҳад рӯзии беҳисоб диҳад”.**

*(Оли Имрон: 37)*

Он каромоте, ки дар ҳаққи авлиё ривоят шудааст, фақат ба ҳамон зумра авлиёи Раҳмон *(Худо),* ки ба имону парҳезкорӣ машҳуранд, маҳдуд мебошад ва баъзе авлиёи шайтон, ки бо чашмбандӣ баъзе корҳои фавқулъодда содир намуда, иддаъои валигӣ менамоянд, ҳеҷ таъаллуқе надорад.

***Хулоса:*** Донишмандони солиҳу накӯкори салаф *(гузашта)*-ро танҳо ба некӯӣ ёд менамоем ва паёмбарони Илоҳиро бар авлиё бартар медонем ва ба каромоти саҳеҳе, ки аз авлиёи Худо ривоят шудааст, имон хоҳем оварди.

***Пурсишҳо:***

1. Нисбати олимони салафи солиҳ чӣ гуна рафтор менамоем?
2. Оё беҳтар донистани валӣ аз паёмбар ҷоиз аст?
3. Каромоти авлиё чист ва барои ҷоиз будани каромот далел биёр!



Final

## ДАРСИ СИЮМ

[١٠٠] وَنُؤْمِنُ بِأَشْرَاطِ السَّاعَةِ: مِنْ خُرُوجِ الدَّجَّالِ، وَنُزُولِ عِيسَى بْنِ مَرْيَمَ عَلَيْهِ السَّلَامُ مِنَ السَّمَاءِ، وَنُؤْمِنُ بِطُلُوعِ الشَّمْسِ، مِنْ مَغْرِبِهَا وخُرُوجِ دَابَّةِ الأَرْضِ مِنْ مَوْضِعِهَا.

100-Ба нишонаҳои қиёмат, ки иборатанд аз баромадани Даҷҷол, фуруд омадани Исо (ъ) аз осмон, баромадани офтоб аз самти мағриб ва ба баромадани ҷонвари замин аз ҷои худ имон меоварем.

***Шарҳ:*** Ба аломату нишона доштани қиёмат имон хоҳем оварди, ки агар онҳо зоҳир шаванд, бешак ба наздикшавӣ ва омадани қиёмат далолат менамоянд. Ҳамаи аломатҳоро Расули Худо (с) дар ҳадисе, ки дар бораи қиёмат гуфта, баён фармудааст: ***“Ҳамоно қиёмат ҳаргиз барпо нахоҳад шуд, то ин ки даҳ нишонаро бубинед ва шурӯъ кард ба зикри Даҷҷол ва ҷонвар ва баромадани офтоб аз самти мағриб ва фуруд омадани Исо ибни Марям…”***

*(Ба ривояти Муслим ва Ибни Моҷа.)*

Ин аломатҳои бузурги қиёмат мебошанд, ки аломатҳои кӯчаки дигар ҳам дорад.

[١٠١] ولا نُصَدِّقُ كَاهِناً وَلا عَرَّافاً، ولا من يَدَّعِي شَيْئاً يُخَالِفُ الكِتَابَ والسُّنَّةَ وإجْمَاعَ الأُمَّةِ.

101-Коҳин *(фолбин)* ва арроф *(мунаҷҷим)*-ро бовар намекунем ва инчунин ҳар касе, ки мухолифи Қуръон ва



Final

суннати паёмбар (с) ва иҷмоъи уммат чизе даъво намояд, ӯро тасдиқ ва бовар нахоҳем кард.

***Шарҳ:*** Коҳинон ва мунаҷҷимонро, ки даъвои донистани илми ғайб намуда, ҳар чизро пешгӯӣ мекунанд, тасдиқу бовар нахоҳем кард, зеро Худованди бузург мефармояд: **“Ва ҳеҷ кас намедонад, ки фардо чӣ хоҳад кард.”** *(Луқмон: 34)*

Дар ҷои дигар низ фармуда: **“Бигӯ ҳеҷ кас дар осмонҳо ва замин ба ҷуз Худованд илми ғайбро намедонад”.**

*(Намл: 65)*

Ҳамчунин Расули акрам (с) мегӯяд: ***“Ҳар касе ба назди мунаҷҷим*** *(пешгӯ)* ***ва фолбин равад ва ҳарфҳои эшонро тасдиқу бовар намояд, воқеъан ба дини Муҳаммад (с) кофир гардидааст.”*** *(Ба ривояти Тирмизӣ ва Ҳоким.)*

Аз ҳамин ҷиҳат ҳар шахсе чизеро ки мухолифи Қуръон ва аҳодиси набавӣ ва иҷмоъи уммат бошад, иддаъо кунад, ӯро маҳкум намуда, суханашро рад хоҳем кард.

***Хулоса:*** Ба нишонаҳои бузурги қиёмат имон меорем ва коҳинону пешгӯён ва ҳар касеро, ки хилофи Қуръон, суннат ва иҷмоъи уммат даъво намояд, такзиб намуда, бовар нахоҳем кард.

***Пурсишҳо:***

1. Аломати қиёмат чӣ маъно дорад ва чор аломаташро баён намоед?
2. Шахсоне, ки назди коҳинону фолбинҳо рафта, онҳоро бовар намоянд, чӣ ҳукм дорад?



Final

## ДАРСИ СИВУ ЯКУМ

[١٠٢] وَنَرَى الْجَمَاعَةَ حقا وَصَوَاباً. والفُرْقَةَ زَيْغاً وَعَذَاباً.

102-Ҷамоъати муслиминро ҳақ ва савоб донистa, ҷудоӣ аз ҷамоатро гумроҳӣ ва азоб медонем.

***Шарҳ:*** Ҷамоъатро ҳақиқату савоб ва роҳи рост медонем, ки ин ҷамоъатро фирқаи ноҷия *(гурӯҳи растагор)* гӯянд ва ин гурӯҳ ҳамвора ба Қуръон ва суннати Расули акрам (с) устувор мебошад.

Ғайри фирқаи ноҷия *(аҳли суннат ва ҷамоъат)* дигар тоифаву гурӯҳҳо ҳама мунҳариф буда, ба гумроҳӣ рафтаанд, ки дучори азобу кайфари Илоҳӣ дар дунё ва охират хоҳанд шуд. Чи тавре ки Худованди бузург мефармояд: **“Ва ин аст роҳи рост, пайравии он кунед ва аз роҳҳои дигар, ки муҷиби тафриқа ва парешонии шумо аз роҳи Худо мебошад, мутобиъат накунед”.** *(Анъом:153)*

[١٠٣] وَدِينُ اللهِ فِي الأَرْضِ وَالسَّمَاءِ وَاحِدٌ، وهُوَ دِينُ الإِسْلَامِ، قَالَ اللهُ تعالى: ﴿إِنَّ الدين عند الله الإِسْلامُ﴾

[آل عمران: ١٩].

103-Дини Худованд дар осмонҳо ва замин як аст, ки он дини Ислом мебошад. Ҳақ таъоло мефармояд: **“Ҳамоно дини писандида дар назди Худо Ислом аст.”**

Ва низ мефармояд: **“Ва беҳтарин ойинро, ки Ислом аст, бароятон баргузидам.”**

Final

***Шарҳ:*** Дину ойини баргузидаи Худованд як аст, ки он Ислом мебошад, чунон чи Ӯ дар чанд ҷои Қуръон мефармояд: **“Ҳамоно дини писандида дар назди Худо Ислом аст”.**

*(Оли Имрон: 19)*

**“Ҳар касе ғайр аз Ислом дине ихтиёр кунад, ҳаргиз аз вай чизе пазируфта нахоҳад шуд ва ӯ дар охират аз зиёнкорон аст”.** *(Оли Имрон: 85)*

Бинобар ин дини барҳаке, ки Худованд ҳамаи паёмбаронашро бо он фиристода ва ғояву ҳадафи аслии он парастиши Аллоҳи ягона аст, Ислом мебошад.

Чунон чи фарзандони Яъқуб (ъ) гуфтанд: **“Ва мо барои Ӯ** (Худо) **муслим ва мӯъмин мебошем.”** *(Бақара:133)*

Ва низ Мӯсо (ъ) ба қавмаш гуфт: **“Эй қавм, агар шумо дар ҳақиқат имони ба Худо оварда ва агар ба ростӣ таслими фармони Ӯ ҳастед, бар Худо таваккал кунед”.**

*(Юнус: 84)*

Малика Булқис ҳам ҳамин тавр гуфт: **“Ҳамроҳи Сулаймон ба Худованд, Парвардигори ҷаҳониён таслим шудам”.**

*(Намл:44)*

Final

[١٠٤] وَهُوَ بَيْنَ الغُلُوِّ وَالتَّقْصِيرِ، وَبَيْنَ التَّشْبِيهِ وَالتَّعْطِيلِ، وَبَيْنَ الجَبْرِ وَالقَدَرِ، وَبَيْنَ الأَمْنِ وَالإِيَاسِ.

104-Ва Ислом динест, ки миёни ифроту тафрит ва ташбиҳу таъвил ва миёни ҷабру тақдир ва эминӣ ва ноумедӣ қарор дорад.

***Шарҳ:*** Чи тавре, ки Аллоҳ таъоло фармуда **“Инчунин мо шуморо уммати васат гардондем.”** Ислом дини васат ва миёнаравӣ дар тамоми корҳо мебошад, аз ҳамин ҷиҳат ӯ дар ибодат ба ифроту *(аз ҳадгузарӣ)* тафрит *(кӯтоҳӣ кардан)* роҳ намедиҳад ва дар ҳаққи паёмбар (с) ҳам миёни ифроту тафрит қарор дорад.

Дар боби имон ба сифоти Худованд, миёни касоне, ки сифоти Илоҳиро ба сифоти башар ташбиҳ карданд ва



касоне, ки сифоти Худоро бо инкори маъноящ таътил *(бекор ё лағв)* намуданд, мавқеъгирӣ намудааст.

Ҳамин тавр Ислом дар мавриди тақдир мухолифи ҷабрия, ки инсонро як махлуқи беирода медонанд ва қадария, ки инсонро офарандаи афъоли хеш мегӯянд, буда, васатиятро интихоб мекунад.

Ислом миёни эминӣ ва ғафлат аз озмоишу муҷозоти Худо ва яъсу ноумедӣ аз раҳмати Илоҳӣ қарор дорад, ки пайравонашро ба имон ва тоъату ибодат амр карда, мегӯяд, ки агарчи гуноҳу маъсият карда бошед ҳам, ҳаргиз аз раҳмату бахшоиши Аллоҳ таъоло ноумед набошед.

Final

## ДАРСИ СИВУ ДУВВУМ

[١٠٥] فَهذَا دِينُنَا واعْتِقَادُنَا ظاهراً وبَاطناً. ونَحْنُ بَرَاءٌ إلى الله مِنْ كُلِّ مَنْ خَالَفَ الَّذِي ذَكَرْنَاهُ وبَيَّنَّاهُ.

105-Ин баёни дин ва эътиқоди зоҳирӣ ва ботинии мост ва мо аз ҳар шахсе, ки мухолифи ақоиди мазкура бошад, ба пешгоҳи Аллоҳ таъоло бароат ва безории хешро эълом медорем.

Аз Худованд масъалат дорем, ки бар имон собиту устувор намуда, фарҷоми ҳаёти моро ба он хатм намояд ва моро аз ҳавову ҳаваси мухталиф ва афкори тафриқаангез ва мазҳабҳои фосид, монанди мушаббиҳа, муътазила, ҷаҳмия, ҷабрия, қадария ва дигар мухолифони суннат ва ҷамоат ва гумраҳшудагон, ки мо аз эшон безорбуда онҳоро гумроҳ ва фосид медонем, дар паноҳи исмати хеш нигоҳ дорад.

***Шарҳ:*** Дар ҳақиқат мо дин ва ақидаамонро бо зикри ончи дар сафаҳоти гузашта дарҷ гардид, бозгӯ намудем, аз ин рӯ эътиқоди зоҳирӣ ва ботинии мо ҳамин мебошад ва ҳаргиз бо касоне, ки хилофи ботини хешро вонамуд месозанд *(мунофиқин)* ҳаммаслак нахоҳем буд ва низ бароату безории худро аз ҳар қавл ё шахсе, ки мухолифи матолиб ва ҳақоиқи мазкур бошад, ба Худованд эълом медорем.

Аз Худованди бузург масъалат ва хоҳиш дорем ки моро бар имону ислом устувор гардонад ва аз ҳавову майли фосид ва гумонҳои ботил ва афкори парешон дар масоили эътиқод ва аз мазҳабҳои фосид, монанди мушаббиҳа, мӯътазила, ҷаҳмия, ҷабрия, ва қадария ва дигарон ҳифз фармояд, зеро ки ин мазоҳиби ботила бо суннат ва ҷамоати муслимин мухолиф баромада, залолату гумроҳиро интихоб намудаанд ва бо гумроҳон дар тарвиҷу нашри залолат ва куфру бидъат мекӯшанд, бинобар ин аз ҳамаи онҳо безорӣ меҷӯем.

Final



Зеро бар ҳар мусалмон воҷибу фарз аст, ки аз аҳли залолат ва бидъат безорӣ ҷуста, бо сароҳат гумроҳӣ ва фасоди ақлу мазҳаби эшонро ба дигарон бозгӯ намояд. Худованд моро аз афкору мазоҳиби фосид нигоҳ дошта, дар роҳи рост муваффақ ва комёб гардонад.

Дуруду саломи Худо ва фариштагон нисори Муҳаммад (с) ва тамоми хонадон ва асҳобаш бод!

Final

## Мундарича


Муқаддимаи мутарҷим. ........ 3
Муқаддимаи муаллиф ........ 5
Дарси аввал ........ 7
Дарси дуввум ........ 11
Дарси саввум ........ 15
Дарси чорум ........ 19
Дарси панҷум ........ 21
Дарси шашум ........ 25
Дарси ҳафтум ........ 27
Дарси ҳаштум ........ 31
Дарси нуҳум ........ 34
Дарси даҳум ........ 35
Дарси ёздаҳум ........ 43
Дарси дувоздаҳум ........ 45
Дарси сездаҳум ........ 47
Дарси чордаҳум. ........ 52
Дарси понздаҳум ........ 57
Дарси шонздаҳум ........ 59
Дарси ҳабдаҳум ........ 61
Дарси ҳаждаҳум ........ 62
Дарси нуздаҳум ........ 64
Дарси бистум ........ 69
Дарси бисту якум ........ 72
Дарси бисту дуввум ........ 74
Дарси бисту сеюм ........ 79
Дарси бисту чорум ........ 82
Дарси бисту панҷум ........ 84
Дарси бисту шашум ........ 87
Дарси бисту ҳафтум ........ 94
Дарси бисту ҳаштум ........ 97
Дарси бисту нуҳум ........ 102
Дарси сиюм ........ 104
Дарси сиву якум ........ 106
Дарси сиву дуввум ........ 109



### ШАРҲИ ОСОНИ АҚИДАИ ТАҲОВӢ

Муаллиф: **Доктор Муҳаммад ХУМАЙИС**
Мутарҷим аз арабӣ: **Абдулҳалим ОРИФӢ**
Муҳаррири матни тоҷикӣ: **Саидаҳмад ҚАЛАНДАР**
Тарроҳи компютерӣ: **Дилшоди БОБОХОН**
Ношир: ЧДММ “Паёми ошно”
Супориш: № 4
Таърихи чоп: 2. 06. 2007.
Теъдод: 1000 нусха




Final

# شرح العقيدة الطحاوية الميسر

د. محمد بن عبد الرحمن الخميس

Final